**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ВБД:** 66.4 (0)+86.38 (2 тоҷик)

**Ғ**-85

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**АЛИЗОДА АБДУҚОДИР МАҲМАДРАҲИМ**

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ СИЁСӢ – ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГӢ (ОХИРИ АСРИ XX ─ ИБТИДОИ АСРИ XXI)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор Саидов Ҳ.

**Бохтар – 2026**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**БИР**– Бонки исломии рушд

**БИРИТ** – Бунёди (Фонди) исломии рушди илмӣ –техникӣ

**БИРКС** – Бразилия, Россия, Ҳиндустон, Чин, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ

**БМТ**– Бонки миллии Тоҷикистон

**ВАО –** Васоити ахбори омма

**ВКХ** –Вазорати корҳои хориҷӣ

**ИА** – Иттиҳоди Африқо

**ИБ** – Иттиҳоди байнипарлумонӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИП СҲИ**– Иттиҳоди парлумонии давлатҳои узви СҲИ

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**КГ СҲИ** – Котиботи генералии Созмони ҳамкории исломӣ

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КҶИ** – Конгресси ҷаҳонии исломӣ

**КҶИ СҲИ** – Конгресси ҷаҳонии исломии Созмони ҳамкории исломӣ

**ЛГА** – Лигаи кишварҳои араб

**МДТ** – Муассисаи давлатии таълимӣ

**МТС** – Маркази таҳқиқоти стратегӣ

**МТСФИ** – Маркази таҳқиқоти санъат ва фарҳанги исломӣ

**ОИИ** – Ожонсии исломии иттилоотӣ

**ПССИ** – Палатаи савдо ва саноати исломӣ

**САҲА** – Созмони амният ва ҳамкории Аврупо

**СБ ИА** – Суди байналмилалии исломии адолат

**СКИ –**Созмони конфронси исломӣ

**СММ8** – Созмони Милали Муттаҳид

**СОФ** – Созмони озодибахши Фаластин

**СПАД –** Созмони паймони аҳдномаи дастаҷамъӣ

**СҲИ –**Созмони ҳамкории исломӣ

**СҲШ** – Созмони ҳамкории Шанхай

**ТҒҲ** – Ташкилоти ғайриҳукуматӣ

**ХБА** – Хазинаи байналмилалии асъор

**ҲКҒ** – Ҳаракати кишварҳои ғайримунсалик

**ШВКХ**– Шурои вазирони корҳои хориҷӣ

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО** …………….........................................2–3
**МУҚАДДИМА**……………………....………………….................5–24
**БОБИ 1. ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ ДАР БОЗНИГАРИИ ТАЪРИХӢ (СОЛҲОИ 1969–1992)**
1.1. Таъсиси Созмони ҳамкории исломӣ ва мақоми он дар низоми равобити байналмилалӣ ...........................................................................25–40
1.2. Заминаҳои таърихии барқарор гардидани муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ................................41–55

**БОБИ II. САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ (СОЛҲОИ 1992-2022)**
2.1. Ташаккули равобити иқтисодӣ, молиявӣ – инвеститсионӣ ва равобити байнипарлумонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ........................................................................................ 56–79
2.2. Тавсеаи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ: фарҳанг, маориф, илм ва технология...............................................................................................80–99

**БОБИ III. ТАКОМУЛИ МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ЗАМИНАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ КАЛИДИИ МУОСИР**
3.1. Хусусиятҳои муносиботи шарикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ..........100–116
3.2. Ҳолат ва дурнамои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар марҳалаи ҳозира..................................................117–146

**ХУЛОСА ...................................................................................147–155**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...........................................................................................156–158**
**РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ...............................159–182**
**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ……………………………........…….......………...183–184**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар равобити байналмилалии феълӣ созмонҳои мухталифе фаъолият доранд, ки онҳо дар канори дигар давлатҳо дар ҳаллу фасли масоили гуногуни ҷаҳон ширкат меварзанд. Яке аз чунин созмонҳо Созмони ҳамкории исломӣ (минбаъд дар матни диссертатсия дар шакли мухаффаи СҲИ зикр хоҳад шуд) мебошад, ки то 28 июни соли 2011 бо номи Созмони конфронси исломӣ (СКИ) маъруф буд. Ин ниҳод феълан дар радифи дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дар равобити байналмилалӣ мавқеи хос дорад, ки ба як чанд омили иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ вобаста аст. Зеро дар шароити тавсеа ёфтани равандҳои чаҳонишавӣ ҳамоҳангӣ ҷиҳати ҳамгироӣ бо низоми хоҷагии ҷаҳонӣ, муқовимат ба зуҳуроти буҳронӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин ҳифз ва таҳкими мероси анъанавии фарҳангӣ ба як зарурати мубрам дар равобити давлатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Дар марҳалаи имрӯзаи рушду такомули равобити байналмилалӣ СҲИ ба таҳаввулоти ҷиддӣ дучор гашта, аз нигоҳи нуфузу эътибор, теъдоди аъзо ва пураҳаммият будани тасмимҳои худ баъди Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) мақоми дуюмро дорад ва аз соли 1975 мақоми нозирро дар ин созмон дарёфт кардааст. Аксар қарорҳое, ки дар чаҳорчӯби ин созмон қабул карда мешаванд, ба сарнавишти беш аз як миллиард аҳолии дунё таъсиргузор аст. Яъне имрӯз ба ин теъдод аҳолӣ дар кураи Замин пайравони мазоҳиби гуногуни дини мубини ислом мебошанд.

СҲИ ҳам ба мисли СММ созмони калидӣ дар раванди сулҳи тоҷикон буд ва ба ҳайси нозири расмӣ дар музокироти сулҳи тоҷикон ширкат карда, баъди имзои Созишномаи сулҳ ба ҳайати гурӯҳи тамоси кишварҳои кафолатдор шомил гардид. Ҳамчунин, намояндаи он дар

маросими имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 27 – уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва иштирок ва суханронӣ кард.

Бо дарназардошти пураҳаммият будани ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши равобити байналмилалӣ ва сиёсати бисёрсамтаи хориҷии худ иртибот бо бозингарони шинохтаи сиёсати ҷаҳонӣ усули дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиро дар заминаи усули «дарҳои боз» татбиқ намуда, ҳамкории зичу ҳаматарафаро бо СҲИ тавсеа бахшида истодааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин андеша дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ, тамаддунӣ ва мазҳабӣ бо кишварҳои ҷаҳони ислом ҳамкориҳои фаъол ва судмандро бо СҲИ ва ниҳодҳои он идома медиҳад» [24].

Ҳоло бартарият ва дурнамои хуби иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар СҲИ метавон мушоҳида кард. Барои ҷумҳурии мо ҷиҳати татбиқи манофеи минтақавӣ муҳим ин аст, ки дар чунин созмони бисёрҳайата иштирок дошта бошад. Аз ҷониби дигар, хатару таҳдидҳои мавҷуда, алалхусус дар бахши амният, ҳамкориҳои сиёсиву низомиро бо бисёр давлатҳои узви ин созмон талаб мекунад. Болотар аз ин созмонҳои минтақавӣ бо таваҷҷуҳ ба тақсими истеҳсолот ва меҳнат, ки хусусияти ҳамгироӣ доранд, иштироки чунин созмонҳоро дар назар дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз дарёфти истиқлол бо таваҷҷуҳ ба вазъи сиёсии ҷаҳон роҳи хосси ҳаракати хеш ва сиёсати мушаххаси ба худ хосро касб намуда, дар масири истиқрори равобити судманд бо мамолики Шарқ ва Ғарб ҳаракат карда истодааст. Ин дар ҳолатест, ки бар асари равандҳои гуногуни сиёсӣ дар кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик нақши СҲИ ҳамчун механизми ҳамкории кишварҳои узв дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва василаи тамаркузи

захираҳои зеҳнӣ ва моддӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ ба таври назаррас афзуда истодааст.

Аз ҷониби дигар, муҳимтарин вазоифи СҲИ ҳаллу фасли низои Шарқи Наздик, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ, таъмини амнияти дастаҷамъӣ, ҳалли низоъҳои мавҷуда бо роҳи мусолиматомез, таъмини сиёсати ягонаи ҳамоҳангшуда дар сиёсати хориҷии давлатҳо, мубориза барои мустақилияти давлатҳои узв аз болои захираҳои табиии худ, мушкилоти худтаъминкунӣ бо кадрҳо, масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, барномаи озуқаворӣ, масъалаи қарзи хориҷии кишварҳои узви СҲИ ва амсоли инҳо бо аҳдофи рушди стратегии кишвари мо созгор мебошанд.

Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол иҷрои вазифаҳои зикршуда хеле муҳим буда, ниҳоят зарур будани омӯхтани ҷанбаҳои гуногуни онро тақозо менамояд. Мубрамии таҳқикро ҳамчунин манофеи миллии Тоҷикистон, зарурати рушди минбаъдаи робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ бо СҲИ ва бо давлатҳои бонуфузи салтанатии арабӣ, ки узви созмони мазкур мебошанд, муайян кардааст. Ҷанбаи дигари ин масъала, яъне эҳтимолияти ворид шудани унсурҳои ифротгароии динӣ аз Шарқи Наздик ба кишварамон, хатари низоъҳои динӣ, байнимиллӣ ва байниқавмиро дар минтақаи зикршуда низ бояд ба назар гирифт. Як нуктаро зикр кардан лозим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони халқҳои гуногун зиндагӣ мекунанд ва маъмулан ин халқу миллатҳо бо миллати тоҷик дар дӯстӣ ва рафоқату бародарӣ ба сар мебаранд.

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии масъалаи мавриди назар бо дарназардошти нуктаҳои зерин хеле мубрам ба назар мерасад:

**Якум,** СҲИ дар байни ташкилотҳои байналмилалӣ яке аз созмонҳои хеле печида ва пурихтилоф маҳсуб меёбад. Афзун бар ин,

СҲИ созмони динӣ нест, зеро ба ҳайати он кишварҳое шомиланд, ки системаи сиёсиашон ё ба ҳуқуқи исломӣ асос ёфтааст ва ё дунявӣ мебошанд. Ба ҷузъ  аз ин, моро лозим аст, ки таърих ва принсипи кору фаъолияти ин созмонро омӯхта мушаххас намоем, ки ин созмон дар равобити байналмилалӣ чи мақому манзалате дорад. Дар навбати худ, ин имкон медиҳад сенарияи равобити минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ таҳия шавад.

**Дуюм,** Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатҳои арабии Шарқи Наздикро, ки асоси СҲИ – ро ташкил медиҳанд, на танҳо ба ҳайси шарикони муфиди иқтисодӣ, балки ҳамчунин иттифоқчии эҳтимолии стратегӣ ҳисоб мекунад. Аз ин рӯ, робитаи созмони мазкур бо кишвари мо аҳаммияти бештаре пайдо мекунад. Тоҷикистон ният дорад ҳамроҳи кишварҳои минтақаи зикршуда ба муқобили хатарҳои умумӣ – ифротгароии динӣ ва терроризми байналмилалӣ муқовимат кунад.

**Сеюм,** таҳқиқи фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲИ ба он мусоидат менамояд, ки равандҳои  ҳамгироӣ дар миёни кишварҳои узви созмон амиқтар омӯхта шаванд ва масъалаи мақом ва нақши «омили исломӣ» дар ҷаҳони муосир аз нигоҳи илмӣ арзёбӣ гардад.

**Чорум,** таҷрибаи равобити байналмилалии муосир собит менамояд, ки дар марҳалаи кунунӣ аксар кишварҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аз имконоти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ хуб баҳрабадорӣ намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши робитаҳои гуногунҷабҳаи давлатҳо бо СҲИ, ки он дуюмин созмони байналмилалӣ баъди СММ мебошад, имкон медиҳад моделҳои нави ҳамкориҳоро ошкор намуд.

**Панҷум,** СҲИ бо тавсеаи ғайриодӣ дар фаъолияти худ ва сохтори шохабандишудааш фарқ мекунад. Сатҳи таъсири ин созмон ба рушди равобити байналмилалӣ хеле зиёдтар аз дигар созмонҳои минтақавӣ мебошад. Бавежа, моро лозим меояд як нукта, Барномаи ин созмонро, ки

барои солҳои 2016 ва 2025 барои Осиёи Марказӣ дар назар гирифта шудааст, дар мадди назар дошта бошем. Маҳз ба ҳамин хотир, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ, ҳамчунин муайян кардани нақши он дар ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи иқтисодӣ – иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақа муҳим мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда оид ба нақши сиёсӣ ва иқтисодии СҲИ ва дигар созмонҳои байналмилалии исломӣ (ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ) то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Таҳқиқоти дар ин самт анҷомдодаи муҳаққиқон мавзуи мазкурро мӯшикофона ва ба таври маҷмуӣ (комплексӣ) баррасӣ накардаанд ва ин боис гардид, ки хулосаҳои фарогир ва бунёдӣ, дарки дақиқи фаҳмиши масъалаи таҳқиқшаванда ва андешаҳои ғайримуқаррарӣ (ғайристандартӣ) ба миён наоянд.

Ҳангоми омӯзиши мавзуъ мо асарҳои зиёдеро мавриди истифода қарор додем, ки онҳоро метавон ба чанд гурӯҳ тақсим кард ва ин асарҳо паҳлуҳои мухталифи ин мавзуъро дар худ инъикос кардаанд:

**Гурӯҳи якум** аз асарҳое иборат аст, ки барои дарки асосҳои консептуалӣ – назариявии рушди ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ва омӯзиши заминаҳои таърихии пойгоҳи сиёсӣ - ҳуқуқии таъсиси СҲИ ҳамчун субъекти сиёсати ҷаҳонӣ лозиманд. Дар ин асарҳо ташкили сохтори ба худ хос ва хусусияти фаъолияти СҲИ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ таҳлил мешавад.

Таҳқиқот дар ин самт бисёрҷониба ва васеъ аст. Дар ин соҳа олимон, шарқшиносони таърихнигор ва ҳуқуқшиносони байналмилалӣ аз кишварҳои хориҷи дуру наздик таҳқиқот бурдаанд ё бурда истодаанд, аз ҷумла Р.Г. Абдулатипов, В.В. Наумкин, И.А. Александров, Г.Г. Косач, Н.В. Жданов, Д.Р. Муфлиханова, А. Саидова, Ш.И. Асанова, Р.З.

Баҳоуддинова, В. Моравецкий, Ф. Аҳмадова, Л.Р. Галияскарова ва дигарон [41; 83; 84; 81; 43; 69; 56; 57; 58; 76; 75; 88; 45; 48; 74; 47; 53]. Аз миёни муҳаққиқони мазкур бояд шарқшиноси шинохтаи рус Г.Г. Косач махсус зикр шавад. Дар таҳқиқоти ӯ яке аз самтҳои сиёсати хориҷии Россия дар муносибат бо СҲИ баррасӣ мегардад. «Дар ин қарина сиёсати давлатҳои узви ИДМ, ки дар оғози асри XXI барои барқарор ва рушди муносибатҳо бо СҲИ, ки кишварҳои мусулмоннишини ҷаҳонро дар сафи худ муттаҳид мекунад, баррасӣ мешавад» [68, с. 96].

**Гурӯҳи дуюмро** китобҳои муҳаққиқони тоҷик ташкил медиҳанд. Таваҷҷуҳи махсусро китобҳои олимони тоҷик, аз қабили Т. Назаров, А. Сатторзода, Х.С. Саидов, Р.Ш. Нуриддинов, З.С. Сайидзода, М.М. Абдуллоев, Ф.Н. Салимов, Ф. Умаров, З. Шарифзода, А.А. Сафарализода ва дигарон ҷалб мекунанд [78; 90; 85; 95; 94; 92; 10; 42; 155; 97; 12; 189; 143; 98; 147].

Дар ин асарҳо ҳам ҷанбаҳои консептуалӣ ва ҳам амалии ин мавзуъ таҳлил мешаванд. Муаллифон ба масъалаҳои асосии марҳалаҳои таърихӣ, зарурати иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар СҲИ таваҷҷуҳ намудаанд. Ба навиштаи онҳо, иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ ба Тоҷикистон дар татбиқи ташаббусҳои минтақавӣ ва глобалӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол имконият фароҳам меорад. Воқеан як василаи муаррифии мамлакат ба ҷаҳон узвият дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад.

Муҳаққиқи тоҷик Ҳ.С. Саидов вобаста ба ин масъала таҳқиқот намуда, бештар ба ҷанбаҳои методологии мавзуъ таваҷҷуҳ намудааст. Ба навиштаи ӯ ҳарчанд «СҲИ созмони минтақавӣ» аст, аммо аз рӯйи аҳаммияти худ қариб бо созмони универсалии СММ баробар аст [90, с. 324].

Масъалаҳои назария ва таҷрибаи таърихии СҲИ дар таҳқиқоти Р.Ш. Нуриддинов ва Г.В. Коваленко инъикос гардидааст. Муаллифон ба таърихи ташкили СҲИ ҳамчун ташкилоти бонуфузи муосир, сохтори он, ҷанбаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодии фаъолияти он [85] диққат медиҳанд, аммо ба масоили ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ камтар диққат додаанд [85, с. 145].

Ба фарқ аз дигар муаллифон ба таҳлили муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ бештар воқеъбинона Ф. Умаров, М.М. Абдуллоев ва А.А. Сафарализода муносибат мекунанд. Онҳо дар асоси далелҳои зиёд пойгоҳи сиёсӣ – ҳуқуқии раванди ташаккули ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ-ро дар бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баррасӣ кардаанд.

Чунонки Ф. Умаров менависад: «Таҳлили фаъолияти Тоҷикистон дар СКИ (СҲИ – А.Ғ.) гувоҳӣ медиҳад, ки тамоми лоиҳаҳои дар ҳамкорӣ бо ин созмон татбиқ шуда ба манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ ҷавобгӯ буда, дар таҳкими суботи иқтисодӣ ва рушди илмӣ – фарҳангии кишвар нақши муассир бозидаанд. Ҷумҳурӣ аз нахустин рӯзҳои узвият дар ин созмон лоиҳаҳоеро пешниҳод кард, ки ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ нигаронида шудаанд, динамикаи ҳамкорӣ бо яке аз институтҳои махсусгардонидашудаи СҲИ – Бонки исломии рушд мисоли равшани он шуда метавонад» [107, с. 88].

Олими дигари тоҷик М.М. Абдуллоев дар таҳқиқоти фишурда, вале хеле арзишманд дар ин замина, бо далелҳои зиёд собит месозад, ки «дар муддати начандон зиёди ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд дар кишвар як чанд лоиҳаи молиявӣ дар сатҳи гуногун бомуваффақият татбиқ гардиданд, ки аз тавсеаи раванди муносибатҳои самараноки дуҷониба гувоҳӣ медиҳад» [42, с. 158-160].

**Гурӯҳи сеюмро,** ки ба ҳалли мақсадҳои дар диссертатсия гузошташуда ба таври назаррас мусоидат мекунанд, асарҳои муҳаққиқон ва сиёсатмадорони зерини кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла А. Айдашев, Б. Ауелбаев, Т. Максимихина, А.Н. Ботбаев, Б.К. Султонова, Э. Усубалиев, М.Т. Лаумулин, Г. Шимирбаева, Е. Идрисов, С. Бакирдинов ва дигарон ташкил медиҳанд [155; 159; 49, с. 172; 72; 103; 194; 71; 112; 171; 161]. Аҳаммияти асарҳои муаллифони дар боло зикршуда, пеш аз ҳама дар он аст, ки ба мо имконият медиҳанд ҳолат ва рушди муносиботи кишварҳои ИДМ ва СҲИ –ро таҳлил кунем.

Масъалаҳои гуногуни ҳамкории давлатҳои ИДМ бо СҲИ ба таври васеъ дар сомонаҳои интернетӣ инъикос шудааст [176; 175; 177; 191; 172; 193; 169; 183]. Шиносоӣ бо ин мавод дар солҳои гуногун дар ҳақиқат нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни ҳамкорӣ бо СҲИ таваҷҷуҳи камтар шудааст ва ин мубрамии таҳқиқи мавзуи мазкурро бори дигар ба исбот мерасонад.

**Гурӯҳи чорумро** таҳқиқоти диссертатсионӣ ташкил мекунанд. Дар пажӯҳиши мазкур бархе нуктаҳо барои арзёбӣ аз таҳқиқоти диссертатсионии Ал - Файёз Муҳаммад Зиёб, М.А. Амонуддин, Ш. Розиқов, У.А. Мансуров, Р.К. Ҳасанов, Э.Ш. Султанов, Е.В. Сидорова, З. Шарипова, В.В. Пчелинтсева ва дигарон истифода шудааст [132; 133; 138; 136; 142; 141; 140; 143; 137].

Аз ҷумла, У.А. Мансуров дар зербоби якуми боби сеюми диссертатсия санадҳои муассисии созмони мазкурро баррасӣ карда, ҷанбаҳои гуногуни он, алалхусус раванди рушди асосҳои байналмилалӣ - ҳуқуқии гуфтугӯи байнитамаддунии онро инъикос мекунад. Ба навиштаи муаллиф ҳарчанд СҲИ ба мисли СММ «созмони калидии раванди сулҳ дар Тоҷикистон» буд, аммо нуктаи муҳим он аст, ки «Дар муносиботи Тоҷикистон ва СҲИ ҷанбаи ҳамкории иқтисодӣ бартарият дорад. Дар

зимн диққат ба муносибатҳо бо Бонки исломии рушд ва Фонди ҳамкории исломӣ (ФҲИ) дода мешавад. Соли 1996 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви доимии Бонки исломии рушд гардид» [136, с. 135].

Азбаски масоили муносиботи байниҳамдигарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар адабиёти дохилӣ ва хориҷӣ ба таври пурра инъикос нашудаанд, гуфтан мумкин аст, ки таърихи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва СҲИ ҳоло ҳам хеле мубрам мебошад. Инро низ дар назар бояд дошт, ки чунин муносибат комилан ба сиёсати бисёрсамтии Тоҷикистон, ки ба принсипи сиёсати «дарҳои боз» асос ёфтааст, мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, мо дар кори хеш ин масоилро аз ин зовия мавриди баррасӣ қарор додем ва натиҷаҳои назаррас ба даст овардем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи илмиву таҳқиқоти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-башарӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши ҷомеъ ва ҷамъбасти таҷрибаи андӯхта дар бахши ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ва муайян намудани роҳҳои эҳтимолии рушди муносибот миёни ин ду субъекти равобити байналмилалӣ мебошад.

Дар ин асос **вазифаҳои таҳқиқот** ба таври зерин муайян шудаанд:

– баррасии ташкилёбӣ ва таҳаввули СҲИ ва нишон додани мақоми он дар низоми равобити байналмилалӣ;

– таҳқиқ ва баррасии таърихи истиқрори муносиботи байни Тоҷикистон ва СҲИ;

– омӯзиш ва таҳқиқи алоқаҳои иқтисодӣ, молиявӣ-инвеститсионӣ ва робитаҳои байнипарлумонӣ миёни Тоҷикистон ва СҲИ;

– омӯзиши тавсеаи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар бахшҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ;

– ошкор намудани хусусиятҳои муносиботи шарикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир;

– баррасии натиҷаҳои ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ба мақсади муайян кардани ҳолат ва дурнамои ҳамкории кишвар бо созмони мазкур.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** омӯзиши ҳолат, мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои воқеан шаклгирифтаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар формати дуҷониба – бисёрҷониба бо СҲИ дар шароити тағйирёбии низоми муносибатҳои байналхалқии охири асри XX ва ибтидои асри XXI мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқи таҷрибаи моделҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ бахши дигаре аз объекти мавзуи таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** омӯзиш ва таҳлили таърихи ташаккул ва тавсеа, хусусиёт, самтҳои асосӣ, ҳолат, сабабҳои мавҷудияти мушкилот дар робитаҳо ва дурнамои муносиботи байниҳамдигарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломиро дар даврони истиқлол фаро мегирад.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот.**Таҳқиқоти мавзуӣ дар се марҳалаи ба ҳам алоқаманд ва доираи муайяни таърихӣ амалӣ гардид.

**Марҳалаи якум (солҳои 2018–2020).** Дар ин марҳала омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ ва таърихӣ, ки ба заминаҳои ташаккули СҲИ ва мақоми он дар низоми равобити байналмилалӣ иртибот дошт, анҷом дода шуд. Дар асоси таҳлили манбаъҳои таърихӣ ва сиёсӣ, заминаҳои барқарор гардидани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар ин давра маълумот оид ба шароит ва хусусиятҳои ибтидоии ҳамкориҳои Тоҷикистону СҲИ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуданд.

**Марҳалаи дуюм (солҳои 2020–2022).** Ин марҳала ба таҳқиқи равандҳо, роҳҳо ва самтҳои асосии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ равона гардид. Муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва инвеститсионӣ, инчунин робитаҳои байнипарлумонии миёни тарафҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ҳамзамон, самтҳои ҳамкории иҷтимоӣ-гуманитарӣ, аз ҷумла фарҳанг, маориф, илм ва технология таҳлил шуда, таъсири мусбати онҳо ба рушди ҳамкориҳо муайян гардид.

**Марҳалаи сеюм (солҳои 2022–2024).** Дар ин марҳала натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ ҷамъбаст карда шуданд. Бо истифода аз усулҳои сифатӣ ва миқдорӣ таҳлилҳои амиқ гузаронида шуда, роҳҳои самараноки тавсеаи ҳамкориҳо пешниҳод гардиданд. Хулосаҳои умумии таҳқиқот ба таҳияи матни рисола ва пешниҳоди маслиҳатҳои методӣ барои густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо СҲИ равона гардиданд.

**Чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот**. Таҳқиқоти мазкур аз соли 1969 то соли 2022-ро дар бар гирифта, таърихи ташаккули СҲИ, инчунин барқароршавӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти илмӣ, ақидаҳо ва таҳияҳои бунёдӣ дар бахши равобити

байналмилалӣ ва сиёсатшиносӣ, ки дар асарҳои муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ инъикос гардидаанд, ташкил медиҳад. Ба ҳайси пойгоҳи муҳимми дигари назариявӣ дар таҳқиқоти мазкур санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ хизмат карданд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки дар диссертатсия таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Р.Г. Абдулатипов, В.В. Наумкин, И.А. Александров, Г.Г. Косач, Н.В. Жданов, Л.Р. Галияскарова, Х.С. Саидов, Р.Ш. Нуриддинов, Ф. Умаров, А. Айдашев, А.Н. Ботбаев, Б.К. Султонова, М.Т. Лаумулин, М.А. Амонуддин ва дигарон истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқот ба мавқеи консептуалие, ки ба методҳои умумиилмӣ ва махсус такя мекунад, асос ёфтааст. Инҳо таҳлили системавӣ, таърихӣ-муқоисавӣ ва таҳлили омилӣ бо назардошти принсипҳои таърихият ва объективият мебошанд. Дар рисола ҳамчунин методҳои таҳлилӣ, ки бештар ба таҳлили таърихӣ–сиёсӣ хос аст, истифода шудааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши байнисоҳавӣ истифода шуд, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот алоқаманд буда, ҷанбаҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои таърихнигорӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ ва ғайра омӯхта шуданд. Ба мо маълум аст, ки бисёре аз масоил дар иртибот ба соҳаҳои гуногун омӯхта мешавад. Яъне вобаста ба масъалаҳои мавриди омӯзиши ниҳод ва фанҳои зирабт аз мавзуъҳои дохили якдигар истифода мекунанд, ки ин комилан дуруст аст.

**Сарчашмаи таҳқиқот.** Ҳалли вазифаҳои таҳқиқотии кори илмӣ тавассути омӯзиши доираи зиёди манбаъҳо имконпазир мегардад. Ин манбаъҳоро метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо кард:

**Ба гурӯҳи якум** асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар онҳо мақсадҳои асосӣ, самтҳо ва вазифаҳо доир ба равобит бо СҲИ инъикос ёфтаанд, дохил карда шудаанд [11; 2; 4; 1].

Дар ин маврид зарур аст аҳаммияти мақолаҳо, мулоқотҳо ва изҳороти Пешвои миллат махсус қайд карда шавад. Инҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун маводди консептуалӣ барои таҳқиқоти мазкур хизмат мекунанд. Дар ин мавод масоили мубрами ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, масъалаҳои вобаста ба марҳалаҳои гуногуни истиқлолияти давлатӣ, таҳия ва татбиқи сиёсати хориҷӣ ҳамчун пешшарт дар ташаккул ва рушди муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ инъикос ёфтаанд [7; 15; 14; 6; 5; 168; 3].

**Гурӯҳи дуюмро** санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Барои омӯзиши ҳаматарафаи мавзуъ ва ошкор намудани ҷанбаҳои калидии он ба таври васеъ ҳуҷҷатҳои расмии СҲИ, аз ҷумла Оинномаи ташкилоти мазкур ва ҳамчунин санадҳоеро, ки ба масъалаҳои дигари кишварҳои ҷаҳон: ҳамкории кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ, СҲИ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд, истифода намудем [35; 34; 28; 29; 30; 22; 37; 25; 26; 24].

Дар миёни онҳо Оинномаи СҲИ махсусан фарқ мекунад. Ин ҳуҷҷат ҳуқуқ ва вазифаҳои давлатҳоеро, ки ба ин ташкилот шомил шудаанд, муайян намуда, усули узвяти СҲИ пайдо кардан, мутаваққиф ва ё қатъ намудани узвиятро дар ҳайати он ба танзим медарорад. Гурӯҳи ҷудогонаи манбаъҳо ҳуҷҷатҳои нашршуда мебошанд. Ба ин манобеъ ҳуҷҷатҳои интишоршудаи муассиса ва бахшҳои СҲИ шомил мешаванд. Инчунин тамоми он санаду мадорике, ки марбут ин сомон ва кору фаъолияти он нашр шудааст, ба унвони сарчашма дар кори хеш мавриди истифоад қарор додем.

Дар миёни маводи СҲИ на танҳо қарорҳои институтҳои асосии се сатҳ (Конфронси сарони давлатҳои узви СҲИ, Конфронси вазирони хориҷӣ, Муншии умумӣ), балки ҳамчунин қарорҳои як қатор мақомоти ёрирасон, муассисоти махсусгардонидашуда, институтҳои вобастаи он, кумитаҳои доимоамалкунанда ва ё махсусгардонидашуда, ки дар асоси қатъномаҳои Конфронси сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СҲИ таъсис ёфтаанд, низ мебошанд.

**Гурӯҳи сеюмро** мавод ва сарчашмаҳое ташкил медиҳанд, ки аз бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати савдо ва рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас шудаанд [18], [20], [19], [21], [17]. Маводди бойгонии истифодашуда ҳамчун асос барои таҳлил ва омӯзиши ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ хизмат намуда, раванди муносибатҳоро муайян менамояд.

**Гурӯҳи чорум** аз нашрияҳои оморӣ, маълумотномаҳо, маҷмуаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ иборат мебошанд. Инҳо, пеш аз ҳама, интишороти Комитети ҷаҳонии наҷоти исломӣ, ки зери роҳбарии СҲИ фаъолият мекунад, инчунин ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ғ. мебошанд [156; 200; 113; 114; 115; 178; 174].

**Гурӯҳи панҷумро** маводди маҷаллаҳои байналмилалии илмӣ, матбуоти даврӣ ва захираҳои интернетӣ ташкил медиҳанд [162; 165; 154; 164; 180; 190; 147; 146; 145]. Омӯзиши маводди мазкур имкон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои гуногун дар бораи динамикаи рушди муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ ба даст биёяд. Ҳамчунин, имкон дорад дар бораи баъзе масоили калидии муносиботи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ далелҳо пайдо карда шавад.

Дар маҷмуъ, маводди мазкур имкон медиҳанд то мавзуи мавриди назар ба таври асоснок таҳлил гардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** бо интихоби мавзуъ ва муайян кардани хусусияти вазифаҳои дар пеш гузошташуда ва дарки муҳим будани муносиботи сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дар баланд бардоштани мақому манзалат ва эътибори кишварамон дар арсаи байналмилалӣ иборат мебошад. Нахустин маротиба дар ин рисола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки таҳқиқоти маҷмуии илмӣ дар мавриди масъалаҳо ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-башарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар охири асри ХХ ва оғози асри XXI анҷом дода шуда, тамоюлҳои асосии рушди ин ҳамкориҳо дар қаринаи сиёсати «дарҳои боз»мушаххас гардонида шаванд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳолат ва дурнамои муносиботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ имкон фароҳам овард, ки як чанд навгонӣ ва тавсияҳои амиқи илмӣ таҳия ва пешниҳод карда шаванд:

– бар асоси таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои мавҷуд, заминаҳои ташаккул ва таҳаввули СҲИ ва таъсири рӯйдодҳои таърихии ба амал омада, ба фаъолияти созмон, бори аввал таҳқиқ шуда, мақоми ин созмон дар низоми муосири равобити байналмилалӣ ва вижагиҳои сохтории он муайян гардида аст;

– таҳлили ҳамаҷониба ва васеи истиқрор ва тавсеаи муносибати байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ, бо дарназардошти шароити сиёсии даврони Шуравӣ ва мавқеи махсуси Тоҷикистон дар муносибат бо кишварҳои исломӣ ба таври маҷмуӣ гузаронида шудааст;

– бо таваҷҷуҳ ба рушди нав ва густариши равобити иқтисодӣ, молиявӣ-инвеститсионӣ ва алоқаҳои байнипарлумонӣ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ дар доираи

СҲИ мавриди баррасии амиқ қарор гирифта, хулосаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас ироа шудаанд;

– заминаҳо ва омилҳои рушду нумуи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар бахшҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои фарҳанг, маориф, илм ва технология ҳамаҷониба омӯхта ва мушаххас карда шудаанд;

– хусусиятҳои ҷараёни ҳамкориҳо ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ, ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, аҳаммияти онҳо дар таҳкими осоиштагӣ ва пешгирии таҳдидҳо нишон дода шудааст;

– натиҷаҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ ҳамаҷониба таҳлил гардида, дурнамои минбаъдаи ин равобит баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, имкониятҳои нав барои рушди ҳамкориҳо дар заминаи густариши муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ таҳқиқ ва шарҳ дода шудаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таърихи омӯзиши равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ нишон медиҳад, ки СҲИ ташкилоти байнидавлатии дорои салоҳиятҳои умумӣ буда, тамоми нишонаҳои асосии чунин созмонҳоро дар худ таҷассум кардааст. Созмони мазкур ҳамчун субекти мустақил дар асоси созишномаи байналмилалии бисёрҷониба фаъолият намуда, мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар фаъолияти давлатҳои соҳибистиқлол зимни ҳамоҳангӣ ба қонунгузории дохилии онҳо ширкат мекунад.

2. Дар илми таърих муносиботи гуногуни назариявӣ ва методологӣ доир ба омӯзиши фаъолияти СҲИ вуҷуд дорад. Аввалан, СҲИ, пеш аз хама мақсадҳои худро дошта, мақомоти доимоамалкунандаи он дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои равобити байналмилалии муосир иқдомоти хешро дар амал пиёда мекунад. Сониян, созмони мазкур субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ

мебошад. Ҳамзамон вай хусусиёти худро доро буда, назар ба узвият созмони байналмилалӣ аз рӯи доираи аъзои худ байниқитъавӣ мебошад (ба ҳайати он давлатҳои қораҳои Осиё, Африқо, Аврупо ва Амрико шомиланд), аз рӯи омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ СҲИ байнисистемавӣ мебошад. Аммо чунонки таҳқиқоти мо нишон дод, СҲИ аз рӯи сохтори худ созмони хеле мураккаб буда, ҳоло дар тамоми ҷаҳон ягона созмони байнидавлатиест, ки дар он кооператсия аз рӯи аломати динӣ сурат мегирад, аммо ба ҳайати созмони мазкур ҳамчунин кишварҳое низ дохил мешаванд, ки системаи сиёсияшон ё дар заминаи ҳуқуқи исломӣ таъсис ёфтааст ё дунявианд. Ба ибораи дигар, узви СҲИ ҳам давлатҳои исломиянд ва ҳам давлатҳои дунявӣ.

3. Фаъолияти Тоҷикистон дар доираи СҲИ дар тули солҳои 1992–2022 имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дар ин давра таҳқиқ ва ошкор шаванд. Ин нукта чунин шарҳ дода мешавад, ки нақши байналмилалии ҳар як кишвар аз рӯи ҷалби он ва мавқеи фаъолаш дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, муайян мегардад. Ширкат дар созмонҳои байналмилалӣ дар пешбурди рӯзномаи байналмилалии Тоҷикистон ёрӣ мерасонад, аз ҷумла дар татбиқи ташаббусҳои минтақавӣ ва глобалӣ, ки талаботи дохилӣ низ доранд. Тоҷикистон баъди анҷоми низои дохилӣ дар ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ҳамгироии тиҷоративу иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – башарӣ миёни кишварҳои узви СҲИ шарики босубот ва пешбинишаванда эътироф гардида аст. Сабаби ин иштироки фаъоли Тоҷикистон дар чунин сохторҳои минтақавӣ ба монанди Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ), Созмони паймони аҳдномаи дастиҷамъӣ (СПАД) ва ғ. мебошад.

4. Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои таҷрибаи раисӣ дар ИДМ, СПАД, СҲШ ва СҲИ оид ба масъалаҳои ҳамгироӣ дар атрофи ҳалли проблемаҳои мубрами Шарқи Наздик ва Афғонистон сиёсати санҷидашударо пеш мебарад. Дар айни ҳол, ташаббусҳои глобалӣ ва пешниҳодҳои созанда ҳам барои СҲИ ва ҳам барои тамоми ҷомеаи башарӣ дурнамои дарозмуддат ва мусбат

доранд. Таҳлили ҳамаҷонибаи мухтавои санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки сатҳ ва хусусияти муносибатҳоро дар солҳои 1992–2022 муайян мекунанд, нишон медиҳанд, ки шароити мусоид барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ байни ҶТ ва СҲИ ба вуҷуд омадааст ва дар оянда аз ин шароити мусоид истифодаи самаранок бояд кард.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз мушаххас кардани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ва инчунин масъалаҳое, ки аз ҳамин мавзуи мустақили таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, иборат аст. Диссертатсия ба дарки масъалаҳо ва дурнамои рушди муносибот миёни ду субъекти равобити байналмилалӣ мусоидат намуда, самтҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-башариро дар миёни онҳо дар шароити воқеияти нави геополитикӣ бозгӯ мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд барои сохторҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парламенти кишвар, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту муассисаҳое, ки ба фаъолияти байналмилалӣ машғуланд, муфид бошад. Имкон дорад, ки маводди диссертатсия дар рафти минбаъдаи омӯзиши ин проблемаи илмӣ ва тадриси курсҳо доир ба муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва этнополитология истифода шаванд.

Таҳқиқоти системавии омилҳои асосии таърихӣ-динӣ ва сиёсӣ-иқтисодии ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба СҲИ имкон медиҳад арзёбиҳо роҷеъ ба дурнамои афзалиятҳои он ба таври назаррас хеле баланд бардошта шаванд. Тавсияҳои амалии таҳияшуда доир ба истифодаи муносибати пураҳамияти ҷорӣ бо СҲИ ҷиҳати ба даст овардани манофеи муфид

метавонанд ҳангоми банақшагирии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикстон бо СҲИ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** диссертатсияро дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда тақозо менамоянд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ –иқтисодӣ ва фарҳангӣ – башарӣ (охири асри XX ─ ибтидои асри XXI)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Ҳамаи марҳалаҳои кори илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамии он, мақсад ва ҳалли вазифаҳои дар рисола гузошташуда аз ҷониби муаллифи рисола сурат гирифтааст. Дар рафти таҳқиқот муаллиф дар рушди омӯзиши проблемаҳои асосӣ ва самтҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ саҳми худро гузошта, ҳамчунин хулосаҳои асосноки илмӣ бароварда, тавсияҳо пешниҳод кардааст. Инчунин, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳо ба нашр расондааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Матлабҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, пешниҳоду тавсияҳо, ки дар диссертатсия ҷой доранд, дар маводди конференсияи байналмилалии «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» (16.05.2019, ш. Бохтар), маводди конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами таърих ва

фарҳанги халқҳои Осиё Марказӣ» (24-25.10.2023, ш. Хуҷанд) ва дигар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳии илмию назариявӣ баён шуда, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр шудаанд.

Ҳамзамон, мухтаво ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои методии диссертатсия дар раванди таълими фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Назарияи равобити байналмилалӣ» ва ғ. дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» истифода шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети сиёсат ва идораи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 26.08.2025 (суратҷаласаи №1) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 4 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ва 2 мақолаи дигар дар маводди конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, бо аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот тавъам буда, аз пешгуфтор, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (200 номгӯй) иборат мебошад.

## БОБИ 1. ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ ДАР БОЗНИГАРИИ ТАЪРИХӢ (солҳои 1969–1992)

### 1.1. Таъсиси Созмони ҳамкории исломӣ ва мақоми он дар низоми равобити байналмилалӣ

Созмони ҳамкории исломӣ аз рӯзи таъсис масоили мубрами кишварҳои исломиро дар худ инъикос мекунад. Ин созмон дар баробари масъалаҳои мухталиф масоили амниятии кишварҳоро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба таври дигар, чараёни пайдоиши механизмҳо ҷиҳати ҷилавгирӣ аз ифротгароӣ ва тундгароии динӣ ҳамчун асоси ҳамкорӣ ва ба вуҷуд овардани заминаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва рушди фарҳангӣ - башариро барои як қисми олам инъикос мекунад.

Аз нимаи дуюми қарни XX дар майдони сиёсӣ ва иқтисодӣ шакли ҷадиди ҳамкорӣ дар миёни давлатҳои ҷудогона, ки асосан аз рӯйи рамзи мансубияти онҳо ба иттиҳоди ягона асос ёфта буд, ба миён омад. Ин иттиҳод дар натиҷаи афзоиши назарраси иқтидор ва обрӯйи бархе давлатҳо, аз ҷумла Туркия, Индонезия, Арабистони Саудӣ ва ғ. зуҳур кард. Ин кишварҳо тавоноии мушаххасе доранд ва имкон доранд ба тамомии ҷараёнҳо таъсири худро расонад.

Оид ба баҳси мазкур муҳаққиқ Ахмедова Ф.А. чунин ибрози андеша намудааст: «Барои ноил шудан ба ҳадафи ниҳоии дар пеш гузоштташуда оид ба таъсиси иттиҳоди давлатҳо, намояндагони расмии баландпояи 24 давлат моҳи сентябри соли 1969 дар шаҳри Работ барои ҳалли усулии ташкили иттиҳоди давлатҳои исломӣ ҷамъ омаданд. Баъди муҳокимарониҳои зиёд ҳамаи кишварҳо дар ин ҷаласа якдилона ба хулосае омаданд, ки таъсиси Созмони конфронси исломӣ муфид мебошад» [47, с. 185-198].

Дар оғози қарни XX се тарҳ дар мавриди таъсис ёфтани иттиҳодияҳои байналмилалӣ дар асоси конфессионалӣ ба назар мерасад: Конвенсияи Макка (шаҳри Макка, соли 1924); Конвенсияи Қоҳира (шаҳри Қоҳира, соли 1926) ва Конвенсияи Байтулмуқаддас

(Байтулмуқаддас, соли 1931). Маҳз дар ҳамин шаҳр конвенсияи ниҳоӣ доир ба таъсиси иттиҳоди конфессионалӣ қабул гардид [45].

Қаблан ин созмон Конфронси умумии исломӣ (КУИ) ном дошт, ки соли 1954 ташкил шуда буд. Аммо созмони мазкур танҳо ба мақсади танзими мушкилоти иҷтимоӣ - фарҳангӣ таъсис ёфта буд, на барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ. Созмони комилҳуқуқи СҲИ дар мулоқоти сатҳи олии сарони кишварҳои исломӣ 25 сентябри соли 1969 дар шаҳри Работ таъсис шудааст.

Кори асосии ШВКХ аз муайян кардани ниҳоди Муншии умумии СҲИ, вазифаҳо, ваколатҳо ва ҷойи муваққатии будубоши он иборат буд. Муншии умумии (Котиби Генералӣ) СҲИ уҳдадор буд, ки шароити зарурии ҳуқуқӣ ва иқтисодиро барои ҳамкориҳои самаранок миёни давлатҳои узви созмони мазкур ба вуҷуд оварад. Ҳоло СҲИ калонтарин ва пурзӯртарин иттиҳоди давлатҳо ва созмони универсалии байналмилалӣ баъди СММ дар ҷаҳон ҳисоб мешавад.

Зимни таъсиси СҲИ ҳалли масъалаҳое ба монанди ташкили ҳамкории мукаммал байни аъзои он, ҳамкории зичи иқтисодӣ дар миқёси ҷаҳон, таъмини рушди устувори ҳамаи кишварҳо дар чаҳорчӯби СҲИ пешбинӣ мешуд. Мақсади ҷаҳонии СҲИ ҳимояи манофеи давлатҳои узв дар ҳама самтҳои ҳамкорӣ, минҷумла ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин мусоидат ба рушди динамикии ҳамаи кишварҳои узви созмони мазкур мебошад. Гуфтан ҷоиз аст, ки СҲИ корҳои зиёдеро дар масири ҳамкориҳои кишварҳо анҷом дода, барои пешравӣ ва муваффақ шудани ин давлатҳо мусоидат мекунад.

Нахустин Оинномаи СҲИ соли 1972 дар конфронси навбатии ШВКХ қабул шудааст. Вақте ин санади муҳим таҳия ва тасвиб мешуд, тамоми таҷрибаи мавҷуда омӯхта ва санҷида шуда, аз он ба таври ҳадди аксар зимни натиҷагирии корҳо истифода карда шуд. Маҳз ҳамин омӯзиш сабаб шуд, ки баъзе моддаҳои Оинномаи СҲИ моддаҳои Оинномаи СММ –ро такрор мекунад.

Баъди ташкили СҲИ ҳамчун созмони байналмилалӣ якчанд марҳаларо тай кард. Марҳалаи аввал фарогири солҳои 1969–1972 мебошад. Дар ин давра СҲИ ду Саммити худро баргузор кард: а) Саммити сарони давлатҳои узви СҲИ; б) Саммити роҳбарони Шурои вазирони корҳои хориҷӣ (ШВКХ). Марҳалаи дуюм бо ташкили ниҳодҳои Муншии умумии СҲИ дар соли 1972 оғоз гардид. Тамоми фаъолияти созмон ба баланд бардоштани кори самараноки СҲИ бобати ноил шудан ба мақсадҳои асосие, ки дар пеши ин созмон истодаанд, нигаронида шудааст.

Аз нуқтаи назари сиёсиву ҳуқуқӣ яке аз хусусиятҳои асосии СҲИ субъекти хосси ҳуқуқи байналмилалӣ будани он мебошад. Ба навиштаи А. Муфлихонова «Субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқаррароти ҳуқуқии он, дар доираи ҳуқуқу ухдадориҳое зоҳир мешавад, ки давлатҳо ба он медиҳанд. Бо дарназардошти хислати онҳо худи ташкилот минбаъд метавонад (ё наметавонад) ҳуқуқу ухдадориҳоро соҳиб шавад [76, с. 68].

СҲИ дар марҳалаи кунунӣ яке аз калонтарин созмонҳои байниҳукуматӣ дар ҷаҳон аст (дуюмин баъди СММ) ва дар асл ягона сохтори байналмилалие мебошад, ки кооператсияи давлатҳо дар он аз рӯйи принсипи конфессияҳо сурат гирифтааст. Сарфи назар аз он ки ин созмон бар мабнои пайравони як дини мушаххас таъсиси дода шудааст, аммо ин созмони динӣ ва ё мазҳабӣ маҳсуб намеёбад. Яъне дар кору пайкори хеш, қабл аз ҳама ба масоили сохту соз ва ободкорию таълиму тарбия ва ба мисли ҳамин сару кор дорад. Ба пиндори яқини мо дар ин масир ва бо ин ривол пеш рафтани ин созмон дар ҳалли бисёре аз масоили доғи рӯз дар ақсои олам муваффақ хоҳад шуд ва шуда истодааст. Бо вуҷуди ин, яке аз вижагиҳои асосии СҲИ дар он мебошад, ки ин ташкилоти динӣ ва ё мазҳабӣ маҳсуб намеёбад. Ба ин созмон ташкилот ва давлатҳое аъзо мебошанд, ки сохтори сиёсиашон на динӣ, балкӣ дунявӣ аст.

Аз ин рӯ, ин созмон яке аз калонтарин ва печидатарин созмонҳои дунё ба ҳисоб меравад.

Агар ба таърихи ташкилшавии ин созмон нигоҳ кунем, он 25 сентябри соли 1969 дар шаҳри Работ пойтахти давлати Марокаш таъсис ёфтаст. Ташаббускори ин ғоя подшоҳи Арабистони Саудӣ Фейсал ибни Абдулазиз Оли Сауд ва шоҳи Марокаш Ҳасани II буданд. Дар ибтидо ба ҳайати СҲИ 25 давлати Осиё, Африқо ва Созмони озодибахши Фаластин дохил буданд. СҲИ барои таъмини манофеи сиёсии кишварҳои узв дар як ҷабҳа ва ба таври муттаҳид амал кардан дар СММ таъсис ёфта буд.

Дар шароити кунунӣ СҲИ ба яке аз бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ мубаддал гашта, аз лиҳози ҷуғрофӣ ва нуфуси аҳолӣ баъди СММ дуюмин созмони ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад [69]. Ҳоло ба СҲИ кишварҳои зерин дохил мешаванд: «Озарбойҷон, Албания, Алҷазоир, Афғонистон, Бангладеш, Баҳрайн, Бенин, Бруней, Буркина-Фасо, Габон, Гайана, Гамбия, Гвинея, Гвинея-Бисау, Ҷибути, Миср, Индонезия, Урдун, Ироқ, Эрон, Яман, Қазоқистон, Камерун, Кирғизистон, Қатар, ҷазираҳои Комор, Кот-д-Ивуар, Кувайт, Лубнон, Либия, Мавритания, Малайзия, Мали, Малдив, Марокаш, Мозамбик, Нигер, Нигерия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Уммон, Покистон, Фаластин, Арабистони Саудӣ, Сенегал, Сурия (узвияташ мутаваққиф шудааст), Сомалӣ, Судон, Суринам, Сиерра-Леоне, Тоҷикистон, Того, Тунис, Туркманистон, Туркия, Уганда, Узбекистон ва Чад» [48, с. 195].

Кишварҳо ва созмонҳои нозир инҳоянд: Босния ва Герсеговина (1994), Ҷумҳурии Африқои Марказӣ (1996),Таиланд (1998), Русия (2005), Ҷумҳурии туркии Кипри Шимолӣ (1979). Созмонҳои байналмилалии нозир: СММ (1976), Ҳаракати кишварҳои ғайримуттаҳид (ғайримунсалика) (1977), Лигаи давлатҳои араб (1975), Иттиҳоди Африқо (1977), Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (1995). Созмонҳои дигар: Ҷабҳаи миллии озодихоҳи Моро (1977), Иттиҳоди парламентии давлатҳои узви СҲИ (2000) [74].

Шоҳи Арабистони Саудӣ Абдулло ибни Абдулазиз Оли Сауд моҳи ноябри соли 2005 мулоқоти сатҳи олиро дар шаҳри Макка доир намуда, принсипҳои ҷадиди кору фаъолияти СҲИ-ро эълон кард.

«Оинномаи нави СҲИ бо каме иловаҳо дар Саммити 11 –уми СҲИ дар Дакар қабул шуд. 28 июни соли 2011 бо қарори иҷлосияи 38-уми Шурои вазирони корҳои хориҷӣ дар Остона, пойтахти Қазоқистон Созмони конфронси исломӣ ба СҲИ табдили ном кард» [48, с. 197]. Ҳайати роҳбарикунандаи СҲИ аз Шурои шоҳон, сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо (Саммит), Шурои вазирони корҳои хориҷӣ (ШВКХ), Муншии умумӣ ва мақомоти ёрирасон иборат аст. Мулоқоти сатҳи олӣ сиёсати умумии давлатҳои исломиро мушаххас менамояд. Онҳо дар тули се сол як маротиба гирди ҳам меоянд. Аммо вазирони умури хориҷаи созмон соле як маротиба ҷамъ меоянд ва масоили мавриди назарро баррасӣ мекунад. Ё ин ки ин мулоқот бо ташаббуси сарони давлатҳои узви созмон даъват карда мешавад.

Муншии умумӣ мақоми иҷроияи СҲИ-ро дошта, зери роҳбарии Муншии умумӣ фаъолият мекунад. Котиби генералии созмон аз сӯйи вузарои умури хориҷаи аъзои созмон барои муддати чор сол интихоб мегардад. Ваколатҳои котиби генералии созмонро як бор ҳаққи тамдид кардан дорад. Котиби генералӣ чаҳор муовин дорад: доир ба масоили сиёсӣ, илм ва технология, масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ. Ба ҷузъ аз муовинон, инчунин директори кабинет низ фаъолият мекунад, ки вазоифи ӯ комилан иҷрои корҳои техникӣ дар дафтари созмон маҳсуб меёбад.

Сохтори котиби генералии созмон шомили якчанд шуъбаҳо мебошад: минҷумла шуъбаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, илм ва техника, доир ба умури Осиё ва Африқо, равобити байналмилалӣ, иттилоот, ҳуқуқи инсон ва ақалиятҳои динӣ, кори ташкилотҳои ғайриҳукуматии исломӣ ва амсоли инҳо. Дар назди СҲИ як идда созмонҳои мустақил, ки бо қарори созмон роҳандозӣ шудаанд, амал мекунанд.

Мақомоти ёрирасони СҲИ аз Маркази таҳқиқоти оморӣ, иқтисодӣ, ичтимоии кишварҳои исломӣ ((SESRIC – Анқара, Туркия), Маркази илмӣ –таҳқиқотии таърихи ислом, санъат ва фарҳанг (IRCICA – Истамбул, Туркия), Донишгоҳи исломии технологӣ (IUT – Дакка, Бангладеш), Маркази исломии тавсеаи тиҷорат (ICDT – Касабланка, Марокаш), Академияи байналмилалии фиқҳи исломӣ (IIFA – Ҷидда, КСА) ва Фонди ҳамбастагии исломӣ (ISF – Ҷидда, Арабистони Саудӣ) иборат аст.

Созмони ҳамкории исломӣ дорои сохторҳои вижа мебошад. Аз ҷумла, Бонки рушди исломӣ (IDB –Ҷидда, Арабистони Саудӣ), Созмони исломӣ оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ISESCO – Работ, Марокаш), Иттифоқи нашароти исломӣ (IBU – Ҷидда, Арабистони Саудӣ, Агентии байналмилалии исломии хабар (IINA – Ҷидда, Арабистони Саудӣ), Кумитаи исломии Ҳилоли Аҳмари байналмилалӣ (ICIC – Бенғозӣ, Либия), Созмон оид ба илм, технология ва инноватсия (STIO – Исломобод, ҶИП).

Ҳамзамон, созмони мазкур дорои сохторҳои дуюмдараҷа мебошад. Ба мисли Палатаи исломии савдо, саноат ва кишоварзӣ (ICCIA – Қарочӣ, ҶИП), Созмони пойтахтҳо ва шаҳрҳои исломӣ (OICC –Ҷидда, КСА), Ҳамбастагии исломии федератсияҳои варзиш (ISSF – ар-Риёз, ШАС), Федератсияи ҷаҳонии макотиби байналмилалии арабиву исломӣ (WFAIIS – Қоҳира, ҶМА), Ассотсиатсияи исломии моликони киштиҳо (OISA – Ҷидда, ШАС), Конфронси исломии форуми ҷавонон барои гуфтугӯ ва ҳамкорӣ (ICYF-DC – Истамбул, Туркия), Федератсияи мушовирони кишварҳои исломӣ (FCIC – Истамбул, Туркия), Академияи ҷаҳонии илмҳои исломӣ (IAS –Уммон, Урдун), Шурои генералии бонкҳои исломӣ ва муассисаҳои молиявӣ (CIBAFI), Институти стандартҳо ва метрологияи кишварҳои исломӣ (SMIIC – Истамбул), Донишгоҳи байналмилалии исломии Малайзия (IIUM) ва Ассотсиатсияи мақомоти андози кишварҳои исломӣ (ATAIC - Судон).

Кумитаҳои доимии созмон Кумита оид ба ал - Қудс (Работ, Марокаш), Кумитаи доимӣ оид ба масоили иттилоотӣ ва фарҳангӣ (COMIC - Дакар, Сенегал), Кумитаи доимӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ (COMCEC - Анқара, Туркия) ва Кумитаи доимӣ оид ба ҳамкориҳои илмӣ –техникӣ (COMSTECH – Исломобод, ҶИП) мебошанд[86, с. 166].

«Дар марҳилаи имрӯза СҲИ 57 давлатро муттаҳид мекунад. Онҳо дар маҷмуъ 1,5 миллиард нуфус доранд. Аммо замони таъсиси СҲИ дар он 25 давлати Африқо, Осиё ва Созмони озодибахши Фаластин муттаҳид гардида буданд. Дархостҳо барои мақоми нозирро соҳиб шудан аз ҷониби якчанд кишвар супорида шудааст, ки дар миёнашон давлатҳои узви БИРКС – Бразилия, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, инчунин Белоруссия ва Сербия низ ҳастанд. Барои узви доимӣ шудан чор давлати Африқо низ дархост кардааст» [86, с. 167].

Бояд гуфт, ки таъмини ҳамкорӣ миёни давлатҳо, ноил шудани кишварҳои узви СҲИ ба рушди устувор, фаъолияти муштарак дар арсаи байналмилалӣ (аз ҷумла дар таъмини амният) ба унвони мақсадҳои асосии созмон эътироф шудаанд. СҲИ барои фаъолияти хеш принсипҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки он аз сӯйи ҳамаи аъзои созмон бечунучаро риоя карда мешавад.

СҲИ созмони байналмилале мебошад, ки дорои ваколатҳои васеъ аст. Вижагии субъекти ҳуқуқии созмони байналмилалӣ дар ин аст, ки «иродаи мақомоти он дар қарорҳои қабулкарда бо иродаи ҳамаи аъзои он ва ҳар кадоми онҳо якхела нест» [56, с. 102]. Субъекти ҳуқуқии ташкилот дар асоси қарордод бо эътирофи минбаъдаи байналмилалӣ ба вуҷуд омадааст. Соли 1975 СҲИ мақоми нозирро дар СММ гирифт ва ҳар сол дар рӯзномаи Маҷмаи умумӣ (Ассамблеяи генералӣ) банди «ҳамкорӣ миёни СММ ва СҲИ» дохил карда шуда, қатъномаи дахлдор қабул карда мешавад».

Чунонки муҳаққиқи машҳур В. Моравецкий баён мекунад: «Ташкилот барандаи манофеи муайяни умумӣ буда, барои ҳимояи онҳо пешбинӣ шудааст. Дар натиҷа, он дорои иродаи мухтор мешавад, яъне иродае, ки аз маҷмуи иродаи давлатҳои узв фарқ мекунад, ҳарчанд ки аз онҳо гирифта шудааст. Ин ирода дар раванди татбиқи субъекти ҳуқуқӣ ифодаи худро меёбад» [74, с. 87]. Дар иртибот ба иродаи СҲИ, ҳамчун созмони байналмилалӣ гуфтан мумкин аст, ки аз миёни қарордодҳои зиёде, ки созмони мазкур бо давлатҳои узв, дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ бастааст, ягон шартнома аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ зери суол гузошта нашудааст, яъне дар тамоми қарордодҳо воқеан иродаи СҲИ ифода ёфтааст.

Дар масоили сохтор ва мақомоти махсуси СҲИ бояд ба сохтори дохилии худи ин созмон диққат дода шавад. СҲИ аз се мақом иборат буда, дутои он дорои вижагии байнидавлатӣ мебошад, аз ҷумла: Конфронси подшоҳон ва сарони давлатҳову ҳукуматҳо, ки ба ҳайси Конфронси исломӣ дар сатҳи олӣ маълум аст (моддаи IV Оиннома), Конфронси исломии вазирони корҳои хориҷӣ. Вазирон (моддаи V Оиннома) ва Котиботи Генералии созмон. Аввалиро метавон мақоми олии созмони мазкур ва муҳимтар ҳисоб кард, зеро стратегияи СҲИ –ро барои расидан ба ҳадафҳои он муайян мекунад.

Дуюминро метавон ҳамчун мақоми иҷроия, ки барои татбиқи сиёсати СҲИ ва қабули тамоми қатъномаҳо ва тавсияҳои он масъул аст, ном бурд. Ва дар ниҳоят, Котиботи Генералӣ, ки дар шаҳри Ҷидда (Арабистони Саудӣ) қароргоҳ дорад, аз ҷониби Конфронси исломии вазирони корҳои хориҷӣ ваколатдор аст, ки ин созмонро дар сатҳи ҷаҳон муаррифӣ кунад.

Дар тайи таърихи мавҷудияти созмон ба рушди СҲИ конфронсҳои зерин мақоми хос доранд, аз ҷумла конфронсҳое, ки дар Лаҳор (1974), Макка (1981), Касабланка (1984), Кувайт (1987) ва Дакар (1991) баргузор гардидаанд. Дар айни ҳол бояд гуфт, ки СҲИ дар ибтидо

мақоми судии худро таъсис надод, фақат дар Саммити 5 –уми исломӣ лоиҳаи Статуси суди байналмилалии исломӣ, ки моҳи январи соли 1987 баргузор гардида буд, маъқул דониста шуд.

Ба ғайр аз мақомҳои дохилӣ СҲИ ба якчанд мақомоти махсусгардонидашуда, аз ҷумла IDB, ISESCO, ISBO, IINA такя мекунад. Инчунин, ба мисли Бонки ҳамбастагии исломӣ (ISF), ки ба фаъолияти хайриявӣ машғул аст. Бонки мазкур ба давлатҳои узв, ки аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ зарар дидаанд, кӯмак мерасонад. Конфронси исломӣ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО) дар Конфронси 11-ум тибқи қатъномаи шумораи 2/11-С расман Оинномаи ин муассисаи навтаъсисро тасдиқ кард. Дафтари марказии он дар шаҳри Работ, пойтахти Марокаш аст. ИСЕСКО саъй мекунад ҳамкориро миёни давлатҳои узв дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг рушд диҳад.

Дар робита ба соҳаи маориф бояд ҳаминро гуфт, ки созмон тавсия медиҳад, ки ба барномаи таълим омӯзиши ахлоқ ва арзишҳои башарӣ ҳатман ворид карда шаванд. Дар ҳоле ки табодул дар бахши фарҳангу маориф ба хотири мусоидат ба сулҳу амният дар тамоми ҷаҳон сурат мегирад. Дар бахши илм истифодаи фанновариҳои (технологияҳо) муосир ва илмҳои амалӣ дар чорчӯби идеалҳои замони муосир ташвиқ карда мешавад.

Масъалаи ҳуқуқи башар дар СҲИ аз се матни пешниҳодшудаи давлатҳои узви созмон асос ёфтааст: якум «Лоиҳаи эъломияи ҳуқуқу уҳдадориҳои инсон дар ислом» (1979), дуюм «Лоиҳаи ҳуҷҷат дар бораи ҳуқуқи инсон дар ислом»(1981) ва дар ниҳоят «Эъломияи Қоҳира дар бораи ҳуқуқи инсон дар ислом», ки 5 августи соли 1990 дар 19-умин Конфронси СҲИ қабул шудааст - Эъломияи ниҳоӣ ҳисобида мешавад.

Дар қарорҳое, ки аз ҷониби мақомоти марбутаи СҲИ қабул гардидаанд, инчунин иродаи мустақили СҲИ ҳамчун созмони байналмилалӣ ифода мешаванд. Бидуни шак, иродаи ташкилот хислати маҳдуд ва махсус дошта наметавонад аз доираи ҳуқуқии оинномавии

СҲИ хориҷ шуда, ба меъёрҳои асосӣ ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мухолифат кунад, чунки СҲИ ин созмон дар асоси муқаррароти байналмилалӣ таъсис дода шуда, посухгӯи манофеи кулли аҳли башар маҳсуб меёбад. Вижагии аслии ин сомон аз он иборат аст, ки ӯ ба танҳоӣ наметавонад мустақил бошад, балки марбут ба ҳамаи кишварҳои исломии узви созмон аст. Аммо, тавре муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ Шибаева Е.А., Поточный М. қайд намудаанд: «Ҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ ва ваколатҳои мақомоти олии онҳо бо табиати ҳуқуқии худ аз ҳуқуқи мустақили давлатҳо ва мақомоти олии онҳо фарқ мекунанд. Онҳо пайдоиши ҳуқуқӣ дошта, натиҷаи мувофиқаи иродаи давлатҳои соҳибистиқлол – созандагони созмонҳои байналмилалӣ мебошанд» [111, с. 59].

Хусусияти СҲИ ҳамчун созмони байналмилалӣ дар он ифода меёбад, ки дар муносиботи байни давлатҳо – муассисони СҲИ ба ҳайси унсури доимӣ ҳузур доранд ва зимни ба имзо расонидани шартномаи байналмилалӣ имтиёзҳои тарафайнро муайян карда, дар низоми мутақобила муайян бо созмони мазкур қарор дошта, ба раванди банақшагирии дурнамои фаъолияти СҲИ таъсир мерасонад. Ба таври куллӣ, ин омилҳо ба фаъолияти СҲИ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири назаррас расонида, имкон медиҳанд гӯем, ки сухан дар бораи бозингарии махсус дар сиёсати ҷаҳонӣ ва равобити байналмилалӣ меравад [35].

«Афзоиши назарраси теъдоди созмонҳои байналмилалӣ дар даҳсолаҳои охир раванди пуравҷи рушд ва мураккабшавии равобити байналмилалиро инъикос мекунад. Имрӯзҳо фаъолияти густарда дар рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба, алалхусус дар соҳаҳои гуногунро созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СҲИ ба уҳдаи худ гирифтаанд. Ҳамин ҳолат боис шудааст, ки дар таърихи равобити байналмилалӣ афкоре ташаккул ёфтааст, ки асоси масунияти созмонҳои байналмилалӣ масунияти дипломатӣ мебошад ва дар ин асос ба баъзе аз созмонҳои

байналмилалӣ ва намояндагони конфронсҳои байналмилалӣ он дода мешавад. Бояд зикр кард, ки масунияти созмонҳои байналмилалӣ хусусияти амалкардӣ (функсионалӣ) доранд» [56, с. 414]. Асосан баррасиҳои дипломатӣ ба паҳн шудани идеяҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон дахл доштанд.

Сарфи назар аз ин, кӯшишҳои анҷомгирифта дар масъалаи иттиҳоди байнидавлатҳо ҳамчун замина барои равандҳои ҳамгирой дар манотиқи ҷойгиршавии кишварҳои узви СҲИ хизмат карданд.

Бояд гуфт, ки кишварҳои исломӣ ташкилоте бо номи Конгреси ҷаҳони ислом доранд, ки он то ба ҳол фаъолият мекунад. Ҳадафи ин созмон гирди ҳам овардани ходимони исломӣ буда, дорои мақоми ғайрҳукуматӣ мебошад ва дар назди СММ қарор дорад.

КҶИ бо идеяҳо дар мавриди таъсиси созмонҳо барои ҳамкории байнидавлатҳо баромад карда, барои таҳияи консепсияҳои иҷтимоӣ махсус гардонда шудааст.

Конфронси ҷаҳони ислом бо ташаббуси Арабистони Саудӣ, Покистон ва Миср дар соли 1954 ташкил шудааст. Аммо натиҷаҳои он мисли натиҷаҳои ташкилотҳои қаблан таъсисёфта назаррас набуданд ва ин бо гуногунии рушди иттиҳоди кишварҳои Шарқ ва қафомондагии иқтисодӣ - иҷтимоӣ марбут буд. Гузашта аз он, намояндагони сиёсии давлатҳои узви ин созмон мунтазам вохӯрӣ намекарданд. Вале дар музокироти начандон зиёде, ки доир гардида буд, мавқеи умумии кишварҳо дар таҳияи минбаъдаи барномаҳои ҳамкорӣ таъсири мусбат расонд.

Сарфи назар аз ин, рӯйдоди мазкур масири эҷод ва ҷустуҷӯи фаъолонаи воситаҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро байни кишварҳои минтақа мушаххас кард. 25 августи соли 1969 дар Қоҳира вазирони корҳои хориҷии чаҳордаҳ давлати арабӣ ҷамъ шуда, қарор қабул карданд, ки ба хотири ҳимояи маконҳои муқаддаси мусулмонҳо саммити роҳбарони давлатҳои исломиро баргузор намоянд. Бо такя ба

ин мулоқот ва ҳамоҳангиҳо дар заминаи ин мулоқот дар худи ҳамон сол, яъне соли 1969 дар Марокаш шаҳри Работ саммити сарони кишварҳои исломӣ доир карда шуд. Ҳадаф аз ҷамъомад матраҳ кардани масоил давлатҳои исломӣ ва ҳаллу фасли онҳо ба манфиати он давлатҳо.

Дар конфронси якум ва дуюми вазирони корҳои хориҷӣ дар Ҷидда ва Қарочӣ дар соли 1970 дар натиҷаи мувофиқа кардани мавқеи давлатҳои Шарқи Наздики дар СҲИ сохтори наве ба унвони Маркази ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ (МҲБ) расман таъсис меёбад.

Дар конфронси сеюми вазирони корҳои хориҷӣ (шаҳри Ҷидда) аъзои созмон оинномаи онро пазируфтанд, ки дар он наҳваи пазируфта шудан ба созмон зикр шудааст.Дар он чунин омадааст: «Пешниҳоди ариза дар бораи қабул бояд ба Котибот супорида шавад; узвияти давлатҳои ариза пешниҳод карда дар конфронси навбатии вазирони корҳои хориҷии созмон тасдиқ карда мешавад; барои тасдиқи узвият дар СҲИ талаб карда мешавад, ки 2/3 ширкаткунандагон овози мусбат диҳанд» [35].

Дар таърихи муосири СҲИ инчунин далелҳои мутаваққиф кардани узвият дар ташкилоти мазкур қайд мешавад. Соли 2012 узвияти давлати Сурия дар ин созмон мутаваққиф карда шуда буд. Дар кори мутаваққиф сохтани узвияти давлати Сурия давлати Арабситони Саудӣ пешқадам буд.

Солҳои 70-90 - уми қарни XX СҲИ бо ҷалби фаъоли созмонҳо ва сохторҳои марбутаи он тавсиф мешавад. Ин вазъият имкон фароҳам овард, ки СҲИ ба ҳайси созмони байналмилалии муттаҳидкунанда, ки ҷиҳати тақвияти кишварҳои узви созмон дар ин ё он соҳа ироа карда шавад.

Дар радифи ин ташкилотҳо Бонки исломии рушдро (БИР) зикр кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ғояи таъсиси бонки мазкур соли 1970 дар шаҳри Қарочӣ дар мулоқоти дуюми сатҳи олии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узв арзи ҳастӣ намуд. Инчунин, Ожонсии

исломии иттилоот (ОИИ), ки солҳои 1972 барои таҳкими равобит миёни кишварҳо ва ҳифзи мероси фарҳангии онҳо таъсис ёфта буд, аҳаммияти муҳим дорад.

Номи феълии худро СҲИ ба зудӣ нагирифтааст. Чунон ки қаблан қайд шуд, то соли 2011 ин ташкилот Созмони «Конфронси исломӣ» ном дошт. Табдили номи СКИ ба СҲИ рӯзи 28 июни соли 2011 ҳангоми раисии Қазоқистон, ки ташаббускори ин идея буд, сурат гирифт. Номи нави созмон, логотип ва нишонаи (эмблема) нав моҳияти аслии созмонро инъикос намуда, тағйирот дар Оинномаи он ҳатто камтарин ишораро дар мавриди алоқаи ислом бо терроризм [101] инкор мекунад.

Дар ибтидои асри XXI метавон баъзе хусусиятҳоро дар фаъолияти СҲИ мушоҳида кард. Ба маврид аст, ки чанд хусусияти ҷолиби СҲИ –ро дар даҳаи сеюми асри XXI ёдрас шавем: СҲИ ягона созмонест, ки консепсияи конфессионалӣ ҳамчун унсури ягонаи муайянкунанда байни давлатҳои узви он ба ҳисоб меравад ва дар он конфессия ягона муштаракоти умумӣ ва манбаи асосии ҳувият ва ҳамгироӣ мебошад; СҲИ сохтори минтақавӣ (аъзои он аз чор қитъаи олам мебошанд) аст, на созмони универсалӣ, зеро узвият дар он танҳо ба давлатҳое пешниҳод мешавад, ки сокинонаш пайрави дини исломанд. СҲИ дар масъалаи Фаластин бо дарназардошти афкори ҳукмрон, ки дар даврони ҷанги сард, яъне замони таъсис ёфтани созмони мазкур афзалият дошт, мавқеи сиёсиро ишғол мекунад. Дар моддаи VI Оинномаи он зикр шудааст, ки то замони озод шудани Байтулмуқаддас дафтари марказии СҲИ дар Ҷидда (Арабистони Саудӣ) боқӣ мемонад. Аслан, фаъолияти якчанд давлати узви СҲИ аз замони таъсиси он муваққатан мутаваққиф гардида буд. Масалан, соли 1974 фаъолияти Сиерра – Леоне, соли 1980 Буркина – Фасо ва Саудӣ ва тавре, дар боло зикр шуд моҳи августи соли 2012 узвияти Сурия муваққатан мутаваққиф гардид.

СММ ва СҲИ дар сатҳи олӣ мулоқот карда, тамосҳояшонро бо муассисаҳои махсусгардонидашудаи худ бо қатъномаҳои 61/49 аз 12

феврали соли 2007, 63/114 аз 26 феврали соли 2009 ва и 65/140 аз 5 апрели соли 2011 васеъ мекунанд; ҳамаи онҳо ҷонибдори ҳамкории мутақобила бобати нигоҳ доштани сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, мусоидат ба худмуайянкунии озод ва ҳавасмандгардонии ҳуқуқҳои асосии инсон мебошанд. Инчунин, ҳамасола ҳисобот зери унвони «Чорабиниҳо доир ба ҳамкориҳои СҲИ ва СММ» аз ҷониби СҲИ ба нашр мерасад [188].

Дар мавриди Сурия ҳаминро бояд гуфт, ки СҲИ бо қабули чораҳо дар мавриди ҳамкорӣ ва маъқул шуморидани таҳримҳо нақши ҳалкунанда бозидааст. Ба хотири он ки дасти Башшор Асад, Президенти Сурия кӯтоҳ карда шавад, СҲИ аз саммите, ки дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ моҳи августи соли 2012 баргузор гардид, истифода бурд, то ки узвияти Сурияро дар созмони мазкур мутаваққиф кунад.

Ин гом пештар (2012) дар мулоқоте, ки қаблан дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ баргузор гардида буд, маъқул шуморида мешавад. Чанд моҳ пештар аз ин Лигаи давлатҳои араб, бо вуҷуди мухолифати Эрон дар ин саммит кӯшиш кард ба хотири инзивои дипломатӣ Сурияро аз ҷанҷол берун биёварад. Аммо Эрону Сурия, Қатар, Туркия дар мусаллаҳ кардани шӯришиёни Сурия Арабистони Саудиро айбдор карданд.

Саммит ҳамчунин дар номаи ба истилоҳ Маккӣ ба хотири дастгирии ҳамбастагӣ нақзи ҳуқуқи инсонро дар Сурия маҳкум карда, зарурати бақои ваҳдат, истиқлол ва ягонагии арзии миллати Сурия таъкид мекунад. Ҳоло СҲИ нақши калидиро дар миёнҷигарӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ бо Сурия ба мақсади рушди он бозӣ мекунад. Дар иртибот ба ин масъала дар моҳи декабри соли 2013 СҲИ барои расонидани кумакҳои худ ба кишвари Сурияро дар якҷоягӣ бо СММ оғоз намуданд.

Илова бар ин, талошҳои СҲИ ба он оварда расонид, ки Фаластин аз ҷониби Маҷмаи умумии СММ ҳамчун узви нозир эътироф гардид ва ба ҷомеаи байналмилалӣ муроҷиат кард, ки истиқлоли давлати

Фаластинро ҷонибдорӣ кунанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин чунин хулоса кардан мумкин аст:

– нақши созмонҳои байналмилалие, ки дорои хислати минтақавӣ мебошанд, дар ҷараёнҳои ҳаллу фасли мусолиматомези низоъҳо дар кишварҳои Африқо ва Шарқи Наздик торафт муҳимтару боарзиштар мегардад. Ҳатто агар дар ин қораҳои сахт зарардида бисёр созмонҳои байналмилалии минтақавӣ фаъолият кунанд ҳам, суръати мусобиқаро бобати ҳалли низоъҳое, ки кишварҳои аъзои ин созмон дучор мешаванд, СҲИ муқаррар кардааст;

– иллати таъсиси СҲИ-ро аксаран ба зарурати ҳамбастагии кишварҳои Шарқи Наздик ва халқҳои он дар пайи ду ҳодисаи таърихи начандон дур, яъне шикасти арабҳо дар ҷанги шашрӯзаи соли 1967 ва оташ задани масҷиди ал-Ақсо дар соли 1969, макони муқаддас барои мусулмонҳо вобаста медонанд. Бар асари ин ду ҳодиса СҲИ ба хотири дифои манофеи кишварҳои мусулмоннишин таъсис дода шуд. СҲИ ба ҳайси миёнарав ҳам аз ҷониби кишварҳои узв ва ҳам аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътироф гардидааст;

– пешгомии СҲИ дар ҷаҳони муосир, махсусан дар чанд даҳсолаи охири асри XXI, дар иртибот ба як чанд ҳолат назаррас гардид. Аз ҷумла, мустақилияти он аз дигар созмонҳои байналмилалии минтақавӣ ва интиқоди Шурои амнияти СММ ба хотири муносиботи ғаразнок нисбати низоъҳои байналмилалии ҷудогона;

– бар асари ин иқдомот садои СҲИ дар тамоми ҷаҳон ҳалкунанда гардид ва ин нишон медиҳад, ки чаро созмонҳои байналмилалии гуногун, ҳатто давлатҳои ғайримусулмоне ба монанди Русия ба дарёфтани мақоми нозир дар СҲИ таваҷҷуҳи зиёд нишон доданд ва ё чаро Чин дар бораи ҳамкорӣ бо созмони мазкур чандин созишномаҳоро ба имзо расонид;

– ҳоло СҲИ давраи азнавсозии худро аз сар мегузаронад. Панҷ соли охир (солҳои 2017–2022) барои созмони мазкур давраи

мураккабтарин буд, аммо ин танҳо аҳаммияти сиёсӣ ва равобити байналмилалии онро тақвият бахшид. Тағйироти воридшуда ба фаъолияти СҲИ имкон фароҳам овард, ки обрӯ ва ҳайсияту эътибори он ба ҳайси сомиони мубориз алайҳи террор, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, бунёдгароӣ ва тундравии динӣ дар сатҳи байналмилалӣ баландтар шавад.

## 1.2. Заминаҳои таърихии барқарор гардидани муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷиистон ва Созмони ҳамкории исломӣ

Аз лиҳози методологӣ барои он ки нақш, мавқеъ ва аҳаммияти СҲИ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст муайян карда шавад, бояд он дар қаринаи омилҳои асосии робитаҳо ва ташаккули пойгоҳи сиёсӣ–ҳуқуқии муносиботи Тоҷикистон бо созмони мазкур баррасӣ карда шавад. Аз ин рӯ, арзёбии масъалаҳое, ки ҳамчун заминаҳои асосӣ дар ташаккули муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ хизмат кардаанд, бамаврид мебошад. Аз ҷумла, кӯшиш ба харҷ дода мешавад то ба исбот бирасонем, ки ҳамкориҳои ин ду субъекти равобити байналмилалӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ чи гуна сурат гирифтааст.

1 декабри соли 1992 дар нишасти панҷуми фавқулодаи вузарои умури хориҷаи СҲИ мутобиқ ба тартиботи муқарраршудаи дохилӣ ва талаботи он Тоҷикистон ба узвияти ин созмон пазируфта шуд [139]. Ин иқдом моро ба нуктае мебарад, ки мақому манзалати ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ аз мавқеи фаъоли он сарчашма мегирад

Ҳамзамон, саҳм гирифтан дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар пешрафти фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла зимни татбиқи ташаббусҳои глобалӣ ва минтақавӣ, ки талаботи дохилии хар як кишвар мебошад, ёрӣ мерасонад. Барои равшанӣ андохтан ба масоили мазкур лозим меояд, ки сайри таърихие ба гузаштаи на он қадар дури Тоҷикистони муосир карда шавад.

Соли 1991 Ҷумхурии Тоҷикистон мустақил гардида, ба давраи сифатан нави таърихии худ ворид шуд ва халқи тоҷик имкони воқеӣ пайдо кард, ки давлатдории худро рушду такмил бахшад. Ба даст овардани истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овард, ки Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро дар асоси талаботи ҷаҳони муосир татбиқ кунад,

самтҳо ва афзалиятҳои онро дар равобити байнидавлатӣ мушаххас намояд.

Масирҳои асосии фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикоси муфассали худро дар қарорҳои иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 баргузор гардид, ёфтааст. Иҷлосия масири рушду такомули давлатсозӣ ва миллатсозиро дар Тоҷикистон муайян мекунад ва дар ин замина роҳҳои асосии ташаккули дипломатияи тоҷик мушаххас гардонида мешавад [78, с. 70]. Аз ин ба баъд, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони мустақил оғоз гардида, марҳалаҳои гуногуни тавсеаро тай мекунад.

Арзёбии ин масъала нишон медиҳад, ки дар таърихнигории муосири Тоҷикистон ин мавзуъ мавриди баҳсу мунозираи донишмандон ва коршиносони масоили сиёсати хориҷӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи шинохтаи тоҷик З. Саидов дар ин иртибот чунин мефармояд: «Дар шароити нави таърихӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин марҳалаҳои рушду такомулро аз сар гузаронида, ба таҳаввулоти ҷиддӣ дучор мешавад. Аз ҷумла, дар ҳудуди солҳои 1991 то 2000 давлати мо иқдомҳои дипломатиро шуруъ карда, то сатҳи татбиқи консепсияҳои калонмиқёси ҳамкорӣ бо ҷаҳони беруна мерасад» [92, с. 12].

Хусусият, динамика ва ҳаводиси зиёд тул кашидани марҳалаи зикршуда ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва бартараф кардани паёмадҳои он дар доираи раванди сулҳ ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад. Ин даврае буд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар самтҳои стратегӣ дар арсаи байналмилалӣ муайян мегардид. Аз рӯйи муқаррароти консептуалӣ сиёсати хориҷӣ ва фаъолиятҳои дипломатияи Тоҷикистон дар марҳалаи аввали истиқлолият ба ҳалли масоили мушаххас равона шуда буд.

Дар ин марҳала мушкилоти нахустин иборат аз он буд, ки Тоҷикистон бояд бо масири сиёсии кишварҳои пешрафтаи демократии

ҷаҳон наздик мешуд. Вазифаи асосӣ аз он иборат буд, ки бояд Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил мешуд ва дар ин замина рушду тараққии иқтисоди миллӣ ба воситаи манобеи хориҷии молиявӣ сурат мегирифт, ки имкон дошт шароити муносиб ҷиҳати бартараф кардани буҳрони иқтисодӣ дар кишварро ба вуҷуд овард. Инчунин, дар канори дигар масоил дар марз бо Афғонистон эҷоди камарбанди амниятӣ ва марзҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз масоили аввалиндараҷа маҳсуб меёфтанд.

Солҳои 90-уми қарни XX Тоҷикистон истиқлоли сиёсии худро дарёфт кард, аксари кишварҳои дунё онро ба расмият шинохта, бо он равобити дипломатӣ барқарор намуданд. Дар як муддати кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби бисёр давлатҳо шинохта шуд. Ҳамзамон, сафарҳои расмӣ ва фаъолияти намояндагони давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба кишвари мо сурат гирифтанд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳим он буд, ки 2 марти соли 1992 дар иҷлосияи 46-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Ҷумҳурии Тоҷикистон якдилона ба ин созмон пазируфта шуд ва ба шарофати он ҷумҳурии мо ба субъекти воқеии равобити байналмилалӣ мубаддал гардид [91], [44]. «Ин ба кишвари мо имкон дод, ки истиқлоли тоза ба даст овардаро тақвият диҳад, саҳми худро дар рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳалли проблемаҳое, ки ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст, гузорад. Дар ин росто, дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Амнияту Ҳамкории Аврупо (САҲА) ва як чанд созмони байналмилалӣ, иттиҳодҳо ва ташкилотҳои минтақавӣ аз дигар рӯйдодҳои бузурги таърихӣ ба ҳисоб мераванд. Тоҷикистон тавонист механизмҳои ин созмонҳои бонуфузи байналмилалиро барои таъмини сулҳу субот ва рушди иқтисоди миллӣ дар кишвар истифода барад» [100, с. 13-15].

Мо дар аввоили истиқлол қарорҳоеро қабул кардем, ки он ба ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи байналмилалӣ кумак

намуда, мавкеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мустақил дар арсаи байналмилалӣ тақвият мебахшиданд.

Бо вуҷуди ин, ёдрас мешавем, ки ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти зиёди субъективӣ ва объективӣ ба ҳамроҳ дошт [116].

Ин ҷо муносиб аст, ки ба баъзе хусусиятҳои раванди шомил шудани Тоҷикистон ба созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ишора намоем, зеро дар марҳалаи ибтидоии ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СҲИ хеле назаррас мебошад.

Ба назари мо, дар байни таҳлилгарони масоили равобити байналмилалӣ муҳаққиқи тоҷик Ф. Салимов оид ба ин масъала нуктаи назари хуби илмӣ баён кардааст. Ба андешаи ӯ «Барои он ки динамика ва вектори тағйироти нақш, ҷойгоҳ ва аҳаммияти созмонҳои байналмилалӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк карда шавад, бояд онро ба сурати марҳилавӣ, дар чорчӯбе, ки ин тағйирот дар ҳамкории кишвар бо созмонҳои байналмилалӣ сурат мегирифтанд, баррасӣ шавад» [189].

Муаллиф фарзияи ҷолиби марҳалаҳои асосии ташаккули муносиботи Тоҷикистонро бо созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод мекунад, ки метавон онро ҳамчун пешниҳоди илман асоснок пазируфт.

Дар байни солҳои 1990–2000 кишвари мо узвияти як чанд созмони байналмилалиро дарёфт кард. Ин аъзошавӣ ба созмонҳои байналмилалӣ боиси зудтар ҳаллу фасл шудани масоили дохилии мамлакат, бавежа ҷанги дохилӣ буд. Тоҷикистон дар муддати начандон тулонӣ ба муноқиша ва даргириҳо хотима бахшида, ба сохтусоз ва бунёди мамлакат оғоз намуд. Инчунин, имзои созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба мамлакат сулҳ ва оромиш оварда, мамлакатро дар ҷодаи рушду истиқрор қарор дод. Пас аз он ки мамлакат узвияти як идда аз созмонҳои байналмилалиро дарёфт намуд, дар баробари ҳаллу фасли масоили дохилӣ ба ҳаллу фасли масоили глобалӣ низ иқдом намуд.

Масалан, роҳбари Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба аз минбарҳои байналмилалӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли масъалаи Афғонистон даъват карда ёдовар мешуд, ки қазияи Афғонистон роҳи ҳалли мусолиматомез дорад на ҷанг, бо ҷанг қазияи Афғонистон ҳаллу фасл нахоҳад шуд. Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари он ки узвияти чанде аз созмонҳои байналмилалиро дарёфт кард, инчунин барои таъсис додани созмонҳои нави байналмилалӣ низ иқдом намуд.

Ҳамчунин, Тоҷикистон узви СҲИ, Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА), САҲА, Панҷгонаи Шанхай, баъдан Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) мегардад. Солҳои 2001–2015 – марҳалаи хотимавии ворид шудани Тоҷикистон ба созмонҳои асосии байналмилалӣ ва пешбурди рӯзномаи худ дар муносиботи байналмилалӣ (минтақавӣ ва глобалӣ) ба ҳисоб меравад. Аз соли 2015 то имрӯз ҳамчун марҳалаи такмилёфтаи муносибатҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва татбиқи манофеи стратегии давлат тавсиф кардан мумкин аст.

Дар заминаи омӯзиши масъалаи мазкур мо чунин асосҳои ҳуқуқӣ – байналмилалии танзими фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ - техникӣ, башарӣ мушаххас намудем, ки аз инҳо иборатанд: Оинномаи СҲИ аз соли 1972, ки 14 марти соли 2008 баъди таҳрири ниҳоӣ дар шаҳри Дакар (Ҷумҳурии Сенегал) қабул шудааст; Созишнома байни СҲИ ва СММ аз соли 1975 оид ба додани мақоми нозир ба СҲИ дар СММ, ки аз аҳаммияти муҳимми байналмилалӣ бархӯрдор аст; Тартиботи пурра пазируфтани узвият дар СҲИ дар асоси моддаҳои 3-юм ва 4-уми Оинномаи СКИ (СҲИ) [35]; Протоколи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар бораи қабул кардани Тоҷикистон ба узвияти СҲИ аз якуми декабри соли 1992; Протокол оид ба аъзои доимии БИР гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1996; Протокол дар бораи ба Иттиҳоди парлумонии СҲИ шомил шудани Тоҷикистон аз соли 1997; Грамотаи ба тасвибрасидаи Оинномаи

нави СКИ (СҲИ – А. Ғ.), ки 8 декабри соли 2009 аз ҷониби парлумони Тоҷикистон тасдиқ гардидааст ва ғ. Бинобар ин, лозим медонем ин асноду мадорики зикршударо мутобиқ ба хронология ва дар ҷои худашон дида бароем.

Дар доираи масъалаҳои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати созмонҳои байналмилалӣ бояд ба хусусиятҳои ҳамкории Тоҷикистон бо СҲИ ишора шавад. Агар ба ҷаҳони феълӣ аз ин зовия назар андозем, маълум мегадад, ки дар рӯйи олам даҳҳо созмонҳои қонунӣ ва ғайриқонунии исломӣ вуҷуд доранд, ки ҳар кадоми онҳо мақосидеро дунболагирӣ мекунанд. Ин созмонҳоро ашхос ва гурӯҳҳои гуногун вобаста ба дарку фаҳм ва бардошти худ аз ислом ва китоби муқаддаси он Қуръон таъсис дода, ҳадаферо пайгир мебошанд. Аз ин рӯ, моро лозим аст дар интихоби ин созмонҳо ва дарёфти узвият ба онҳо хеле мухтот бошем. Ба качроҳа наравем, чунин хатарҳо вуҷуд доранд мо ҷонибдори сиёсати муътадил ва дарҳои боз мебошем ва ба ин ҷода ҳамаи дигаронро даъват мекунем. Адабиёти оламшумули мо, ба дунё нобиғаҳои беназиреро ато кардааст, ҳамагӣ бо як овоз андешаи дӯстӣ ва сулҳро сурудаанд ва аҳли башарро ба дӯстӣ ва рафоқат даъват кардаанд.

Муҳаққиқи тоҷик Умаров Ф. чунин нуқтаи назар баён мекунад: «Тоҷикистон узви бисёр созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла созмонҳои минтақавӣ буда, бо чунин ташкилотҳои қонунӣ аз қабили: Созмони конфронси исломӣ (СКИ ҳоло СҲИ – А. Ғ.), Бонки исломии рушд (БИР), Созмони исломӣ оид ба фарҳанг, маориф, илм ва тарбия (ИСЕСКО), Имомати исмоилиҳо – Созмони Оғохон барои рушд, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) ҳамкорӣ мекунад. Ба ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон созмони байналмилалии террористӣ ва экстремистии исломии тахрибкор – «Ҳизб-ут-Таҳрир-ал исломӣ» ва Ҳизби озодии исломӣ (ҲОИ) фаъолият мекунанд» [107, с. 93]. Аз инҷост, ки чунин ҳолати ба амал омада аз роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон тақозо мекунад,

ки муносибати худро бо ҳар кадоми он бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар мушаххас намояд.

Яке аз бахшҳои асосии фаъолияти СҲИ – таъмини рушд ва эътидол, тавсеаи иқтисодӣ ва ҳамкории илмӣ ва фарҳангӣ дар кишварҳои узви созмони мазкур мебошад.

Чунон ки қаблан қайд карда будем, СҲИ  дар асоси принсипҳои дунявӣ бунёд ёфта, аз доираи манофеи миллии кишварҳои аъзо берун намеравад.Омили исломӣ дар ташкили он барои муттаҳид намудани кишварҳои мусулмонӣ ва ҳалли масъалаҳои сирф дунявӣ хизмат мекунад.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлолӣ, дар шароити нави таърихӣ соли 2007 узви Иттиҳоди парламентии СҲИ мегардад. Оинномаи СҲИ аз ҷониби парламенти Чумҳурии Тоҷикистон 8 декабри соли 2009 ба тасвиб мерасад [158].

Дар муносиботи Тоҷикистон бо СҲИ ҷанбаи ҳамбастагии иқтисодӣ бартарӣ дорад. Дар зимн таваҷҷуҳи бештар ба ҳамкорӣ бо Бонки исломии рушд ва Фонди ҳамбастагии исломӣ ироа карда мешавад. Соли 1996 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви доимии  Бонки рушди исломӣ шуд. СҲИ ҳам ба мисли СММ созмони калидӣ дар раванди сулҳи тоҷикон буд. СҲИ ба ҳайси нозири расмӣ дар музокирот ширкат карда, баъди имзои Созишномаи сулҳ ба ҳайати гурӯҳи тамоси кишварҳои кафолатдода шомил гардид ва дар маросими имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ рӯзи 27 –уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва баромад кард.

Пас аз он ки созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид, кишвари Тоҷикистон ба як узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, дар тамоми ҳамоиш ва нишастҳои байналмилалӣ кӯшиш мекард, ки ширкат намояд. Дар ҳамин асно, ба ҳайси пешбарандаи масоили обу иқлим баромад намуд. То ба имрӯз дар ин замина 5 пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд ва роҷеъ ба ҳар яктои онҳо

қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ қабул карда гардид. Ин дар назари аввал хеле сода менамояд, вале вақте шумо ба ин масоил амиқтар фикр мекунед мебинед, ки чи қадар қазия  печида ва мушкил аст. Кишварҳои абарқудрат низ зимни ироаи пешниҳоди хеш аз сӯйи ҷомеаи байналмилалӣ дастгирӣ намеёбанд, то чи расад ба кишварҳои кучак мисли Тоҷикистон. Аммо Тоҷикистон сарфи назар аз масоили дохилии хеш ва нуфузи на он қадар калоне, ки дар дунё дошт, даст ба ҳаллу фасли масоили глобалӣ зад ва муваффақ низ шуд. Аммо самаранокии фаъолият дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба модели ҳамкорӣ бо онҳо робитаи зич дорад.

Дар робита ба ин масъала, ба хотири ибрози ҳақиқат зарур аст таъкид шавад, ки андешаи дигари Ф. Салимов дар мавриди се модели иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ қобили қайд аст: «Модели ҳамкории самаранок, Модели муносиботи амалгароёна, Модели ширкати формалӣ» [189]. Аммо бояд қайд кард, ки дар чунин таҳлили хуб мавқеи муаллиф дар бораи хусусияти иштирок ва ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ нишон дода нашудааст.

Агар ба асосҳои ҳуқуқи байналмилалии фаъолияти СҲИ ва муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он муроҷиат шавад, пас бояд таъкид намуд, ки таҳлили санадҳои муассисии ташкилоти мазкур ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории онро бо Тоҷикистон нишон медиҳад, алалхусус дар заминаи рушди асосҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва гуфтугӯи байнитамаддунӣ.

Дар равобити Тоҷикистон бо СҲИ ҳамбастагии иқтисодӣ афзалият дорад. Дар ин зимн, бештар такя мешавад ба равобит бо Бонки рушди исломӣ ва Фонди ҳамбастагии исломӣ. Соли 1996 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви доимии Бонки рушди исломӣ шуд ва ҳамкории онҳо ҳамчун ба модели ҳамкории самаранок шомил карда шудааст.

Мулоқоти подшоҳон, сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо дар се сол ва вазирони корҳои хориҷӣ ҳар сол баргузор мешавад. Дар ҳолати зарурӣ

конференсияҳои ғайринавбатӣ даъват мешаванд. Котиботи генералӣ мақомоти иҷроияи СҲИ мебошад [35].

Барои танзими муваффақ ва самараноки фаъолияти ҳуқуқӣ дар СҲИ тибқи талаботи Оинннома мақомоти иҷроия интихоб мешавад. Ҳоло мақоми иҷроияи СҲИ Котиботи генералии он мебошад. Ин мақомро Котиби генералӣ роҳбарӣ мекунад. Котиби генералӣ барои ду сол интихоб мешавад. Дафтари марказии Котиби генералӣ дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ воқеъ аст. Дабири кулл ва ҳамаи муовинони ӯ барои чор сол аз сӯйи вазирони корҳои хориҷӣ интихоб мешаванд. Дар зимн ҳамаи принсипҳои намояндагии минтақаҳои ширкаткунандагон ба назар гирифта мешавад.

«Шарти муҳим ҳангоми интихоби Котиби генералӣ ин аст, ки номзадҳо ҳатман аз се гурӯҳи давлатҳои узв, яъне давлатҳои арабӣ, мамлакатҳои Осиё ва давлатҳои Африқо пешниҳод мешаванд. Омӯзиши таърихи СҲИ нишон медиҳад, ки дар панҷоҳ соли ахир ба вазифаи Котиби генералӣ аз давлатҳое ба монанди Малайзия, Миср, Сенегал, Тунис, Покистон, Нигер, Туркия, Марокаш ва ғ. котибони генералӣ интихоб шудаанд» [41, с. 16].

Ба мақсади танзими масъалаҳои ба миёномада, кишварҳои узви СҲИ дар асоси ҳуқуқӣ Суди байналмилалии адолатхоҳӣ таъсис додаанд. Ҳайати суди мазкур аз намояндагони 7 давлати узви СҲИ иборат мебошад [70, с. 75]. Аммо то ба имрӯз мавзуи иштироки намояндаи Тоҷикистон дар ин мақомоти судӣ баррасӣ нашудааст. Тамоми аъзои ин мақоми байналмилалии судӣ дар Конфронси вазирони корҳои хориҷӣ тавассути овоздиҳӣ интихоб мешаванд (Оинномаи СҲИ. Фасли IX. Суди байналмилалии исломӣ).

Мутобиқи талаботи Оиннома аризаи муроҷиат барои шомил шудан ба ин созмон ба Котиботи СҲИ супорида мешавад. Дар навбати худ, Котиботи генералӣ онро ба рӯзномаи навбатии конфронси вазирони корҳои хориҷии СҲИ пешниҳод мекунад.

Ҳамин гуна, тартиби раванди хориҷшавӣ аз СҲИ сурат мегирад. Бояд қайд кард, ки ҳамин тартиби ворид шудан СҲИ дар мавриди Тоҷикистон бо баъзе дигаргуниҳо сурат гирифт. Метавон гуфт, ки бидуни ҳамоҳангии пешакӣ СҲИ 01.12.1992 бо назардошти мушкилоти маълуми дохилӣ ба таври изтирорӣ Тоҷикистонро ба узвияти ин созмон қабул мекунанд. Тоҷикистон дар миёни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки аксари аҳолияш мусулмон мебошанд, яке аз нахустинҳо шуда ба СҲИ шомил гардид. Пӯшида нест, ки мухолифон намехостанд кишвари мо ба ин созмон шомил шавад. Онҳо чунин ҳадс мезаданд, ки бо ин амал Тоҷикистон худро ба дигар давлатҳо, пеш аз ҳама, ба Россия ва кишварҳои Ғарбӣ муқобил мегузорад.

Бо сабабҳои мушкилоти иқтисодӣ, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ вобаста буд, муддати чанд сол Тоҷикистон натавонист ҳаққи узвияти худро ба ин созмон пардохт намояд.

Яке аз масъалаҳои ҳуқуқие, ки дар фаъолияти ин созмон мавҷуд аст, баҳси хориҷ шудан аз ин созмон мебошад. Барои хориҷ шудан аз СҲИ зарур аст, ки Котиботи генералии СҲИ дар ин бора огоҳонида шавад. Дар навбати худ, Котиби генералии СҲИ дар ин бора ба ҳамаи аъзои ташкилот иттилоъ медиҳад. Шарти зарурӣ ин аст, ки кишвари хориҷшаванда бояд тамоми уҳдадориҳои молиявии худро то баромадан аз ҳайати СҲИ дар назди созмони мазкур пурра иҷро кунад.

Дарёфти узвияти созмон ва хориҷ шудан аз он тибқи муқаррароти мушаххсе сурат мегирад. Масалан, барои хориҷ шудан аз узвияти созмон ба мақомоти болорутбаи он бояд қарори лозима ироа карда мешавад. Ин қарор ва дархости ироашуда дар ҷаласаи кории СҲИ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Дар ҷаласа бояд аз 2/3 узви созмон ба ҷонибдории он қарор ва ё дархост овоз диҳанд, он вақт узв хориҷшуда маҳсуб меёбад.

Ба ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти СҲИ ишора намуда, ҳуқуқшиносон бар чунин масъала таъкид мекунанд, ки СҲИ метавонад бо шаклҳои гуногун ба низоми миллии ҳуқуқӣ таъсиргузор бошад.

Ин як воқеият аст, ки СҲИ дар ташаккули асосҳои ҳуқуқии кишварҳои узви он нақши муҳим дорад. Шаклҳои таъсири СҲИ ба инкишофи низоми ҳуқуқии миллии давлатҳои аъзо гуногун мебошанд. Механизмҳое, ки СҲИ барои мусоидат ба ҳамоҳангсозии ҳуқуқӣ, пешбурди принсипҳои исломӣ ва рушди ҳамкориҳои байни давлатҳо истифода мебаранд, ба таври мушаххас зуҳур мекунанд.

СҲИ эътирофи конститутсияро ҳамчун манбаи ҳуқуқӣ ташвиқ мекунад ва ба кишварҳои узв имкон медиҳад, ки арзишҳои волои инсониро ба муқарраротии конститутсионии худ ворид кунанд. Мутобиқи тавсияҳои СҲИ чунин тағйиру иловаҳои конститутсиониро метавон ворид кард, ки арзишҳо ва принсипҳои дунявӣ ва диниро инъикос намуда, мувозинати байни принсипҳои динӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар доираи талаботи давлатҳои муосир барқарор кунад.

Қобили зикр аст, ки СҲИ ба рушди низомҳои ҳуқуқии миллӣ кумак расонида барои шакл гирифтани низоми қонунӣ дар байни кишварҳои узви созмон мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, мумкин аст дар ҳамоҳангсозии принсипҳои динӣ бо мафҳумҳои ҳуқуқии муосир бо назардошти анъанаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва масъалаи ҳуқуқи инсон [127] дар кишварҳои узв мушкилотро низ ба вуҷуд оварад. Бо дарки амиқи ин шаклҳои таъсир, мо дар бораи мақоми СҲИ дар ташаккули асосҳои ҳуқуқии давлатҳои аъзои он маълумоти пурарзиш ба даст оварда метавонем.

Таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳад, ки СҲИ кӯшиш карда иситодааст тамаддун ва фарҳанги кишварҳои исломӣ хифз карда шавад ва беасос будани назарияи «бархӯрди тамаддунҳои гуногун»-ҳамкориҳои густардаеро ба роҳ монад. Ба ин хотир, СҲИ бо созмонҳои ғайридавлатии байналмилалии ғайримусулмонӣ ҳамкорӣ мекунад, ақаллиятҳои мусулмонии кишварҳои ғайриисломиро ҳифз ва ғамхорӣ мекунад. Ин имкон медиҳад, ки СҲИ на танҳо ба нақши роҳбари сиёсӣ ва маркази ҳамоҳангсозии мусулмонон шинохта шавад, балки умуман

«ҳомии» тамоми мардуми ҷаҳон бошад. Дар ҳоли ҳозир мақсади асосии СҲИ мисли пештара ҳамкории давлатҳо, ширкати муштарак дар кору фаъолиятҳо дар арсаи байналмилалӣ ва даст ёфтан ба рушди устувори кишварҳои узв боқӣ мондааст. Як нуктаро дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин созмон баробарҳуқуқии комил дар байни аъзои он дида мешавад.

Аз инҷост, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯби созмони мазкур бо ҳама кишварҳои узв ба мақсади ноил шудан ба мақсадҳои асосӣ, аз ҷумла тақвияти ҳамбастагии байналмилалӣ ва ҳамкорӣ миёни кишварҳои узв, бартараф кардани тамоми намудҳои табъиз, дидани чораҳо барои бақои сулҳ ва суботи байналмилалӣ ҳамкорӣ мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз минбари созмони бонуфузи байналмилалӣ ба сухан баромада, тамоми давлатҳои дунёро ба он даъват карданд, ки ба масъалаи таҳким ва ҷойгоҳи ин созмон дар ҳаллу фасли масоли мубрами олам таваҷҷуҳи хосса зоҳир инамоянд.

Таҳкими асосҳои ҳуқуқии равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар солҳои 1994, 1997, 2000, 2005 ва 2008 хеле муҳим ба назар мерасанд. Дар ин солҳо санадҳои зиёде дар бораи ҳамкорӣ бо СҲИ ба имзо расиданд. Татбиқи онҳо дар соҳаи савдо ва иқтисод, маориф ва илм, энергетика саҳифаи нави дурахшонро дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр кишварҳои узви ин созмон боз кард.

Яке аз рукнҳои асосие, ки дар рӯзномаи фаъолияти СҲИ муайян шудааст ба сатҳи баландтари рушду тавсеа расонидани давлатҳои узв ва таҳкими равобити иқтисодиву тиҷории байни онҳо аст. Дар инкишофи ин самт дар айни замон чунин созишномаҳои аз нигоҳи байналмилалӣ муҳим қабул гардидааст: «Созишномаи куллӣ дар бораи ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва тиҷоратии байни давлатҳои аъзои СҲИ аз соли 1977 (соли 1981 эътибор пайдо кардааст); Созишнома дар бораи инкишоф, ҳифз ва кафолатҳои сармоягузорӣ байни давлатҳои аъзои СҲИ аз соли 1981 (соли 1988 эътибор пайдо кардааст); Созишномаи

муқаррарӣ дар бораи низоми имтиёзҳои тиҷоратӣ байни давлатҳои аъзои СҲИ аз соли 1990 (соли 2002 эътибор пайдо кардааст); Протокол дар бораи низоми тарофаҳои имтиёзнок ба Созишномаи муқаррарии дар боло зикршуда аз соли 2005 (соли 2010 эътибор пайдо кардааст); Қоидаҳои мушаххас кардани пайдоиши коло ва амвол ба созишномаи муқаррарии дар боло зикршуда аз соли 2007 (то имрӯз эътибор пайдо накардааст); Оинномаи Шурои ҳавонавардии шаҳрвандӣ аз соли 1982 (соли 2004 эътибор пайдо кардааст); Оинномаи Иттиҳодияи телекоммуникатсияи давлатҳои узв аз соли 1984 (то имрӯз эътибор пайдо накардааст); Мақоми ниҳодҳои стандарт ва метрологияи кишварҳои узви СҲИ аз соли 1998 (то имруз эътибор пайдо накардааст) ва ғ.» [110, с. 82].

Ҳамин тариқ, мавқеи баланди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мусоидат кард, ки ташаббусҳои доир ба масъалаҳои доғи рӯзи сайёра аз ҷумла, вазъи муътадили сиёсӣ, мубориза бо зуҳуроти терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир на танҳо аз ҷониби давлатҳои узви СҲИ, балки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ низ маъқул диниста шаванд ва санадҳои ҳуқуқии пурарзиш ба тасвиб бирасанд. Таҳлили мазкурро дар ин бахш ҷамъбаст карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

– шарти муҳимми барқарор намудани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ ин шуд, ки дар соли 1991 Тоҷикистон истиқлол ба даст оварда, ба марҳалаи нави таърихи худ ворид гардид ва имконияти воқеӣ ба даст овард, то ки давлатдории худро тақвият диҳад. Соҳибистиқлолӣ ба кишвари мо – Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки дар ахзи тасмимҳо ва иҷрои корҳо озод бошад ва зимни иҷрои ин кор аз зовияи манофеи миллӣ баромад намояд. Дар аҳди Иттиҳоди Шуравӣ мо аз чунин мавқеъ маҳрум будем ва имкони ахзи тасмимҳоро дар иртибот ба ин ё он масоил надоштем. Чунон ки қайд гардид, дар ин

шароит новобаста аз идомаи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар 1-уми декабри соли 1992 Тоҷикистон ба ҳайати СҲИ шомил шуд;

– асосҳои ҳуқуқӣ – байналмилалии танзими фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СҲИ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ - техникӣ, башарӣ метавон бо асноди зерин мушаххас намуд: Оинномаи СҲИ аз соли 1972, ки 14 марти соли 2008 баъди таҳрири ниҳоӣ дар шаҳри Дакар (Ҷумҳурии Сенегал) қабул шудааст; Созишнома байни СҲИ ва СММ аз соли 1975 оид ба додани мақоми нозир ба СҲИ дар СММ, ки аз аҳаммияти муҳимми байналмилалӣ бархӯрдор аст; Протоколи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар бораи қабул кардани Тоҷикистон ба узвияти СҲИ аз якуми декабри соли 1992; Протокол оид ба аъзои доимии БИР гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1996; Протокол дар бораи ба Иттиҳоди парлумонии СҲИ шомил шудани Тоҷикистон аз соли 1997; Тасвибномаи Оинномаи нави СКИ (СҲИ – А. Ғ.), ки 8 декабри соли 2009 аз тарафи парлумони Тоҷикистон тасдиқ гардидааст ва ғайра;

– дар муносибатҳои байни Тоҷикистон ва СҲИ ҷанбаи ҳамкориҳои иқтисодӣ афзалият доранд. Дар зимн такя ба равобит бо Бонки исломии рушд карда мешавад. Тавре зикр шуд, дар соли 1996 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви доимии БИР гардид. СҲИ ба мисли СММ созмони калидӣ дар раванди сулҳи тоҷикон маҳсуб меёбад. Созмони мазкур ба ҳайси нозири расмӣ дар музокирот ширкат кард, сипас баъди ба имзо расонидани созишнома ба Гурӯҳи тамоси кишварҳои кафили сулҳ шомил шуд. Намояндаи СҲИ ҳамчунин дар маросими имзои Созишномаи сулҳ рӯзи 27-уми июни 1997 дар Маскав ҳузур дошт ва суханронӣ кард;

– асноду мадорики хуқуқӣ – байналмилалие, ки байни ду субъекти равобити байналмилалӣ ба имзо расидаанд, чунин хусусиятҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ муқаррар мекунанд: ҳамкориҳои фаъолияти ҷонноки минтақавӣ ва глобалӣ барои пешбурди

ташаббусҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ташаббусҳо дар масъалаи об, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, сулҳофарӣ, низоми амниятширкат дар раванди ҳамгироии минтақавӣ, дастгирӣ ёфтан аз сӯйи шарикон ва созмонҳои байналмилалӣ ба хотири ҳалли проблемаҳои муҳимми дохилӣ (иҷтимоӣ - иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ, экологӣ) ва минтақавӣ (обу энергетика) ва ғ.

# БОБИ II. САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ (СОЛҲОИ 1992–2022)

## 2.1. Ташаккули равобити иқтисодӣ, молиявӣ – инвеститсионӣ ва равобити байнипарлумонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ

Созмони ҳамкории исломӣ ба ҳайси яке аз муҳимтарин созмонҳои байналмилалӣ дар таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳои исломӣ нақши бориз дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари узви СҲИ дар тули солҳои ҳамкорӣ бо ин созмон талош намудааст, ки муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва сармоягузориро бо кишварҳои исломӣ таҳким бахшида, робитаҳои байнипарлумонӣ ва ҳамгироии сиёсиро тақвият диҳад.

Дар ин замина бояд қайд кард, ки таҳкими равобити иқтисодӣ ва молиявӣ миёни Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои СҲИ на танҳо ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад, балки заминаҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои калидии сармоягузориро фароҳам меорад. Дар ҳамин замина, нақши барномаҳо ва стратегияҳои ҳамкории молиявии СҲИ, аз ҷумла тавассути Бонки рушди Исломӣ ва дигар механизмҳои молиявии созмон ниҳоят муҳим мебошад. Ҳамзамон, равобити байнипарлумонӣ ба ҳайси унсури муҳимми ҳамкориҳои бисёрҷониба, шароити мусоидро барои тақвияти робитаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки агар динамикаи равобити ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломиро мушоҳида намоем, метавон гуфт, ки  оғози шаклгирии самтҳои асосии ҳамкориҳо байни ин ду субъекти муносибатҳои байналмилалӣ баъди он шуруъ мешавад, ки муншии умумии СҲИ дар маросими ботантанаи ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи  27–уми июни соли 1997 иштирок кард.

Аз ин сол шуруъ намуда, раванди ҳамкориҳо бо ин созмон ба таври васеъ оғоз ёфт, вале тавсеаи ин муносибатҳо дар марҳалаҳои баъдӣ бештар ба кӯшишу заҳматҳои сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии ҷудонопазир дорад. Месазад, ки санаи мазкурро ҳамчун оғози марҳалаи нав дар ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ном ниҳод.

Шаклгирӣ ва тавсеаи ҳамкориҳо дар ростои замонии (хронология) таърихӣ чунин аст: Роҳбари давлати Тоҷикистон дар якчанд мулоқоти сарони кишварҳои узви СҲИ (мулоқотҳои 7-11- ва 13-и фавқулода) иштирок ва суханронӣ карда, ҷанбаҳои мухталифи масоили байналмилаливу минтақавиро арзёбӣ намуда, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳаллу фасли онҳо даъват ба амал овардааст. Ба таври намуна, «метавон аз чунин мулоқотҳои арзишманд  ёдрас шуд: соли 1994 дар шаҳрҳои Касабланка (Марокаш),  машварати вазирони корҳои хориҷӣ (дар ҷаласаи 24-уми ШВКХ СҲИ ) моҳи декабри соли 1996 дар шаҳри Ҷакарта; моҳи декабри соли 1997 – дар шаҳри Теҳрон (Ҷумҳурии Исломии Эрон);  13-ноябри соли 2000 - Давҳа (Қатар); 2003 - Куала – Лумпур ( Малайзия); 10-ум моҳи октябри соли 2003 дар Путраҷайя (Малайзия); моҳи декабри соли 2005 – дар шаҳри Макка (Арабистони Саудӣ); моҳи марти соли 2008 – Дакар (Сенегал); ҷаласаи 33-юми ШВКХ дар моҳи июни соли 2010 дар шаҳри Душанбе), ҳамчунин машваратҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар рафти Маҷмааҳои умумии СММ ( 2011) ва ғ.» [78, с. 72-78] доир шуданд.

Дар аксари ин мулоқотҳо Президети Ҷумҳурии  Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок кард, зеро ин чорабиниҳо заминасози тавсеаи муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲИ мебошанд. Дар ин замина кишвари мо тавонист стратегияи сиёсати хориҷии худро такмил намояд. Тавре ки муҳаққиқи тоҷик З. Саидзода менигорад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни узвият дар СҲИ нишон дод, ки кишвари мо танҳо иштирокчии нозир набуда, балки дар корҳои он

ширкати фаъол дошта, барои боз ҳам тақвият додани кори бахшу ниҳодҳои таркибии ин ташкилоти бонуфуз ва ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи ҳаётии халқҳои кишварҳои мусулмоннишин ва умуман, сайёра пешниҳодҳои судманд ироа медорад» [95, с. 34]. Ҳаллу фасли қазияҳои пурпечутоби давр, рушди устувор ва сатҳи баланди зиндагии мардум яке аз мақсадҳои асосӣ дар сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ин росто, ширкат ва суханронии Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи декабри соли 1994 дар мулоқоти 7- уми сарони кишварҳои узви СҲИ то ба имрӯз аҳаммияти худро аз даст надодааст. Сарвари давлат аз ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ барои ҳалли мушкилиҳои иқтисодию сиёсӣ, барои кӯмаку дастгирияшон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ намуд. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи 8-уми сарони давлатҳои аъзо, ки моҳи сентябри соли 1997 дар шаҳри Теҳрон – пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардида буд, иштирок ва суханронӣ намуд. Президенти кишвар зимни суханронии худ таваҷҷуҳи кишварҳои аъзоро ба яке аз масъалаҳои доғи минтақа ҷалб намуда, гуфт: «Вазъи ноустувори сиёсӣ ва идома ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари ҳамсоя - Афғонистон боиси нигаронии амиқи Тоҷикистон ва ташвиши зиёди кишварҳои Осиёи Миёна ва минтақа гардидааст» [7, с. 302]. Ҷониби Тоҷикистон даъват ба амал овард, ки тарафҳои даргири Афғонистон бояд сари мизи музокирот нишаста, ихтилофот ва низоъҳои байниҳамдигариро бо роҳи осоишта ва гуфтушунид ҳаллу фасл кунанд. Вақти он расидааст, ки СҲИ дар ҳамкорӣ бо СММ ва кишварҳои минтақа тамоми имкониятҳои худро ҷиҳати ҳалли мусолиматомези масъалаи Афғонистон равона намояд.

Ба аҳаммияти таърихии ин суханронӣ ишора намуда, муҳаққиқи тоҷик М. Сафолзода ин мавзуъро чунин арзёбӣ кардааст: «Сарвари давлат иштирокчиёнро аз идомаи ҷанги дохилӣ дар Афғонистон, интиқол ва ворид шудани маводи нашъаоварро ба кишварҳои Осиёи

Марказӣ, инчунин халал расондан ба таъмини амнияти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Миёна ихтор дод» [99, с. 124].

Ин дар вазъияте пеш омада истодааст, ки дар кору фаъолияти СҲИ мутаассифона натоиҷи дархӯр ва мусбат зимни ҳаллу фасли низоъҳо вуҷуд надорад. Мунтаҳои маротиб чунин барномаҳоемавҷуд мебошанд ва мо ҳамчун мисол чандтои онро дар инҷо қайд хоҳем кард. Масалан, 30 июни соли 2011 Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои СҲИ «Қатънома Остона» – ро қабул кард, ки мақсадаш мусоидат намудан ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар сатҳҳои гуногун буд» [38]. Инчунин, дар ҳамин сол СҲИ доир ба ҳамкориҳо миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон як идда барномаҳоро ба тасвиб расонид, аз ҷумла барномаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ ва амсоли инҳо.

Дар рафти чорабинии мазкур масъалаи ислоҳоти минбаъдаи Котиботи генералии СҲИ ва тағйирот ворид кардан дар баъзе аз сохторҳои Созмон муҳокима гардид, ки дар муҳокимаҳои онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми фаъол дошт. Аз ҷумла, иброз гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими самаранокии сохтори СҲИ манфиатдор буда, роҳи пешгирифтаи Котиботи генералиро дар ин самт дастгирӣ мекунад. Ҳамчунин, як идда аз масъалаҳои мубрами дигар мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар бораи вазъияти Афғонистон, Ироқ, Сомалӣ, Кипр ва ғ. қатъномаҳо қабул шуданд.

Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ рӯз ба рӯз тавсеа пайдо карда, бахшҳои гуногунро фаро мегирад. Яке аз чунин бахшҳои ҳамкориҳо ба роҳ мондани равобити байнипарлументӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ мебошад. Дар ҷаласаи Иттиҳоди парлументӣ, ки 16 феврали соли 2007 дар шаҳри Куала-Лумпур баргузор гардид, Тоҷикистон ба узвияти Иттиҳоди мазкур пазируфта шуд [95, с. 87]. Ин як заминаи ҳуқуқие буд, ки минбаъд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

доираи ин Созмон кор бурда, мунтазам дар чорабиниҳои гуногуни Иттиҳоди парламентии СҲИ ширкат намояд.

Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон зимни суханронии худ дар вохӯрии сатҳи баланди СҲИ, ки кори худро 6–7 феврали соли 2013 дар Қоҳира зери шиори «Таҳдидҳои нав ва имкониятҳои афзоянда» доир гардида буд, таваҷҷуҳи иштирокчиёнро ба масъалаи истифодаи самараноки захираҳои об дар Осиёи Марказӣ ҷалб карда, таъкид ба амал овард, ки масъалаи истифодаи самараноки об бояд масъалаи калидӣ дар рӯзномаи саммит бошад. Ҷониби Тоҷикистон дар ин вохӯрӣ таъкид ба амал овард, ки истифодаи об дар Тоҷикистон ба кишварҳои поёноб ҳеҷ гуна таъсири манфӣ намерасонад.

Дар ҷараёни мулоқоти сатҳи олӣ«Барномаи 10-солаи амал барои об»-и СҲИ ба тасвиб расид. Бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Барномаи мазкур муқаррарот роҷеъ ба зарурати расондани ёрии сиёсӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ ба кишварҳо дар бахши экология, ҳамчунин дар чаҳорчӯби муколамаи фарҳангҳо фаъол кардани гуфтугӯи байни адёнро ворид намуданд.

Баррасӣ ва омӯзиши масоили мазкур амалан имкон фароҳам овард, ки ибтикороти раисиҷуҳури Қазоқистон оид ба баргузории гуфтугӯи байнидинҳо ва ёрӣ расондан ба минтақаҳои Қазоқистон, ки ба мушкилоти экологӣ мувоҷеҳ гардидаанд (минтақаҳои соҳили баҳри Арал ва ҳаммарз бо пойгоҳи атомии Семипалатинск) роҳи ҳалли худро пайдо кунанд.

Дар ҳамин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки ҳамкорӣ дар байни аъзои созмон дар чаҳорчӯби мақомоти давлатӣ сурат мегирад, ҳарчанд ки соҳибкорони кишварҳои узв низ метавонанд дар ин васат саҳми назаррас дошта бошанд. Дар сурате, ки онҳо ба таври мустақиман бо ҳамтоёни хеш аз кишварҳои аъзои созмон ҳамкорӣ намоянд. Дар ин замина роҳҳои ҳамкории зиёде мавҷуд мебошад, ки дар сурати ба кор андохтани онҳо муносибат дар байни аъзои созмон боз ҳам густариш

пайдо карда, натиҷаи он барои ҳамаи кишварҳои узв суд хоҳад овард. Аз ин рӯ, масъулини созмон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ҳамкориҳоро дар байни сохторҳои ҳукуматӣ ва соҳибкорӣ ҳарчи бештар тавсеа бахшанд. Ин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки кишварҳои узви созмон бо кору пайкори хеш метавонанд ба кишварҳои ғарбӣ нишон диҳанд, ки кишварҳои исломӣ метавонад дар дунёи феълӣ нақши муҳимро бозӣ кунанд ва дини мубини ислом дини мардумӣ ва созанда мебошад на харобкор, ҳамон тавре ки кишварҳои Аврупо ва Америка онро муаррифӣ мекунанд.

Бо мақсади васеътар ва амиқтар кардани чунин робитаҳо ташаббусҳои калон дар фаъолияти Иттиҳоди парламентии СҲИ ба миён меояд, ки ин худ гувоҳи саъю кӯшишҳои Тоҷикистон барои рушди муносибатҳои мутақобилан судманду неки намояндагони парламенти Тоҷикистон бо давлатҳои узви СҲИ мебошад. 12-13 – уми апрели соли 2006 дар Туркия намояндагони парламенти Тоҷикистон дар конфронси 6-уми Иттиҳоди парламентии СҲИ иштирок карданд. Ба тавсеаи ҳамкориҳои байнипарлумонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди фаъолияти қонунгузории парлумони касбии Тоҷикистон дар ин замина ишора намуда метавон гуфт, ки дар замони муосир бо печида шудани равандҳои байналмилалӣ, рушди ҳамгироӣ, пайдоиши субъектҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар омилҳо аҳаммияти равобити байнипарлумонӣ хеле муҳим гардидааст. Аз ин рӯ, тағйироти пайваста дар муҳтаво, мазмун ва моҳияти ҳамкориҳои байнипарлумонӣ яке аз аносири муҳим дар фаъолияти мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мақомоти йолозикри тоҷик дар заминаи ҳамкориҳо бо аъзои созмон корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Ба шарофати чунин талошҳо дар марҳалаҳои гуногуни таҳкими соҳибихтиёрии давлатии кишвари мо мақоми олии намояндагӣ ва

қонунгузор бо ҳамкории судманду муассир бо парлумонҳои кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр нақши муҳим бозид.

Ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ дари бисёре аз корҳоро ба рӯйи Тоҷикистон боз намуд. Хушбахтона, дар лаҳзаи ҳассос ва сарнавиштсоз барои миллат ва давлати Тоҷикистон инони ихтиёри давлатӣ бо дасти абармарде афтод, ки ӯ тавонист корҳоро дар самт ва бастари дуруст ба роҳ монад ва ин ҳама боис ба он шуд, ки на танҳо Тоҷикистон аз сӯйи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шавад, балки дар ҷаҳони пурталотуми муосир ҷой ва мавқеи худро пайдо кунад.

Барои ба таври мунтазам ба кор бурдани ин таҷриба соли 1994 бо супориши Раиси Президиуми Шурои Олӣ дар назди Идораи коргузории Шурои Олӣ шуъбаи робитаҳои байнипарлумонӣ таъсис дода шуд. Сипас, мутобиқи Конститутсияи соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи шакли парлумонии хукумат ҳокимияти президентӣ ҷорӣ гардида, Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуд. «Дар асоси татбиқи шаклҳои фаъолият ва муқаррар намудани салоҳиятҳои Маҷлиси Олӣ, ки дар Конститутсия зикр шудааст, сатҳ ва мазмуни муносибатҳои парламентии хориҷӣ тағйир дода шуданд. Маҷлиси Олӣ ба таҳкими равобит бо порлумонҳои тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои узви СҲИ, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, барои барқарор кардани робитаҳои байнипарлумонӣ талошҳои зиёде ба анҷом расонид. Ваколатҳои Маҷлиси Олӣ дар соҳаи муносибатҳои берунаи байнипорлумонӣ аз муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилию берунии давлат, иҷозати гирифтани ёрии иқтисодӣ аз дигар давлатҳо, тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналхалқӣ ва ғ. иборат мебошанд» [63, с. 43]. «Маҷлиси Олӣ ба мақсади ташкили кор ва амалӣ намудани ваколатҳое, ки Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда барои Маҷлиси Олӣ муайян кардааст, ба муносибатҳои байнипарлумонӣ, ваколатҳои иловагӣ:

ташкили робитаҳои байнипарлумонӣ дар асоси меъёрҳои пазируфтаи байналмилалӣ, додани розигӣ ба таъйин ва бозхонди намояндагони дипломатии Точикистон дар давлатҳои хориҷӣ ва намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намояндагиҳои порлумонии хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ворид кардааст» [50, с. 124-131].

Дар навбати худ, дипломатияи парлумонии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосии татбиқи соҳаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. «Махсусан дар шароите, ки ташаккули низоми бисёрҷанбаи ҷаҳонӣ ба раванди бебозгашт табдил ёфтааст, робитаҳои берунии парлумон метавонад дар баробари сиёсати хориҷии кишварамон ҷиҳати паҳн намудани иттилоот оид ба ҳадафҳои асосии рушди кишвар қадамҳои дилпурона гузорад, бо органҳо ва намояндагони мамлакатҳои дигар алоқаро вусъат диҳад» [63, с. 60]. Бахусус дар бахши робита бо Иттиҳодияи парлумонии СҲИ.

СҲИ дар раванди муттаҳидшавии кишварҳои узви он ва дар масъалаҳои ҳамкориҳои онҳо нақши муҳим мебозад. Соли 2007 Тоҷикистон узви Иттиҳодияи парлумонии СҲИ шуд. Ин узвият ба кишвари мо имкон фароҳам овард, ки кори худро дар масоили парламентаризм дар байни кишварҳои узви СҲИ тақвият бахшад.

Тоҷикистон ба афзоиши нақши ин Созмон дар ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ манфиатдор буда, инчунин қасд дорад барои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои судманд байни кишварҳои узви ин созмон саҳми худро гузорад. 11 марти соли 2019 дар кишвари Марокаш Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфронси 14-уми намояндагони парлумони давлатҳои узви СҲИ ширкат дошт. Барои иштирок дар конфронси мазкур бо даъвати раиси парламенти кишвар ҷонишини раиси Маҷлиси намояндагон Акрамшо Фелалиев сафар намуд. Намояндаи Тоҷикистон дар ҷаласаи 41-уми Кумитаи иҷроияи

Иттиҳоди парламентҳои кишварҳои узви СҲИ ва ҷаласаи 9-уми кумитаи мазкур доир ба масъалаи Фаластин ширкат кард [157].

10-уми декабри соли 2021 дар Истамбул 16-умин конфронси Иттиҳодияи парлумонии кишварҳои узви СҲИ баргузор гардид, ки Тоҷикистон дар он иштироки фаъол дошт [188]. Як рӯз пеш аз оғози ин конфронс маҷлиси 46-уми Кумитаи иҷроияи Иттиҳодияи парлумонии СҲИ барпо гардид. Дар ҳошияи конфронс дар мавзуи «Мубодила, виҷдон ва ислом: Фаластин, муҳоҷират ва Афғонистон» нишасти байналмилалӣ доир гардида, ҳамзамон маросими интиқоли роҳбарии раёсати СҲИ аз Буркина Фасо ба Туркия дида баромада шуд. Конфронс бо иштироки 38 намояндаи парлумони кишварҳои узв ва нозирони СҲИ баргузор гардид. Дар он раисони Маҷлисҳои милли баъзе аз кишварҳои узв ширкат варзиданд.

Дар ҷаласа ҳайати Тоҷикистон дар бораи масъалаи дастгирии Афғонистон сухан ронда, таъкид карданд, ки мавқеи Тоҷикистон ба дарки ягонагии ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии масъалаи Афғонистон асос ёфтааст. Сарвари ҳайати Тоҷикистон аҳаммияти ҳамбастагии мутақобиларо ҳамчун яке аз омилҳои рушди устувор қайд намуда, ба зарурати рушди минбаъдаи шарикӣ дар соҳаи ҳамкориҳои порлумонӣ таъкид ба амал овард. Агар ҷанбаҳои дигари пешниҳодҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро баррасӣ намоем, пеш аз ҳама, ин масоиле аст, ки хусусиятҳо ва вазъи иқтисодии кишварро дар бар мегиранд. Дар ин росто зарур аст ба самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲИ дар доираи муносибатҳои дуҷониба ишораи мухтасаре дошта бошем.

Ҷойи вижа дар самти ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби СҲИ ба ҳамкорӣ бо Бонки исломии рушд ва дигар муассисаҳои молиявӣ ва консалтингӣ, ки бо ширкатҳо ва фирмаҳо ҳамкории доимӣ доранд, дода мешавад [42, с. 160]. Имрӯз бисёр бонкҳо дар шароите, ки таҳдидҳои калон вуҷуд доранд, зимни фаъолияти тиҷоратӣ кӯшиш мекунанд ҳам сохтор ва ҳам

самтҳои тиҷорати худро тағйир диҳанд. Ин сиёсат ҷиҳати бозгашти амалиёт ба манбаъҳои аслии хеш равона шудааст, яъне бозгашт ба дарсадҳои боадолат (ё бефоиз) дар муносибатҳои қарздиҳӣ мебошад. Маълум аст, ки хусусияти асосии сиёсати қарзӣ фоиз ва андозаи он мебошад, ки он дар авқоти охир мунҷар ба варшикастагӣ ҳатто дар кишварҳои пешрафта низ оварда истодааст. Ҳамин тариқ, мақсаду вазифаҳои Бонки исломии рушди комилан возеҳу равшан мебошад. Аммо пурсиш ин аст, ки ин бонки дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ нақшеро метавонад бозӣ мекунад? Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати саҳомон дар ҷаласаи солонаи Шурои идоракунандагон моҳи ноябри соли 1993 тибқи қатъномаи Шурои идоракунандагон (No.bg/1- 414 аз 03.11.1993) қабул шуда буд. Ин кор рӯзи 15 январи соли 1994 дар пайи қабули қарори №1437-ХП «Дар бораи тасвиби созишномаи муассисии Бонки рушди исломӣ» (12, 22-25) аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардид [151].

Дар давраи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки рушди исломӣ дар кишвар як чанд лоиҳаи молиявӣ дар сатҳи гуногун бомуаффақият татбиқ гардиданд. Ба ғайр аз қарзҳои бебозгашти БИР барои мо, инчунин кумаки техникӣ дар шакли грантҳо дода шудаанд. Аз ҷумла, «грант барои ширкати холдингии «Барқи тоҷик» бобати таҳияи асосҳои иқтисодӣ –техникии лоиҳаи содироти барқ ба кишварҳои ҳамсоя, грант барои Вазорати нақлиёт ва алоқа бобати тайёр кардани асосҳои лоиҳаи сохтмони роҳи Душанбе – Қалаи Хумб, грант ба Дафтари мудирияти БИР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, грант ба Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, грант ба Кумитаи давлатии молиявӣ ва ҷалби инвеститсияҳо ва амсоли инҳо» [144].

Дар мулоқоти бо раиси БИР доктор Аҳмад Муҳаммад Алӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон возеҳ иброз дошт: «Мо мавқеи худро дар мавриди баланд бардоштани нақши Бонки исломии рушд ва

тавсеаи имкониятҳо ва салоҳиятҳои он боз як бори дигар тасдиқ мекунем» [144]. Ҳамин тариқ, тасмим гирифта шуд, ки дар Тоҷикистон ҳарчи зудтар ширкати холдингӣ - инвеститсионии БИР таъсис ёфта, ҳаҷми грантҳо ва қарзҳои молиявӣ ба кишвари мо зиёд карда шаванд [149].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории молиявӣ – иқтисодӣ бо СҲИ тавассути фаъолияти Бонки исломии рушд афзалиятҳои зиёде дорад. «Бояд қайд кард, ки ширкати давлати мо дар Гурӯҳи БИР ба ҳаҷм ва натиҷаҳои маблағгузории кишварҳои исломӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ ба таври мусбат таъсир мегузорад. Бо дарназардошти мавҷудияти имкониятҳои молиявӣ ва мавқеи устувори БИР, инчунин маҳдудияти захираҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсеаи истифодаи онҳо барои ба эътидол овардани иқтисодиёти давлати мо самаранок ба назар мерасад. Ба ғайр аз ин, истифодаи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон дар дурнамо метавонад ба марҳалаи нави низоми молиявӣ мусоидат карда, дар маҷмуъ, ба таври назаррас ба афзоиши иқтисоди ҷумҳурӣ таъсир расонад» [138, с. 22].

Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикситон дар якҷоягӣ бо дигар кишварҳои узви созмон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сармояи мустақимро ба иқтисоди мамолики хеш ҷалб намуда, аз ин роҳгузар сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвари хешро баланд бардоранд.

Дар ин росто, 7 декабри соли 2005 Президенти кишвар дар шаҳри Макка бо як чанд сарони давлатҳои мусулмоннишин, аз ҷумла сарвазири Малайзия Абдулло Аҳмад Бадавӣ мавзуи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Малайзияро ба миён гузошт ва дар масъалаҳои иқтисодӣ, технологӣ, илмӣ ва инчунин, воридоти молҳои хушсифати Малайзия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули назар намуданд. Бо Президенти Покистон Парвиз Мушарраф дар хусуси дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Покистон ба мувофиқа расиданд. Бо вазири корҳои хориҷии Аморати Муттаҳидаи Араб Абдуллоҳ ибни

Рошид ан-Нуфаймӣ масоили ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд мавриди муҳокима қарор гирифт [144].

Ин иштироки фаъол динамикаи хоси рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад: дар натиҷаи мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Арабии Яман Абдуллоҳ Солеҳ моҳи декабри соли 1995 масоили ба сатҳи баланди давлатӣ баровардани муносибатҳои деринаи ҳамкориҳои судбахш дар бахшҳои сиёсӣ ва иқтисод, фарҳанг, илму маориф, тандурустӣ ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳи тарафайн роҳи ҳалли худро ёфтанд. Бо Раиси Ҷумҳурии Мисри Араб Ҳуснӣ Муборак масоили ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодии Тоҷикистону Миср мавриди муҳокима қарор дода шуд. Бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод маҷмуи васеи масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон ба миён гузошта шуд, ки дар натиҷаи он бо иштироки сармоя ва мутахассисони Ҷумҳурии Исломии Эрон нақби Анзоб ва неругоҳи барқи обии «Сангтуда-2» бунёд гардид. Ҳамзамон, бо шоҳи Арабистони Саудӣ Абдулло ибни Абдулазиз Оли Сауд дар мавриди сатҳи нави ҳамкориҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ мубодилаи афкор сурат гирифт. Дар моҳи марти соли 2008 дар шаҳри Дакари Сенегал бо Президенти Ҷумҳурии Сенегал Абдулло Вад оид ба таъмини сатҳи матлуби пешрафти ҳамкориҳои ҳарду кишвар ба натиҷаи дилхоҳ расданд. Зимни пайгирии ҷиддии Президенти кишвар муҳтарма Эмомалӣ Раҳмон Бонки исломии рушд 65 миллион доллари амрикоӣ барои идомаи корҳо дар Тоҷикистон баҳри рушди соҳаҳои тандурустиву маориф ҷудо карда шуд ва ғ. [149].

Аз 30-юми июн то 3-юми июли соли 1997 Эмомалӣ Раҳмон ба Арабистони Саудӣ сафари расмӣ кард. Яке аз натиҷаҳои ин сафар ба Тоҷикистон вогузор кардани қарзи бефоизи Бонки рушди исломӣ ба маблағи 16,7 миллион доллар бобати тавсеаи низоми тандурустӣ ва маориф дар кишвар буд [149]. Дар иҷлосияи 35-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар шаҳри Кампалаи Ҷумҳурии Уганда 18–20-уми

соли 2008 пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пазироии яке аз ҳамоишҳои СҲИ мавриди қабул қарор гирифт. Президенти кишвар аз минбари баланди ҷаласаи 36-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои узви СҲИ дар шаҳри Димишқ 23–25-уми майи соли 2009 изҳор менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир аст мизбони баъзе ҳамоишҳои ин созмон дар шаҳри Душанбе шавад.

Ҳамин тариқ, ШВКХ қарор кард, ки иҷлосияи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои узви СҲИ дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 баргузор гардад. Бояд қайд намуд, ки суханронӣ ва пешниҳодҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи мазкур мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва пуштибонии ширкаткунандагон қарор гирифт. Дар хусуси бунёди неругоҳи барқии обӣ дар Тоҷикистон Сардори давлат гуфт, ки кишвари мо сарзамини захираҳои бузургтарин ва арзонтарини табиӣ мебошад ва имкон дорад бо сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои узви СҲИ онҳоро мавриди истифода қарор диҳад. Ин дар навбати худ боиси таъмини қувваи барқ барои Афғонистону Покистон ва як қисми Ҷумҳурии Исломии Эрон мегардад. Чунон ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст: «Неругоҳҳои барқиро дар Тоҷикистон ҳамагӣ бо маблағи 5–7 миллиард доллари амрикоӣ сохтан мумкин аст ва дар натиҷа, натанҳо эҳтиёҷоти Тоҷикистон, балки эҳтиёҷоти кишварҳои дигари Осиёи Миёна, Покистон, Афғонистон ва қисман Эрон низ ба неруи арзони барқ комилан қонеъ гардонида мешаванд» [151, 10.12. 2005, №129].

«Мавзуи музокирот дар дигар вохӯриҳо ба масоили баромадан аз бунбасти комуникатсионӣ мебошад. Тавре ки аз таҳлилҳои коршиносон равшан мешавад ҷиҳати татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб–Қалъаи Хумб, қитъаҳои А ва Ғ харҷи 115 миллион доллари ИМА ба нақша гирифта шудааст. «Тибқи маълумоти Вазорати молияи ҷумҳурӣ сохтмон ва таҷдиди роҳи мошингарди Кӯлоб–Қалъаи Хумб аз ҳисоби

маблағҳои Бонки рушди исломӣ, Бонки рушди Саудӣ, Фонди рушди иқтисодии Кувайт, Фонди Абу-Дабӣ ва Фонди ОПЕК ба роҳ монда мешавад. Лоиҳаи мазкур силсилаи корҳоро доир ба ҳамвор ва васеъ кардани роҳҳо, гузарондани 39 қубури об, сохтмони ҷӯйборҳои бетонӣ дар канори роҳҳои масофааш 40 ҳазор метр, сохтмони фундаментҳои муҳофизатӣ дар масофаи 10 ҳазор метр, 2 кӯпрук ва 154 иншооти заруририро дар назар дорад. Масофаи умумии қитъаи мазкур 32 километр буда, ҷузъи асосии роҳ маҳсуб меёбад» [150, маҷаллаи «Тоҷикистон» аз 27.10.2014.]. Ин лоиҳа дар соли 2020 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Вақте мо ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ нигоҳ мекунем, ҳамаи тарҳҳои Тоҷикистон, ки дар якҷоягӣ бо ин созмон ба анҷом расонидааст, ба суд ва манфиати Тоҷикистон мебошанд. Он лоиҳа ва тарҳҳо барои рушду нумуми Тоҷикистон аз ҳар назар кумак расонидаанд ва вазъияти мамлакатро аз ҳар назар беҳтар кардаанд. Чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон рӯзҳои нахустини ба узвияти ин созмон қабул шудан тарҳҳоеро ироа намудааст, ки барои рушду тараққии миллӣ кумак расонидаанд. Дастовардҳои ҳамкории кишвар бо яке аз ниҳодҳои вижаи СҲИ – Бонки исломии рушд далели гуфтаҳои боло маҳсуб меёбанд. Қайд кардан лозим аст, ки тайи солҳои ҳамкорӣ бо СҲИ Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои ин созмонро самаранок истифода мебарад. Қатъномаи махсусе, ки доир ба Тоҷикистон (№1027) аз ҷониби кишварҳои узви СҲИ дар иҷлосияи 10 –уми он бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, гувоҳӣ медиҳад, ки ин созмон дар низоми равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши махсус бозӣ мекунад ва метавонад дар ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон мусоидат намояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин гуфтаҳо СҲИ аз кулли давлатҳои узв даъват ба амал овард, ки талош ва кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистонро барои бартараф кардани мушкилоти

иқтисодӣ ва пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ нодида нагиранд ва дар ин қисмат фаъолона ширкат кунанд.

Дар санади муроҷиат ба Бонки исломии рушд даъват ба амал оварда мешавад, ки ин муассиса ёрии молиявӣ ва техникии худро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш медиҳад. Шахсан Котиби генералии вақти СҲИ Абдулвоҳид Белказиз супориш медиҳад, ки рафти иҷрои қатъномаи мазкурро назорат карда, ҳисоботро дар бораи корҳои анҷомдода ба иҷлосияи 11 –уми СҲИ пешниҳод кунад.

Дар ин росто, метавон саҳми Бонки рушди исломиро дар Тоҷикистон мусбат арзёбӣ намуд. Мо ин нуктаро дар болотари кори хеш низ зикр карда будем, ки яке аз вазоифи ҷонии Бонки исломии рушд мусоидат ва ҳамоҳангӣ ба рушди кишварҳои исломӣ мебошад. Боястӣ дар ин бонк барномаҳо тавре роҳандозӣ карда шаванд, ки ба кишварҳои исломӣ ёрӣ расонда шавад, то вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ин кишварҳо беҳтар гардад. Барои амалӣ шудани ин иқдомҳо роҳбарияти бонки мазкур тамоми чораҳои лозима ва қонуниро ба кор мегирад ва гирифта истодааст. Мо натиҷаи дастгирии Бонки исломии рушдро дар кишвар эҳсос мекунем.

Бинобар ин, иқдомҳои Бонки рушди исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моҳияти амалкарди он мувофиқат дошта, барои ҷомеаи Тоҷикистон ягон хатари сиёсӣ эҷод намекунад.

«Дар ҷаласаи 21-уми мудирони БИР, ки 25 – 26 ноябри соли 1996 дар шаҳри Конакри Гвинея баргузор гардида буд, қарори Шурои мудирон, узвияти доимии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар БИР қабул кард, ки он аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №336 ба тасвиб расид» [150 с. 76]. Дар бахши маблағгузории лоиҳаҳои секторҳои давлатии Тоҷикистон солҳои охир созмонҳои молиявии ҷаҳон, минҷумла Бонки исломии рушд ба воситаи амалӣ намудани як идда барномаҳои рушду тараққии иқтисодиву иҷтимоӣ ба инкишофи иқтисоди миллӣ

суръати тоза бахшида кӯшиш мекунад, ки сатҳи зиндагии мардумро болотар бардорад.

«Дар раванди созандагиву бунёдкории лоиҳаҳои Тоҷикистон аз ҷониби мутахассисони мо 400 лоиҳаи инвеститсионӣ тартиб дода шудааст, ки соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Ин лоиҳаҳо ҳам барои сармоягузорон ва ҳам барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон хеле фоидаовар буда, дорои хислатҳои афзалиятнок мебошанд» [149].

«Зиёда аз ин, тибқи барнома Бонки рушди исломӣ ҷиҳати рушди бахшҳои мухталифи кишвари мо маблағгузории 65 миллион динори исломиро ба нақша гирифтааст. Моҳи октябри соли 2008 аз рӯи тарҳи «Васли хатти минтақавии интиқоли барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Бонки рушди исломӣ созишномаи навбатии қарзӣ ба маблағи 7 миллион динори исломӣ ба имзо расонида шуда буд» [149].

«Дар иҷлосияи 11-уми СҲИ, ки 12–14-уми марти соли 2008 дар шаҳри Дакар баргузор гардид, дар ҳошияи мулоқоте, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Бонки рушди исломӣ Аҳмад Муҳаммад Алӣ баргузор кард, созишнома барои ҷудо намудани 13,7 миллион доллари амрикоӣ ҷиҳати татбиқи марҳалаи дуюми лоиҳаи обёрикунии даштҳои Данғара ба имзо расонида шуд» [107, с. 94].

«Баргузории иҷлосияи ҷудогона дар чаҳорчӯби ҷаласаи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар Душанбе омили таҳкими ҳамкориҳои СҲИ ва Тоҷикистон, нақш ва мавқеи он дар муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. 18–20 майи соли 2010 таҳти унвони «Осиёи Марказӣ ва ҷаҳонӣ Ислом: дидгоҳи стратегӣ барои таҳкими ҳамбастагӣ» баргузор гардид. Дар ҷараёни ин чорабиниҳо пешниҳоди таҳияи Нақшаи амали СҲИ оид ба ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба миён омад» [31, с.65].

Сипас, ин нақша дар ҷаласаи 38-уми Шурои вазирони корҳои хориҷӣ дар шаҳри Остона пойтахти Қазоқистон дар соли 2011 таҳия ва

барои баррасӣ пешниҳод карда шуд [32]. Ҳадафи ин тарҳ тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самтҳои мухталиф буд.

Бояд гуфт, ки нақшаи зикршуда дар канори дигар самтҳо барои тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲИ дар соҳаи иқтисодӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоварад. Тавре Зоҳидов Н.Ш. менависад: «Бояд гуфт, ки дар доираи СҲИ як қатор меъёрҳо мавҷуданд, ки ба фаъол шудани ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Масалан, давлатҳои аъзои СҲИ Созишнома дар бораи низоми савдои имтиёзнокро қабул карданд, ки эътибор пайдо кард ва ҳадафи он рушди тиҷорати дохилиминтақавӣ ва ҷалби сармоя дар доираи СҲШ мебошад» [60]. Соли 2014 дар арафаи иҷлосияи Шурои вазирони корҳои хориҷӣ форуми соҳибкорони кишварҳои исломӣ бо ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуд. Дар ин радиф бо ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи амалиёт оид ба тавсеаи ҳамкории СҲИ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ қабул гардид. 28–29 октябри соли 2014 дар Душанбе нахустин Анҷумани сармоягузории СҲИ барпо гардид. «Анҷумани мазкур дар чорчӯби Барномаи амали СҲИ ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бобати ҷалби сармоя ба ин кишварҳо, инчунин таҳкиму тавсеаи муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо кишварҳои дигари узви СҲИ ташкил гардид. Дар кори он зиёда аз 500 нафар ширкаткунандагон, аз ҷумлаи намояндагони воломақоми ҳукуматӣ, институтҳои молиявию иқтисодӣ, ширкатҳои бонуфузи бахшҳои давлатӣ ва хусусии кишварҳои узви СҲИ ва намояндагони вазорату идораҳо ва соҳибкорони маҳаллӣ ширкат варзиданд. Чорабинӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардида, дар рафти он Иёд Амин Маданӣ, Дабири кулли СҲИ, Аҳмад Муҳаммад Алӣ, Президенти Бонки исломии рушд, Атиқуллоҳ Отифмол, муовини вазири корҳои хориҷии Афғонистон, Абдулло Ғаббаш, вазири давлатии Амороти Муттаҳидаи

Араб, Туркӣ ибни Сауд ал-Кабир ширкат варзиданд. Дар анҷуман чор масъалаи мубрами иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд: 1) Рушди долони нақлиётӣ ва зерсохтори энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ; 2) Тавсеаи тиҷорат ва сармоягузорӣ дар Осиёи Марказӣ дар чорчӯби СҲИ; 3) Таҳкими иқтидор ва пешбурди содирот дар бахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ; 4) Рушди нақши соҳибкории хурду миёна дар бахши сайёҳат» [105, с. 47].

Дар иртибот ба гузоришҳои ироагардида мубодилаи афкор байни ширкаткунандагон доир шуд. Бо таваҷҷух ба баррасии масъалаҳо ва фикру андешаҳои дар анҷуман ироагардида тавсияҳои зерин пешниҳод гардиданд: «Маблағҳои Фонди ҳамбастагии исломӣ оид ба рушд ба хотири дастгирии барномаҳои хурди молиявӣ, ки бобати мубориза бо фақр (камбизоатӣ) ва рушди корхонаҳои хурду миёна ва ҳунарҳои дастӣ дар кишварҳои аъзои СҲИ афзуда шаванд: Барномаи Амали даҳсолаи СҲИ (2016–2025) бояд авлавиятҳои кишварҳои Осиёи Марказиро, ки дар Нақшаи амал барои Осиёи Марказӣ инъикос ёфтаанд, ба назар бигирад; ба Палатаи савдо ва саноати исломӣ зарур аст, ки бахши хусусии кишварҳои узви СҲИ-ро ҷиҳати дастгирии орзуву ормонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ сафарбар намояд; Анҷумани сармоягузорӣ оид ба Осиёи Марказӣ дар ду сол як бор дар панҷ кишвари Осиёи Марказӣ тавассути ташкили намоишгоҳҳои тиҷоратӣ дар ҳошияи он доир карда шавад: аз кишварҳои узви СҲИ даъват карда шавад, ки лоиҳаҳои дар рафти анҷуман муайянгардидаро дастгирӣ намоянд; сафарбар кардани шарокати бахши давлатӣ ва хусусӣ ва «Build-Operate-Transfer modality» (сохтмон, ба роҳ мондани фаъолият ва таъмир ва нигоҳубин то даврai муайян) барои амалӣ кардани лоиҳаҳо зарур дониста шавад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати ҳамроҳшавӣ ба созишномаҳои мухталифи бисёрҷониба оид ба ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ташвиқ карда мешаванд. Ба ин хотир, як қатор созишномаҳо баста мешаванд, аз ҷумла: Созишномаҳои умумӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва тиҷоратӣ

миёни кишварҳои аъзои СҲИ; Созишнома оид ба пешбурд, ҳимоя ва кафолати сармоягузорӣ миёни кишварҳои аъзои СҲИ; Созишномаҳо оид ба низоми тиҷорати имтиёзноки СҲИ (TPSOIC); Оинномаи Муассисаи стандартизатсия ва метрология барои кишварҳои СҲИ (SMIIC) ва Оинномаи Созмони исломӣ оид ба амнияти озуқаворӣ (IOFS)» [110, с. 83].

Ҷумҳурии Тоҷикситон бо СҲИ фақат дар заминаи гирифтани қарзҳо ҳамкорӣ намекунад, балки бо ин созмони бонуфуз ҳамкориҳои гуногунҷанба дорад. 12 июни соли 2000 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндагони Гурӯҳи ҳамоҳангсози фондҳои арабии БИР, Фонди Кувайт, Фонди Арабистони Саудӣ ва Фонди ОПЕК - ро, ки барои иштирок дар кори мизи мудаввари байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда буданд, ба ҳузур пазируфт. Дар ин мулоқот масъалаҳои ҳакмории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин созмонҳо мавриди музокира қарор гирифт. Намояндагони ин созмонҳо омодагии худро ҷиҳати расонидани кумак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд. Ҷониби Тоҷикистон дар ин мулоқот чандин лоиҳаҳои сармоягузориро муаррифӣ намуд.

Ногуфта намонад, ки ин давлат ва созмонҳои арабӣ дар солҳои даргирифҳои дохилӣ, ки вазъияти Тоҷикистон хеле вазнин буд, ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, кумакҳои калон расониданд.

Ба ҷузъ аз ин, раисҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон изҳори умедворӣ кард, ки кори мизи гирд пурсамар хоҳад шуд. Ин мулоқот ва нишаст барои ҳамкориҳои минбаъда дар заминаҳои мухталиф кумак ва ёрмандӣ хоҳад кард. Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки дар мавриди баргузории конфронси мазкур бо раиси БИР Аҳмад Муҳаммад Алӣ зимни сафари ӯ ба Тоҷикистон мувофиқа ҳосил гардида буд.

Бояд тазаккур дод, ки ба инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ таъсиси Корпоратсияи рушди исломӣ барои тавсеаи бахши хусусӣ мусоидат мекунад. Дар мавриди таъсиси корпоратсияи

мазкур Тоҷикистон ҳанӯз 26 апрели соли 2000 қарордод ба имзо расонида буд [89, с. 179]. Барои ҳамагон маълум аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ минтақае мебошад, ки аз назари захираҳои табиӣ ва канданиҳои фоиданок бой мебошад ва захираҳои бойи гидроэнергетикӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар минтақаи ҷолиб ва муфид барои сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Аз сӯйи дигар зерсохтор ва неруи хуби корӣ низ дар ин минтақа мавҷуд мебошад, ки барои пеш бурдани корҳо кумаки асосӣ мекунанд. Дар аҳди Шуравӣ барои шодобсозии заминҳо дар Тоҷикистон корҳои зиёде анҷом дода шуда буд, ки дар ин замина заминҳои зиёд обёрӣ карда шуданд. Болотар мо дар бораи захираҳои калони гидроэнергетикии минтақа гуфта гузаштем, аммо ин захираҳо ба таври бояду шояд истифода намешаванд ва аҳолии мамлакат ва минтақа дар тули сол аксаран аз камбуди неруи барқ танқисӣ мекашанд. Сохту сози неругоҳҳои обии барқӣ ва истеҳсоли неруи барқ заминаи хубе барои сармоягузорӣ ва бардоштани суди ҳангуфте мебошад. Рушди энергетика дар маҷмуъ соҳаҳои дигари иқтсиодиётро такон медиҳад ва боиси пешравӣ ва рушду тараққӣ дар минтақа мегардад. Пешравӣ ва тараққии бисёре аз соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба рушди энергетика ва хусусан гидроэнергетика иртиботи қавӣ дорад.

Дар рӯзи аввали ҳамоиш дар баробари сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Дабири кулли СҲИИ Амин Маданӣ, ҳамчунин роҳбарони вазоратҳои хориҷаи Судон ва Либия, вазири давлати Аммороти Муттаҳидаи Араб, муовинони вазирони корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ, Афғонистон, Қатар ва роҳбари ширкати «Диёр» дар Тоҷикистон» Камол Ҳиҷозӣ суханронӣ карданд. Ҳиҷозӣ аз сармоягузорон даъват кард, ки ба Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷиддитар зоҳир кунанд ва таъкид ба амал овард кард, ки ин кишвар аллакай барои сармоягузорӣ шароити мусоиди амниятӣ фароҳам овардааст, ки онро арқому далелҳои зиёде тасдиқ мекунанд.

Нахустин анҷумани сармоягузорӣ ба манзури иҷрои Нақшаи амали СҲИ ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки самтҳои муҳимме аз қабили рушди саноати кишоварзӣ, рушди бахши нақлиёт, мусоидат ба тиҷорат, коҳиши факр, омӯзиши касбӣ ва баланд бардоштани иқтидорро дар бар мегирад, дида баромаданд.

Форуми сармоягузорӣ дар доираи Нақшаи амали СҲИ оид ба ҳамкорӣ бо Осиёи Марказӣ вазифаҳои зеринро баррасӣ мекунад: ҷалби таваҷҷуҳи сиёсатмадорон, соҳибкорон ва сармоягузорони байналмилалии кишварҳои узви СҲИ ба имкониятҳои мавҷудаи сармоягузорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ; таъсиси шарикӣ бо мақсади татбиқи лоиҳаҳо дар бахшҳои иқтисодӣ, ки дар Нақшаи амали СҲИ оид ба ҳамкориҳо бо Осиёи Марказӣ пешбинӣ шудаанд; фароҳам овардани имкони намоиши номгӯи маҳсулоти кишварҳои Осиёи Марказӣ - аъзои СҲИ; ба роҳ мондани равобити тиҷоратӣ ва ғ.

Дар Форум беш аз 400 нафар ва беш аз 120 намоянда аз кишварҳои узви СҲИ, ниҳодҳои молии бисёрҷониба, ниҳодҳои ҳамкориҳои рушд ва ҳамчунин намояндагони бахши хусусӣ ширкат карданд [152].

Дар доираи Форум намоишгоҳи маҳсулоти Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки ҳадафи он ошноии иштирокчиён бо имкониятҳои сармоягузории зерминтақа мебошад. Форум дар чор бахш баргузор гардид: рушду тараққии долони нақлиётӣ ва зерсохтори энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ; тавсеаи тиҷорат ва сармоягузорӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби СҲИ; баланд бардоштани тавоноӣ ва мусоидат ба содирот дар бахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; пешбурди нақши тиҷорати хурд ва миёна дар бахши сайёҳӣ. Дар ин ҳамоиш изҳор гардид, ки баргузории чунин нишастҳо ба таҳким ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои узви ин СҲИ мусоидат хоҳад кард. Аз ибтидои соли 2022 шуруъ намуда дар муносибатҳои Тоҷикистон бо СҲИ Стратегияи нави ҳамкориҳои

Тоҷикистон бо Гуруҳи Бонки исломи рушд дида баромада шуд, ки он дар солҳои оянда амалӣ хоҳад шуд. Чунон ки аз муҳтавои стратегияи мазкур маълум мешавад, таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки кишвар барои се соли оянда мақоми аввалиндараҷа дорад. Дар доираи Стратегияи нави ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд бояд ба бахшҳои энергетика, саноат, нақлиёт, рақамисозӣ ва бахши хусусӣ таваҷҷуҳи хос дода шавад. Аллакай дар ин бахшҳое, ки номбар карда шуданд, корҳо бо суръат пеш рафта истодаанд ва нақши созмон дар кумак ва дастгирии бахшҳои гуногун назаррас мебошад.

Умуман, мақсади асосии Стратегияи нав тавсеаи ҳамкориҳо байни давлатҳои гуногун ва бо ҳамин васила мустаҳкам намудани боварӣ ҷиҳати пойдории сулҳ дар ин минтақа аст.

Дар Стратегияи нав таъкид ба амал омадааст, ки ҷараёни сармоягузории мустақими хориҷӣ аз ҷониби кишварҳои узви СҲИ дар Тоҷикистон таъсирбахш нест. Дар робита ба сохтори тиҷорат ва истеҳсолот, бахши кишоварзӣ барои сармоягузорӣ ҷолибтар шуморида шуд. Сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ метавонад ба таври муассир сармоягузории давлатиро иваз кунад. Осиёи Марказӣ маконе мебошад, ки пас аз мулҳақ шудан бо Россияи подшоҳӣ ва сипас дар қарни XX дохил шудан ба ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ва ташкили ҷумҳуриятҳои миллӣ аз ҳар назар тараққӣ намуда инкишоф ёфт. Ин маконе мебошад, ки боду ҳавои муътадил дорад ва дар ин макон заминаи хубе барои инкишофи кишоварзӣ ва дар маҷмуъ саноати вазнин ба хотири мавҷуд будани канданиҳои фойданок роҳандозӣ кардан мумкин аст. Ин корҳо ба пуррагӣ анҷом дода шуда буд ва қабл аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ин макон зерсохтори пешрафта дошт. Аммо пас аз мунҳал шудани Иттиҳоди Шуравӣ ва мустақил шудани ҷумҳуриятҳои миллӣ минтақа ба як идда аз масоил рӯбарӯ шуд, ки онҳо мустақиман ва ғайримустақим бо дасти хориҷиён эҷод карда шуда буд.

Аз ин рӯ, бо доштани имконоти хеле қавӣ пас аз муддати хеле кӯтоҳ бисёре аз ҷумҳуриҳои ин минтақа зуд дар роҳи рушду тараққӣ қарор гирифтанд, аз он ҷумла Тоҷикистони азиз низ. Аз ин рӯ, андешидани тадбирҳои лозима барои боз ҳам беҳтар кардани шароити ин минтақа лозим мебошад. Дар ин масъала БИР кумаки назаррас карда метавонад ва мо имрӯзҳо кумакҳои ин бонкро мушоҳида менамоем.

Барои мисол, бо ташаббуси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Бонки исломии рушд Муҳаммад Алӣ мизи мудаввар даъват карда шуд. Дар ин мизи мудаввари байналмилалӣ намояндагони кишварҳои мухталиф ва фондҳои арабӣ ширкат варзида, бо 70 лоиҳаи аз сӯйи Тоҷикистон ироа намуда ошноӣ пайдо карданд.

Ин лоиҳаҳо бахшҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистонро фаро мегиранд. Аз ҷумла, БИР 17 лоиҳаро пазируфта, барои сохтмони роҳи Кӯлоб–Қалъаи Хумб 9,5 млн. доллар ва барои азнавсозии терминали байналмилалии мусофиркашонии шаҳри Душанбе 270 ҳазор доллар ҷудо кард [146].

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки СҲИ нисбат ба пешниҳодоту ташаббусҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Президенти он Эмомалӣ Раҳмон бетафовут набуда, баҳри амалӣ гардидани онҳо мусоидати фаъол дорад. Баррасии афкору назар ва пешниҳодҳои созандаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар СҲИ, ки ба масоили дар боло зикршуда дахл доранд, ба чаҳор даста ҷудо кардан мумкин аст: а) дар бахши сиёсӣ идома додани ислоҳоти сохтори ин созмон ба хотири самаранок намудани фаъолияти он ва таҳкими нақши СҲИ дар арсаи байналмилалӣ; б) тавсеи ҳамкориҳои густардаи давлатҳои аъзои СҲИ дар ҳамаи заминаҳо; в) боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат дар заминаи ҳамкориҳои гуногунсамт; г) бо истифода аз минбари СҲИ ироаи пешниҳодҳои наву тоза ҷиҳати пайдо кардани роҳҳо ва усулҳои расидан ба сулҳу амнияти умумӣ дар Афғонистон ва ғ.; дар шароити нав

ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар бахшҳои сиёсӣ, минҷумла доир ба татбиқи ибтикороти байналмилалӣ, бароҳандозии ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, минҷумла, равобити бонкӣ, фаъолияти инвеститсионӣ рушду такомул пайдо мекунанд. Вақте мо ба фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таркиби ин созмон назар меандозем, мебинем, ки он тарҳҳоеро пешниҳод мекунад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ ба рушду такомули иқтисоди миллӣ кумак мерасонанд. Таҳарруки ҳамкории кишвар бо яке аз ниҳодҳои махсусгардонидашудаи СҲИ–Бонки рушди исломӣ мисоли беҳтарини ин гуфтаҳо ба ҳисоб меравад. Дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодӣ-инвеститсионӣ ҷониби Тоҷикистон 400 лоиҳаи марбут ба хоҷагии халқи кишварро пешниҳод кард, ки қисмати зиёди он ба анҷом расидааст. Ҳамчунин, дар ин давра Тоҷикистон дар кори ин созмон иштироки фаъол дошт ва дар таҳияи Барномаи Амали СҲИ (солҳои 2016 – 2025), саҳми арзанда гузошт, ҳамзамон ҳамкориҳои байнипарлумонӣ оғоз гардида, тавсеаи ҳамаҷониба пайдо мекунад.

### 2.2. Тавсеаи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ: фарҳанг, маориф, илм ва технология

Пажӯҳишҳои илмии мо дар ин замина нишон медиҳад, ки ширкати фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲИ дар самтҳои зикршуда бештар дар оғози қарни XXI рушду тавсеа меёбанд. Бо шарофати сиёсати сулҳҷӯёна ва башардӯстонаи мақомоти роҳбарии кишвар имкон фароҳам гардид, ки мо ба ин иқдоми муҳим даст бизанем. Ҳамеша ҳамин тавр будааст, ки яке аз бахшҳои муҳимми кори давлатмардон сиёсати хориҷӣ мебошад. Сиёсати хориҷии ин ё давлат барои касби мақому манзалати махсуси он дар байни давлатҳои дунё нақши калидӣ мебозад. Инчунин, ин сиёсат дар канори тамоми масоили дигари давлатдорӣ ба некуаҳволии аҳолии мамлакат мусоидат мекунад. Сарфи назар аз он ки дипломатия тоҷик дар замони муосир таҷрибаи кофии пешбурди масоилро надорад, аммо бо такя ба фарҳангу тамаддуни ғании миллат роҳабрияти олии кишвар ва масъулини дигар тамоми тадбирҳои лозимаро ба дӯш гирифтанд, то дар сиёсати хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ шавад ва имрӯз бо итминон метавон гуфт, дипломатияи тоҷик хеле ҳам дастовардҳои беназир дошта, муваффақона амал кардааст. Аз ин рӯ, Тоҷикистонро имрӯзҳо дар арсаи байналмилалӣ ба унвони кишвари амну ором ва пешбарандаи масоили обу иқлим мешиносанд.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки равобит бо кишварҳои узви СҲИ дар баробари Русия, Америка, Чин ва Ҳиндустон ба яке аз самтҳои асосии дипломатияи ҷавони тоҷик табдил ёфтааст.

Пас аз имзои қарордоди умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 шакли равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи байни кишварҳои арабии Халиҷи Форс ва Ҷумҳурии Тоҷикистон рушду тавсеа пайдо мекунад. Дар ин марҳила лоиҳаҳои нави иқтисодии ба ҳамдигар

фоидабахш тартиб дода мешаванд, ки ба бисёр соҳаҳои хоҷагии халқи ин давлатҳо низ таъсири мусбат мегузорад. Ҳамкории пурсамари сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангие, ки бо ин давлатҳо шакл гирифт, ба мустаҳкам шудани равобити минбаъда дар доираи СҲИ ёрии калон расонид. Дараҷа ва сифати муколамаҳо самти арабии дипломатияи тоҷикро дар марҳалаи кунунӣ муайян мекунад. Тамоюли солҳои охир дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон динамикаи мусбатро дар ин самт нишон медиҳад.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва давлатҳои арабии узви СҲИ метавонад дар бахшҳои мухталифи иқтисоди миллии кишвар вусъати бештаре дошта бошад. Ин қабл аз ҳама, истеҳсол ва тақсими неруи барқи обӣ - калиди мусоидат ба субот ва шукуфоӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Тавсеаи зерсохтори минтақавӣ дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика ва тиҷорат ба истифодаи беҳтари иқтидори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҳамкории наздиктари кишварҳои арабӣ ва Тоҷикистон дар чаҳорчӯби тарҳҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикӣ барои ҷонибҳо мувофиқи мақсад аст. Ҷалби кишварҳои араб ба бахши муҳимми иқтисоди Тоҷикистон – гидроэнергетика имкон медиҳад, ки онҳо на фақат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар сартораи минтақа мавқеи худро мустаҳкам намоянд.

Самти дигари ҳамкорӣ соҳаи маориф аст. Азбаски аксарияти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шаҳрвандони синнашон то 32-сола ташкил медиҳанд, роҳандозии таълими хуб шарти муҳимми ояндаи дурахшони мардуми мо мебошад. Аз ин лиҳоз, бояд ҳамкориҳо дар соҳаи маориф фаъол гарданд ва низоми маорифи Тоҷикистон ба талаботи ҷаҳонии низоми илму маориф мутобиқ карда шавад. Ба ин муносибат омӯхтани таҷрибаи давлатҳои арабии халиҷи Форс дар самти нав кардани низоми маориф аҳаммияти муайян ба худ касб кардааст.

Роҳи ташаккули робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ як раванди марҳалавиеро мемонад, ки дар ибтидо аз равобити хориҷии худ

бо кишварҳои узви СҲИ оғоз гардида, баъдан имкониятҳои иқтисодӣ – иҷтимоии СҲИ омӯхта мешаванд, сониян бо ба вуҷуд омадани заминаи ҳуқуқии муайян дар робита бо СҲИ ба ҳамкориҳо дар бахши башарӣ таҳти роҳбарии Сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз мекунад. Дар ин маврид зарур аст чанд нуктаро ёдрас шавем.

Бояд зикр кард, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди СҲИ чунин андеша дорад, ки ин созмон имкониятҳои густардаи таъсир расондан ба вазъи сиёсии ҷаҳонро дорад ва барои ба амал баровардани онҳо кӯшишу талоши давлатҳои аъзои он ба хотири таъмини сулҳу субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ метавонад нақши муассир дошта бошад. Аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун ин имкониятҳоро ҳанӯз ба таври бояду шояд дар бахши ҳамкориҳои гуманитарӣ истифода накардааст. Ин ба фаъолияти СҲИ низ дахл дорад, зеро тавре мушоҳида мешавад, ин мақом барои халқҳои кишварҳои аъзо он гунае, ки тақозо мегардад, вазоифи худро иҷро накарда истодааст. Ба назари Президенти Тоҷикистон СҲИ бояд мутобиқ ба дигаргуниҳои босуръати авзои сиёсиву иҷтимоии сайёра амал намояд ва ба равандҳои асосии замони муосир қобилияти вокуниш карданро дошта бошад.

Пешниҳодҳои дигари судманд ба масоили мубрами замони муосир дахл доранд. Тавре маълум аст, пешрафти бесобиқаи илмиву технологӣ ва рушди босуръати мубодилаи иттилоотӣ хислати умдаи ҷаҳони муосир аст. Аммо ҷойи таассуф аст, ки дар ин ҷода кишварҳои мусулмоннишин камтар дастовард доранд, дар сурате, ки дар гузаштаи дур бисёре аз кашфиётҳои ҷодаҳои аслии илм ба донишмандони маъруфи ислом марбут мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин қазия Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд: «Дар чорчӯби СҲИ ҳамзамон бо тақвият додани ниҳодҳои илмӣ ва технологии

мавҷуда, сохтори нав – Бунёди рушди илм ва технологияи навин таъсис дода шавад» [5, с. 189].

Рушду тавсеаи ҳамкориҳо бо СҲИ дар соҳаи маориф, фарҳанг, илм ва технология самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дорад тавассути кумакҳои ин созмон бахшҳои мухталифи маориф ва фарҳангро рушд диҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар СҲИ пойгоҳ ва механизмҳои муайяни институтсионалӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳамкории гуногунҷонибаро дар байни мамлакатҳои ҷудогона тавсеа бахшида, бидуни дар назар доштани догмаҳои ислом фаъолият намоянд. Ин бардошт барои кишварҳои дунявии аъзои СҲИ ба шумули ҷумҳуриҳои пасошуравӣ - Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Туркманистон қобили қабул мебуд.

9–11 сентябри соли 2005 дар шаҳри Макка (Арабистони Саудӣ) конфронси олимон ва мутафаккирони кишварҳои узви СҲИ баргузор гардид, ки дар он ҳайати намояндагони Тоҷикистон низ ширкат карданд. Мақсади асосии конфронси мазкур таҳияи тавсияҳо, омодагии санадҳо ба вохӯрӣ дар сатҳи олии фавқулоддаи СҲИ буд, ки бояд рӯзҳои 7–8-уми декабри соли 2005 бо ташаббуси подшоҳи Арабистони Саудӣ Абдулло бини Абдулазиз баргузор мегардид, иборат буд. Дар саммити мазкур, ки дар вақти муайяншуда баргузор гардид, сарони 57 кишвари узви СҲИ ширкат намуда, масъалаҳои умдаи башарӣ мавриди баҳсу баррасӣ қароор гирифтанд.

Рӯзҳои 18–19 майи 2010 барои аввалин маротиба дар таърихи даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Иҷлосияи 37- уми Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои СҲИ баргузор гардид. Дар кори иҷлосия намояндагони 57 кишвари аъзои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ иштирок намуданд. Мавриди зикр аст, ки дар ҳошияи баргузории Иҷлосия муаррифии шаҳри

Душанбе ҳамчун пойтахти фарҳанги исломӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хосса доир гардид [148].

Қарори Созмони исломии илм, фарҳанг ва маориф дар бораи эълон гардидани шаҳри Душанбе минҳайси пойтахти фарҳанги исломӣ далели эътирофи он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлоли давлатии худ дар ҳифз ва ғанӣ гардонидани мероси динӣ ва умуман фарҳангу маорифи исломӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷаҳони ислом шоҳиди он эҳтирому арҷгузории бузурге мебошанд, ки мардуми Тоҷикистони муосир нисбат ба мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва ниёгони номвари худ нишон медиҳанд.

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 бахшида ба пойтахти фарҳанги исломӣ эълон гардидани шаҳри Душанбе, дар ҳамоҳангӣ бо ИСЕСКО ва вазорату идораҳои дахлдор чорабиниву корҳои зиёдеро ба сомон расонид. Дар ин маврид метавон аз баргузории конфронси илмӣ - амалии «Тоҷикон ва фарҳанги исломӣ» ёдрас шуд. Ин чорабинӣ дар якҷояги бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Академияи илмҳои ҷумҳурӣ рӯзи 9 феврали соли 2010 баргузор гардид. Дар кори конфронс вазири фарҳанг, докторон ва номзадҳои илмҳои фалсафа, филология, сиёсат ва дигар коршиносону меҳмонон бо маърӯзаҳои пурмуҳтавои худ, аз қабили «Мақоми шаҳри Душанбе дар рушди фарҳанги исломӣ», «Мақоми омили маънавӣ дар шинохти фарҳанги исломӣ», «Тоҷикон ва мактаби фиқҳи ҳанафӣ»ва ғайра баромад карданд [147].

Яке аз чорабиниҳои муҳимми дигар баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Хаттоти беҳтарин» буд. Ин озмун аз 10 то 25 апрели соли 2010 дар Коллеҷи рассомии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ғолибони озмун бо ҷоизаҳои пулии ИСЕСКО сарфароз гардонида шуданд [147].

15 апрели соли 2010 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Душанбе - пойтахти фарҳанги исломӣ» конфронси илмию амалӣ

баргузор гардид. Конфронси мазкур ба Рӯзи пойтахт ва маркази фарҳанги исломӣ эълон шудани шаҳри Душанбе дар соли 2010 бахшида шуда буд. Дар он иштирокчиён дар мавзуъҳои «Ҷойгоҳ ва аҳаммияти фарҳанги исломӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон», «Нақши Имом Бухорӣ ва дигар бузургони тоҷик дар пешрафти илм ва фарҳанги исломӣ», «Инъикоси фарҳанги исломӣ дар нусхаҳои хаттии китобхона» суханронӣ карданд [170].

Бамаврид аст ёдрас шавем, ки дар ростои ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ 12–13 марти соли 2010 бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар якҷоягӣ бо Академияи илмҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Конфронси илмӣ- ҷумҳуриявии «Имом ал-Бухорӣ ва илми ҳадис» доир гардид.

Дар доираи чорабиниҳо бахшида ба эълон гардидани шаҳри Душанбе ба ҳайси пойтахти фарҳанги исломӣ дар соли 2010 Созмони исломӣ оид ба илм, фарҳанг ва маориф (ИСЕСКО) моҳи марти соли 2010 дар шаҳри Работи Шоҳигарии Марокаш озмуни илмӣ ва технологӣ баргузор намуд. Бо пешниҳоди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмуни мазкур олими барҷастаи илми кимиёи тоҷик, академик Ӯлмас Мирсаидов ширкат варзида, дар миёни давлатҳои аъзои СҲИ сазовори медали тилло гардид. Маросими тантанавии супоридани мукофотҳо ба ғолибон 19–21 октябри 2010 дар пойтахти Малайзия шаҳри Куала – Лумпур доир гардид. Боиси хурсандист, ки шаҳрвандони мо дар чунин озмуну чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ иштирок намуда, миллати бофарҳанги тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунанд. Албатта, ҳамаи ин дар заминаи ҳамкориҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои ҷаҳонӣ дорад, сурат мегирад.

Агар дар мавриди эътибор ва шукӯҳи байналмилалии ин чорабиниҳо сухан ронем, ёдовар шудан лозим аст, ки дар ин муддат бо талошҳои ҳукумати мамлакат ва Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳони ислом сол то сол боло

рафта, нуфузу эътибори хоса пайдо менамояд. Далели равшани он тавре, аз ҷониби ИСЕСКО эълон гардидани шаҳри Душанбе ба ҳайси пойтахти фарҳанги исломӣ дар соли 2010 ва баргузории конфронси байналмилалӣ бахшида ба Соли бузургдошти Имоми Аъзам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳуб меёбад. Дар кори конфронсҳои мазкур зиёда аз 150 нафар олимону муҳаққиқон аз 50 давлати ҷаҳон иштирок намуданд.

Шиносоӣ ба муҳтаво ва мундариҷаи ин ҳамкориҳо нишон медиҳанд, ки дар сатҳи умумимиллӣ баргузор намудани ҷашнвораҳои абармардони фарҳанги исломӣ: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ ва Имом Бухорӣ далели ин гуфтаҳо мебошанд. Инчунин, дар пайравӣ ба таҷлил ва бузургдошти нобиғагони фарҳангу дин сохту соз ва таъмири ёдгориҳои таърихӣ дар мавзеъҳои таърихӣ аз қабили, Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Муъминобод боз аз он шаҳодат медиҳад, ки узвияти Тоҷикистон ба ин созмон ин ҳама корҳоро тезонида суръат бахшид. Кӯшиши арзанда дар бахши тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар як хонанда ва нашри осори бузургони илму фарҳанг ба харҷ дода шуд. Ҳамкориҳои муштарак дар заминаи соли бузургдошти Имоми Аъзам–Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, ба таъминоти давлатӣ гузаронидани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқдомҳои назаррасе мебошанд, ки дар таърихи равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ сурат гирифтаанд.

«Ба ғайр аз ин, БИР ба Тоҷикистон ба маблағи 1,140 ҳазор доллари амрикоӣ ҷиҳати бартараф кардани хисороти заминҷунбии соли 1999 дар Тоҷикобод кӯмаки башардӯстона расонд. Маблағи мазкур барои сохтмони ду мактаб ва се беморхона, инчунин хариди маводди аввалия барои зарардидагон истифода гардид» [64, с. 126].

Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани проблемаҳои худ, бо ниҳодҳои СҲИ ва давлатҳои

аъзои он, хусусан бо Бонки рушди исломӣ, ки ниҳоди молиявии СҲИ мебошад, ҳамкориро хеле хуб ба роҳ мондааст ва ин ҳамкориҳо арзишманд ва муҳим мебошанд. Бонки рушди исломӣ бо Тоҷикистон дар бахшҳои гуногуни ҳаётан муҳим ҳамкорӣ дорад. Дар ин радиф метавон сохту сози роҳҳо, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, бунёди неругоҳҳо, хатҳои интиқоли барқ ва боз корҳои дигарро номбар кардан мукин аст. Инчунин, ба истифода додани Донишкадаи исломӣ, инчунин саноати сабуку хӯрокворӣ, дорусозӣ, нақлиётиву коммуникатсионӣ ва сайёҳӣ, истихроҷи маъданҳо ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра торафт меафзояд. Барои азнавсозии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи БИР ба миқдори 9 миллиону 530 ҳазор доллари амрикоӣ маблағгузорӣ шудааст. Бонки мазкур барои маркази кардиологӣ (ташхиси дилу мушакҳо) ба маблағи 2 миллиону 162 ҳазор доллари амрикоӣ ва барои таъмири роҳи Кӯлоб – Қалаи Хумб ба миқдори 9,5 миллион доллари амрикоӣ, барои сохтмони туннели Анзоб ба миқдори 11 миллион доллари амрикоӣ ва барои таъмири терминали байналмилалии пойтахти Тоҷикистон ба миқдори 270 ҳазор доллари амрикоӣ маблағгузорӣ намудааст [107, с. 94].

Дар ин росто, баргузории 37-умин ҷаласаи Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои СҲИ (18–20 майи соли 2010) яке аз иқдомҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифии вазъи фарҳангии мамлакат барои кишварҳои аъзои ин созмон буд.

Дар ҷаласаи 38-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ, ки 22–23 марти соли 2022 дар Исломобод баргузор гардид, ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии вазири корҳои хориҷии кишвар С. Аслов фаъолона ширкат намуда, бархе масъалаҳои дуҷонибаро дар бахши гуманитарӣ моҳиятан баррасӣ карданд [153].

Тоҷикистон ба баланд шудани обрӯи созмони мазкур зимни ҳалли масоили мубрами минтақа ва масъалаҳои байналмилалӣ манфиатдор аст. Ҳукумати ҷумҳурӣ ният дорад барои тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои

самаранок дар бахши гуманитарӣ миёни кишварҳои аъзо кӯшишҳо ба харҷ диҳад. Дар ҷаласаи мазкур дар баробари проблемаҳои дигар ҳамчунин масоили ҳамкориҳои гуманитарӣ ба таври васеъ баррасӣ шуд. Аз ҷумла масъалаҳои расондани кӯмаки молиявӣ ба бахшҳои илм ва маориф [195].

Пешниҳодҳои дигари судманд ба масоили мубрами замони муосир дахл доранд. Тавре ки маълум аст, имрӯзҳо аксарияти кишвраҳои ҷаҳон дар самти илм ва технология ба дастовардҳои беназир муваффақ шудаанд, аммо ин суханро нисбат кишварҳои узви СҲИ гуфтан дуруст нест, чунки аксарияти ин кишварҳо дар ақибмондагии ваҳшатнок қарор доранд ва агар кор ба ҳамин минвол пеш равад, ин ақибмонӣ ба садсолаҳо баробар мешавад, аммо гомҳое низ дар ин масирҳо бардошта шуда истодаанд, ки моро хушоянд мекунанд. Дар ин росто, дар партави ҳидоятҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайат пешниҳод намуд, ки дар чаҳорчӯби СҲИ, ҳамзамон бо тақвият додани ниҳодҳои илмӣ ва технологии мавҷуда, сохтори нав – Бунёди рушди илм ва технологияи навин таъсис дода шавад.

Метавон гуфт, ки дар даҳаи сеюми асри XXI раванди сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ ба фаъолияти СҲИ таъсири хос гузоштааст, ки барои дуруст фаҳмидани стратегияи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ аҳаммияти муҳим дорад.

Арзёбии фаъолияти созмони байналмилалӣ мумкин аст аз дидгоҳҳои назариявии гуногун мавриди таҳлил қарор бигирад. Баъзе назарияпардозон ва таҳлилгарони созмонҳои байналмилалӣ барои мушаххас намудани сатҳи созмонро доро будани як ниҳоди иҷтимоӣ ё сиёсӣ ба таҳлили амалкарди байналмилалии он мепардозанд. «Дар ин замина чунин вижагиҳо нишон дода мешавад: мизони муваффақияти як созмони байналмилалӣ бо назардошти тағйироти муҳити байналмилалӣ; гуногунҷабҳа будани фаъолияти як созмони байналмилалӣ; истиқлол ё озодии амали як созмони байналмилалӣ ҷудо аз кишварҳои узв, яъне

маҷмуаи арзиш ва усулҳое, ки махсуси он созмон мебошанд; робитаҳои органҳои дохилии созмон бо якдигар ва ҳам вафодории созмон нисбат ба кишварҳои узв» [51, с. 75].

Баъзе назарияпардозони дигар муҳимтарин омили арзёбии амалкарди як созмони байналмилалӣ маҷмуи корҳои анҷомдодаи онро нишон медиҳанд. Ин гурӯҳ муътақиданд, ки «заминаи аслии муваффақияти як созмони байналхалқӣ дар равобити байналмилалӣ анҷом додани кори судманд ба манфиати давлатҳои узв ва дараҷаи таъсиргузории он ба раванди таҳаввулоти байналмилалӣ мебошад» [77, с. 99]. Таҳлилгарони созмонҳои байналмилалӣ муътақиданд, ки тавоноии як созмон дар барқарории амнияти кишварҳои узви созмон яке аз асоситарин вазифаҳои ҳар як созмон ба ҳисоб меравад.

Яке аз мақсадҳои асосии ҳар як созмон ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар риштаҳои мухталиф бо созмонҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар иҷлосияи 9-уми сарони давлатҳои аъзои СҲИ, ки 13 ноябри соли 2000 дар шаҳри Давҳа, пойтахти давлати Қатар баргузор гардида буд, бо пешниҳоди аксари ширкаткунандагон доир ба масъалаи терроризми байналмилалӣ, низоъҳои минтақавӣ, ки ҷиҳати давлатҳои Осиёи Марказӣ хавфу хатари зиёд дар пай дорад, пешниҳодҳо ва андешаҳо ироа гардиданд. Махсусан, баромади Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҳалли қазияи Афғонистон, ки ба он СҲИ таваҷҷуҳи зиёд дорад, қобили қайди махсус аст. Аз назари роҳбари Тоҷикистон, набудани сулҳу оромиш дар Афғонистон имрӯз ин кишварро амалан ба маркази терроризми байналмилалӣ ва истеҳсолкунандаи маводди мухаддир табдил гардонидааст. Ин ҳолат дар навбати худ аз ҳар як кишвари узви СҲИ тақозо менамояд, ки дар ҳалли ин қазия кумакҳои арзишманди худро ба Афғонистан дареғ надоранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ тамоми чораҳои лозимаро дида истодааст, ки ба мардуми азияткашидаи Афғонистон кумак расонад. Нишонаи беҳтарини ин дастгирӣ кушода шудани бозорҳои марзӣ дар

марзи Тоҷикистону Афғонистон, ки барои мардуми Афғонистон мисли обу ҳаво лозим аст, мебошад. Мардуми Афғонистон барои ҳамлу нақли молу колоҳои хеш аз роҳҳои марзии Тоҷикистон истифода менамоянд. Инчунин, аз бозорҳои наздимарзӣ тамоми маводди аввалияии худро бо нархҳои дастрас пайдо карда метавонанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки роҳбарияти Тоҷикистон тамоми чораҳоро андеша истодаанд, ки ба мардуми дӯст ва бародари Афғонистон кумак намоянд.

Ҳамчунин, дар ин самт ба ҳамкориҳои СҲИ ва СММ метавон ишора кард. Дар 36-умин иҷлосияи Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар соли 2017, бо иштироки намояндаи махсуси СММ, қатъномаи A/ RES / 36 /23 таҳти унвони «Ҳамкорӣ байни СММ ва созмонҳои минтақавӣ» ба имзо расид [186]. Дар асоси чунин санад, вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СҲИ дар ҷараёни тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳаллу фасли бисёри мушкилоти ҷаҳонӣ вобаста ба сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ, эҷоди низоми нави иқтисодии одилона ва амсоли инҳо иштироки худро фаъол карданд.

Агар ба ин муносибатҳо бознигарии таърихӣ шавад мебинем, ки дар давоми фаъолиятии худ СҲИ бо ташкилотҳои байналхалқӣ барои ҳалли мушкилиҳои ҷаҳони муосир як қатор нишастҳо доштааст. Масалан, 15 июни соли 1983 байни намояндагони СҲИ ва намояндагони СММ як нишаст баргузор гардид, ки боиси тақвияти ҳамкории ин ташкилотҳо гардид. Баъдан дар моҳи июни соли 1985 дар шаҳри Женева вохӯрии нав сурат мегирад, ки омили инкишоф ёфтани муносибати ин ду ташкилот мешавад. Бо истинод ба мазмуни ин санад, аъзо ва сарони СММ дар мавриди ҳамкорӣ бо СҲИ барои ҳалли мушкилоти давлатҳои хурд бояд мусоидат намоянд.

Ҳамзамон, СММ ҷиҳати таъмини сулҳу амнияти байналмилалии кишварҳои минтақаҳои Ховари Миёна, Ҷанубу Шарқии Осиё ва шимоли Африқо ваколатдор гардид, то ҳамроҳ бо СҲИ дар ҳаллу фасли мушкилиҳо ва таъмини амнияти манотиқи номбурда ин миссияи худро

анҷом диҳад. Бинобар ин, бояд СММ кӯшиш намояд, ки робитаи бештари худро бо СҲИ устувор намояд, то бахше аз амнияти байналмилалиро таъмин ва танзим карда тавонад. Дар сурати эҷоди стратегияи дуруст барои оянда, равобити самараноки СҲИ бо СММ метавонанд ҷаҳонро аз таъсири кишварҳои бо режими ҳарбӣ амалкунада, эмин нигоҳ доранд. Дар арсаи байналмилалӣ касби нуфуз ва эътибор кори сахту сангин аст, аз ин рӯ, СҲИ ҳанӯз дар марҳалаи рушду такомул қарор дорад ва бо итминони комил метавон гуфт, ки дарояндаи начандон дур он соҳиби шаъну эътибори ба худ хос хоҳад шуд. Ба ин метавон итминон кард.

Фаъолияти СҲИ нисбат ба СММ каме маҳдуд аст. Тавре ки маълум аст, СММ пас аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон соли 1946 ташкил шудааст ва дар сиёсати байналхалқӣ яке ташкилоти муътабар дониста мешавад. Аммо СҲИ пас аз 23-соли он таъсис ёфтааст. Бинобар ин, лозим аст, ки он аз таҷрибаи таърихӣ бештар истифода намояд. Дар ҳар сурат, муносибати хуби дуҷониба имконият дод, ки кишварҳои шомили СҲИ кишварҳои аъзои СММ –ро ба расмият шинохтаанд ва дар ҳолати заъфи иқтисодӣ ва сиёсӣ, метавонанд аз қобилияту иқтидори якдигар онҳо истифода намоянд.

Дурнамои равобити СҲИ бо дигар созмонҳои байналхалқӣ баррасӣ карда метавон гуфт, ки ин созмон метавонад бо истифода ва ёрии бевоситаи созмонҳои байналхалқӣ якҷоя ҳуқуқи мардумони кишварҳои узвро дар чорчӯбаи васеъ ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҳимоя намояд. Дар робита бо созмнҳои минтақавӣ чунин мушоҳида мешавад, ки СҲИ кӯшиш ба харҷ медиҳад муносибатҳои дипломатии худро бо кишварҳо ва созмонҳои минтақавӣ дар ҳолатҳои ба худаш муносиб ба роҳ монад. Ҳамин аст, ки дар шароити имрӯза СҲИ бо бисёр созмонҳои минтақавӣ алоқаҳои бевосита дорад. Масалан, бо созмонҳои бузурги минтақавии «Иттиҳоди кишварҳои араб» ва «Ваҳдати Африқо» ҳамкорҳои судманди дуҷониба чандин солҳо аст, ки идома дорад.

Нуқтаи дигаре, ки дар мавриди ҳамкориҳо бояд қайд кунем, ин таъсири мутақобилаи СҲИ ва Иттиҳоди кишварҳои араб мебошад. Бисту як кишвари узви Иттиҳоди кишварҳои арабӣ кӯшиш доранд, ки дар асоси ҳамгирой дар заминаи иттиҳоди қавмӣ Созмони ҳамкории исломиро ба яке аз ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба манфитати худ табдил диҳанд. Ба таври куллӣ Иттиҳоди кишварҳои араб чуноне, ки аз номаш маълум аст, дар ҷалби равобити ин кишварҳо аз худ фаъолияти бештар нишон медиҳад. Иттиҳодияи кишварҳои араб бо омилҳои мавҷуда ҳамчун созмони минтақавӣ бо СҲИ метавонанд мавқеи муайянеро ба худ бигиранд. Талошҳои СҲИ ва Иттиҳодияи кишварҳои араб барои ҳалли моҷарои Фаластин ва мунокишаи ҳарбии Эрон ва Ироқ хеле назаррас мебошад. Пас аз сар шудани моҷарои Миср ва Исроил кишварҳои арабӣ муносибатро дар минтақа бо давлати Миср тағйир доданд. Вале баъдтар бо ташаббуси СҲИ дар иҷлосияи даҳуми вазирони корҳои хориҷӣ Мисрро аз нав ба узвият қабул карданд [135, с. 16].

Намунаи дигаре, ки мавқеи СҲИ дар он хеле хуб маълум мегардад, иштироки он дар ҳалли қазияи Ховари Миёна аст. Сулҳи Ховари Миёна, ки бо ташаббуси кишварҳои Иттиҳодияи кишварҳои араб ва СҲИ дар иҷлосияи 12-ум, ки соли 1992 дар Марокаш барпо гардид, барои кишварҳои минтақа аҳаммияти сиёсиву иқтисодии калоне дошт ва барои бурун омадан аз ин бунбаст нақши боризеро анҷом дод [133, с. 25].

Масъалаи дигаре, ки дар арсаи бийналхалқӣ вазифаи СҲИ-ро хеле хуб инъикос мекунад, ҳалли ҷанг миёни Эрон ва Ироқ мебошад.

Дар чунин вазъият, панҷумин иҷлосияи СҲИ баргузор гардид ва барои анҷоми моҷаро тадбирҳои муҳим андешида мешавад. Ниҳоят, иҷлосияи сарони кишварҳои узви СҲИ, ки соли 1987 дар Кувайт баргузор гардида буд, бо назардошти мафкураҳои оқилонаи исломӣ дар ҳар ду кишвар дар мавриди ҷанги Эрону Ироқ созишномае ба тасвиб

мерасонад, ки яке аз омилҳои таъсиргузор дар анҷом ёфтани ин ҷанг мебошад [104].

Ин амал, яъне таҳияи созишнома боис ба он шуд, ки дар байни кишварҳои узви созмон бисёре аз масоил ба таври мусолиматомез ҳаллу фасл карда шаванд.

Бо имзои созишномаҳо, ба давлатҳои аъзои Иттиҳодияи кишварҳои араб ва СҲИ фурсати муносиб ба вуҷуд омад, ки ҳар чӣ бештар қазияҳои нооромии минтақаро ҳал намоянд. Аз натиҷаҳои иҷлосияи панҷуми СҲИ маълум мегардад, ки таъсири ин созмон дар ҳалли тамоми масъалаҳои кишварҳои исломӣ хеле зиёд аст.

СҲИ аз имкону зарфиятҳои бисёр васеъ ва ҷиддӣ бархӯрдор аст, аммо мутаассифона, баъзе вақтҳо дар фаъолияти он камбудиҳо низ дида мешавад.  Тавре ки муҳақиқи шинохта В. В. Можарова ишора менкунад: «СҲИ бо чунин нишондиҳандаҳои бисёр муҳими ҷуғрофӣ, инсонӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ, идеологӣ ва сиёсии худ метавонад тамоми мушкилоти худро ҳал карда яке аз муассиртарин ва бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ дар ҷаҳон гардад» [73].

СҲИ паҳнои бузурги ҷуғрофӣ аз қитъаҳои Осиё, Африқо ва Аврупоро фаро гирифтааст. Ин як андозагирии ҷуғрофӣ нест, балки он як нишондиҳандаи муҳимми геополитикӣ ва геостратегӣ низ мебошад. Кишварҳои аъзои СҲИ дар ҳавзаҳои аз назари геополитикӣ бисёр муҳим ва ҳассоси ҷаҳони муосир чун Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ, Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ғайра ҷойгир буда, нуқтаҳои муҳимтарини стратегии олам, чун халиҷи Форс, канали Суэтс, баҳри Миёназамин, гулӯгоҳи Гибралтар ва ғайраро, ки дар ин минтақаҳо ҷой гирифтаанд, аҳаммияти бузург доранд.

Аз назари инсонӣ, кишварҳои узви СҲИ дорои беш аз як миллиард аҳолиянд, ки онҳо бо тафовут аз аҳолии пиршавандаи кишварҳои ғарбӣ суръати баланди афзоиш дошта, мутаносибан ҷавонанд. Ин мавридро зикр кардан саривақтӣ аст, ки имконот ва

зарфияти иқтисодии ин созмон хеле боло буда, он ба иҷрои корҳои хеле калонҳаҷм қодир мебошад. Агар мо ба кишвраҳои содиркуннадаи нафти дунё назар андозем, мебинем, ки аксари ин кишварҳо кишварҳои мусулмонӣ мебошанд, аз қабили Арабистони Саудӣ, Кувайт, Эрон, Ироқ, Аморати Муттаҳидаи Араб ва амсоли инҳо, ки дар маҷмуъ, ҳудуди 70% захираҳои нефтии ҷаҳон ба ин кишварҳо рост меояд. Пас метавон гуфт, ки имконот ва зарфияти ин кишварҳо хеле зиёд аст, фақат мудирияти дурусти онро ба роҳ монда лозим аст. Агар мудирияти он дуруст ба роҳ монда шавад, дар ин замина корҳои хеле калонҳаҷме дар ақсои олам ба анҷом расонида мешавад ва нуқтаи хеле пурққувввати кишварҳои мусулмонӣ мебошад, ки онро боястӣ ба таври аҳсан мавриди истифода қарор додан лозим аст. Илова бар ин, СҲИ як қатор кишварҳои дорои бозорҳои бисёр бузурги молиро дар бар мегирад [46].

Аз назари сиёсӣ СҲИ метавонад аз мавқеи ягонаи ҳамаи кишварҳои узви худ намояндагӣ кунад, ки мантиқан чунин имкон метавонад онро бо яке аз қавитарин ва пурнуфузтарин паймонҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар арсаи байналмилалӣ мубаддал намояд. Талошҳои чандинсолаи кишвари қудратманде чун Русия барои узвият пайдо кардан дар ин созмон низ, ба ояндаи ҷиддӣ ва эҳтимоли бисёр муҳим шудани ҷойгоҳи СҲИ дар низоми навини ҷаҳонӣ ишорат мекунад. Дар ҳоли ҳозир ин кишвар аз соли 2005 шуруъ намуда, ҳамчун узви нозир дар созмон иштирок карда истодааст [181].

Агар ба дигар камбудиҳои дохилию хориҷии созмон назар андозем, ин нукта ба назар мерасад, ки кишварҳои узви созмон дар аксари масоили умумии дунё нуқтаи назари ягонаю воҳид надоранд. Ин чиз боис ба он мешавад, ки дар вақти қабули қарорҳои сарнавиштсоз консесус ба амал наояд ва бисёре аз масоил подарҳаво боқӣ хоҳанд монд. Дар як арзёбии куллӣ метавон гуфт, ки бо таъсири як силсила омилҳои дохилию хориҷӣ имрӯз СҲИ то ба ҳол баъзе аз масъаларо ҳал накардааст.

Таҳлилҳои мо дар ин замина нишон медиҳад, ки нахуст сабаби чунин вазъият дар он аст, ки аксари кишварҳои узви созмон зери таъсири марказҳои гуногун ва ҳатто дар ҳоли набарди геополитикӣ қарор доранд. Масалан, агар мавқеи кишварҳое чун Арабистони Саудӣ ва Миср зери таъсири мавқеъгириҳои ИМА ва Аврупо шакл гирад, мавқеи Эрон, ки яке аз кишварҳои фаъоли ин созмон ба шумор меравад, сареҳан зидди Амрико мебошад ва солҳои ахир бо Русия иртиботи наздики дӯстона, ҳатто стратегӣ барпо карда истодааст. Дуруст аст, ки дар даҳсолаи сеюми асри XXI ҷойгоҳи Арабистони Саудӣ ва Миср низ дар равобити байналмилалӣ тағйир пайдо карда истодааст. Аммо инро ҳамчун як ҳолати номаълум метавон арзёбӣ намуд. Мавқеи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои байналхалқӣ то ҳадде бо сиёсати хориҷии Русия ва баъзе кишварҳое, ки низоми дунявӣ доранд, ҳамоҳанг аст. Дар ҳамин ҷо як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки Осиёи Миёна ва ё ҳамон тавре онро имрӯз ном мебаранд Осиёи Марказӣ таърихан минтақаи таҳти нуфузи Русия буд ва кишвари Русия то андозае ин ҷоро макони хеш ва нуфузи хеш медонад. Мардумони ин минтақа низ ба ин чиз одат кардаанд ва русҳоро дар радифи одамони таҳҷоӣ мепиндоранд ва онҳо мисли дигар қавмҳо дар кишварҳои дигар ба русҳо ҳамчун ишғолгар нигоҳ намекунанд. Афзун бар ин, тайи ҳафтод соли ҳукумати шуравӣ мардумони ин манотиқ ин қадар ба ҳам наздик шуданд, ки онҳо якдигарро бо ибораи халқи бародар ва ё халқҳои бародар ном мебурдагӣ шуданд, яъне ин ҳамбастагии мардумон реша дар таърих ва равобитӣ ҳасанаи амиқ дорад. Ҳоло пас аз як гурези иҷмолӣ ва шарҳи баъзе нуктаҳо барои возеҳ шудани масоил ба асли матлаби хеш бармегардем.

Намунаҳои равшани чунин ихтилофу вобастагиҳои кишварҳои узви созмонро метавон дар мисоли мавқеъгирии онҳо нисбат ба буҳрони Фаластин, барномаи ҳастаии Эрон ва ё дар масъалаи эътирофи истиқлоли Косово мушоҳида намуд.

Дар мавриди ихтилофҳо дар тасмимгириҳои СҲИ метавон ба ақидаи муҳаққиқони эронӣ шарик шуд: «Дар ин самт ҳассостарин масъалаи созмон ихтилофи шадиди мавқеъгириҳои аъзои бонуфузи он ҳамчун Арабистони Саудӣ, Эрон, Миср, Либия ва ғайра мебошад. Масалан, ду узви пуртаъсири ин созмон, Мисру Эрон ҳудуди ду даҳсола ҳатто робитаҳои одии дипломатӣ надоштанд ё маҷмуи муносибатҳои пуртазоди ду узви таъйинкунанда ва фаъоли СҲИ, яъне Арабистони Саудӣ ва Эронро, метавон навъе аз «ҷанги сард» номид» [77, с. 56].

Солҳои ахир раванди ин муносибатҳо коҳиш пайдо карда рӯ ба беҳбудӣ аст. Бо вуҷуди ин, то ба имрӯз дар дохили худи созмон чанд блок ё дастабандии ғайрирасмӣ ташаккул ёфтааст, ки муҳимтарини онҳо «мавқеи саудӣ-мисрӣ», «мавқеи эронӣ-суриёӣ», «мавқеи бетараф» мисли Туркия, Малайзия, Индонезия ва ғайра мебошанд. Бояд зикр кард, ки ҳамчунин ба мавқеъгириҳои хоси кишварҳои тозаистиқлоли пасошуравӣ (Қазоқистон, Узбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон, Озарбойҷон) доир ба баъзе масъалаҳо усулӣ метавон ишора кард. Дар атрофи ҳар яке аз ин «мавқеъҳо» аз 5 то 10 кишвари «ҳамақида» ҷамъ омадаанд. Тафовути сохтори сиёсӣ ва самтгириҳои идеологии кишварҳои узви СҲИ низ рӯи тафовути мавқеъгириҳои онҳо таъсири ҷиддӣ дорад.

Чизи дигаре, ки ташвишовар аст, ин мебошад, ки сарфи назар аз он ки ҳамаи кишварҳои узви созмон теъдоди асосии аҳолиашон мусулмон мебошанд, аммо дар ҳамаи ин кишварҳо диду бархӯрд ба дини мубини ислом мухталиф мебошад. Ин нукта низ ягонагӣ ва ваҳдати давлатҳои узви созмонро халалдор мекунад. Набудани ягонагӣ ва адами диди воҳид нисбат ба бисёре аз масоил корро дар ахзи тасмимҳо бамаротиб мушкил мегардонад, боиси каҷравиҳо мегардад. Албатта, ба ин бисёре аз масоили сиёсие, ки имрӯз дар ҷаҳон мавҷуд аст, боис мешавад, аммо дастандаркорон ва масъулин давлатҳо ва худи созмон

талош бар ин доранд, ки мавқеъ ва дидгоҳҳои хешро тавъам намуда, барои расидан ба ягонагии комил талош варзанд.

Баъзе аз кишварҳои узви созмон исломро ҳамчун идеологияи давлатии худ эътироф менамояд. Гурӯҳе аз кишварҳо, ҳамчун Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои тозаистиқлоли пасошуравӣ ва ғ. гароиши дунявӣ доранд. Бахши дигар аз ҳукуматҳо бо ислом, ҳамчун бо неруи сиёсию ақидатӣ (ҳамчун равияи мазҳабии суннӣ ва шиа) дар мухолифат қарор гирифтаанд. Инвоқеият на танҳо ба дастомадани мавқеи ягона дар дохили созмон, балки дар ҳосил шудани робитаҳои неки дуҷониба миёни баъзе аз аъзои он низ таъсири манфӣ мегузорад. Ва намегузорад, ки кишварҳои узви созмон бо ҳамдигар аз ҳар назар наздиктар шаванд. Қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаи дину мазҳаб масоли хеле нозук ва отифӣ буда, зимни суханронӣ перомуни онҳо хеле муҳтот будан лозим, чунки имкон дорад ба иззати нафси пайравони ин ё он мазоҳиби ислом латма ворид гардад ва боиси хароб шудани муносиботи байни кишварҳо гардад. Дар маҷмуъ, масъалаи дин масъалаи отифӣ буда, дар ҳаллу фасли аксари масоили зиндагӣ ва рӯзгор боястӣ аз зовияи дину мазҳаб ба он нигоҳ карда, нагузорем эътиқоди пайравони ин ё он мазоҳиб латма бинанд.

Бояд дар назар дошт, ки СҲИ дар арсаи байналхалқӣ равобити хуб бо ЮНЕСКО дорад. Дар 36-умин иҷлосияи вузарои умумри хориҷии кишварҳои исломӣ соли 2007, ки дар Марокаш баргузор гардида буд, қатъномае бо номи «Ҳимоят аз созмони ЮНЕСКО» қабул карда шуд. Маҳз аз ҳамин давра асосҳои ҳуқуқии ба танзимдарорӣ дар муносибатҳои дуҷонибаи ин ду созмон ҳамин ҳуҷҷат арзёбӣ мегардад [40, с. 98].

Дар асоси қатъномае, ки таҳти рақами 32/16-2 ба тасвиб расида буд, СҲИ пеш аз ҳама, ҳимояи комили худро аз фаъолият ва сиёсатҳои ЮНЕСКО эълом медорад ва ҳамзамон аз кишварҳое, ки аъзои Созмони ЮНЕСКО ҳастанд, дархост карда мешавад, ки барои фаъолияти СҲИ

ёрии худро расонанд. Дар навбати худ, ЮНЕСКО ҳамчун ташкилоти байналхалқӣ вазифадор мешавад, ки барои беҳтар шудани мавқеи сиёсӣ дар сиёсати байналхалқӣ ҳарчи бештар кӯшиш кунад, ки дар ташаккул додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои узви СҲИ мусоидат намояд. Гузашта аз ин, ба ЮНЕСКО барои иштирок кардан дар нишастҳои СҲИ мақоми меҳмони ифтихорӣ дода мешавад.

Аз мулоҳизаҳои мухтасаре, ки баён гардид метавон чунин натиҷагирӣ кард:

– дар давраи баррасишуда (солҳои 1992–2022) зимни ҳамкорӣ бо СҲИ Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои созмони мазкурро самаранок истифода бурд. Ҳамкорӣ бо СҲИ гувоҳӣ медиҳад, ки ин сохтор дар низоми равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад ва ин метавонад то андозае ба ҳалли мушкилоти башарӣ дар кишвар мусоидат кунад, мо натиҷаи корҳои ин созмон, ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дигар кишварҳои мусулмоннишини дигар манотиқро бармало мебинем ва мушоҳида мекунем;

–Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ ва ҳуқуқбунёд равандҳои глобалиеро, ки ба рушди гуфтугӯ байни тамаддунҳо ва динҳо, густариши равобит дар бахшҳои гуманитарӣ дар Тоҷикистон равона шудаанд, дастгирӣ мекунад. Ва ҷонибдори тавсеа ва рушди ин қабил ҳамкориҳо мебошад, ин ҷо ин масъала хеле возеҳ ва равшан аст. Тоҷикистон ҳамчунин принсипҳои мусоидат намудан ба гуфтугӯи созанда байни тамаддунҳо ва ҷустуҷӯйи консенсуси эҳтимолиро миёни фарҳангҳои гуногун, киазҷониби СҲИ сурат мегирад, ҷонибдор мебошад;

– фаъолсозии муносибатҳои Тоҷикистону СҲИ дар соҳаи гуманитарӣ ба манфиатҳои дарозмуддати кишвари мо ҷавобгӯ буда, ба тамоми муқаррароти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳтавои Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми тоҷик, ки дар он Пешвои миллат тавсеаи ҳамкориро бо кишварҳои узви СҲИ ба

ҳайси яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон қайд мекунад, мувофиқ мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки ширкати фаъоли Ҷумурии Тоҷикистон дар фаъолияти СҲИ дар баробари созмонҳои калони минтақавӣ ва глобалӣ дар замони муосир аҳаммияти бештарро пайдо кардааст, чунки тавассути ин созмон низ Тоҷикистон ва имконоти он ба кулли ҷаҳониён муаррифӣ мегардад. Ин нуктаи муҳимми ин қазия маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр Ҷумҳурии Тоҷикистон талошу кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки тавассути ниҳодҳои ин созмон барои муррифии хеш кор гирад ва Тоҷикистонро ҳар чи бештар дар олам бишиносонад. Имрӯзҳо, хушбахтона, дар бештари кишварҳои дунё кишвари мо ҳамчун кишвари пешбарандаи масоили обу иқлим муаррифӣ шудааст. Ин иқдоми Тоҷикистон боис шуд, ки дар Тоҷикистон ҳамоишҳои сатҳи баналмилалӣ баргузор гарданд ва шахсиятҳои маъруф ва сарони кишварҳои абарқудрат  ва ҳатто дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониё Гутереш ба Тоҷикистон ташриф биоранд. Чунин иқдом ва гом мақому манзалти Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ бамаротиб боло мебарад.

# БОБИ III. ТАКОМУЛИ МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ЗАМИНАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ КАЛИДИИ МУОСИР

## 3.1. Хусусиятҳои муносиботи шарикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир

Робитаҳои мутақобила миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар сатҳи дуҷонибаву бисёрҷониба ва муносиботи шарикӣ дар соҳаҳои гуногун ташаккул ёфт. Яке аз чунин самтҳо муносиботи шарикӣ дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ гардид.

Мусаллам аст, ки терроризм яке аз проблемаҳои асосии ҷаҳони муосир буда, ба хатарноктарин таҳдид барои сулҳу суботи байналмилалӣ мубаддал гаштааст. Дар тӯли таърих, алалхусус дар сад соли охир, терроризм сабаби аслии низоъҳои мусаллаҳона ва муташанниҷ шудани вазъият гардида, ба хунрезиҳо, муҳоҷирати оммавӣ, харобиҳои зиёд ва хатари ҷиддие барои амнияти байналмилалӣ мубаддал гашт.

Аз лиҳози геополитикӣ Тоҷикистон як минтақаи муҳимми стратегӣ аст, ки дар он манофеи бозингарони зиёде ба шумули Россия, Чин ва ИМА, инчунин абарқудратҳои минтақавӣ ба мисли Покистон, Эрон, Ҳиндустон ва созмонҳои байналмилалӣ дар сатҳи глобалӣ, минтақавӣ аз ҷумла СММ, САҲА, СҲИ, ИДМ, СПАД, СҲШ ба ҳам бармехӯранд. Аз ин рӯ, дастандаркорон ва масъулони моро лозим аст, ки масъаларо ҷидӣ гирифта, барои таҳкими сулҳу оштӣ дар минтақа ва бавежа Тоҷикистони азизамон ривоҷ диҳанд. Иқдоми охирини Ҳукумати Тоҷикистон ва бавежа Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон дод, ки Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ва бавежа роҳбарияти Олии он масъала ва нозукии онро хуб дарк мекунанд ва тамоми кӯшишу талошро ба кор мегиранд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ сулҳи доимӣ

пойдор бошад ва сулҳу оштӣ беҳтарин роҳи ҳаллу фасли тамоми масоил ба ҳисоб меравад ва инро тамоми мардуми тоҷик ва роҳбарияти он ба хубӣ дарк мекунанд.

«Талошҳои ин созмон дар самти муқовимат ба терроризми байналмилалӣ ва ташхиси дурусти илмии амалияи терроризми байналмилалӣ ва муқоисаи он бо арзишҳои умумибашарӣ хеле назаррас мебошад. Ин дар амалияи СҲИ мавқеи ҷиддӣ ва усулии созмони мазкурро нишон медиҳад. СҲИ амалҳои террористиро новобаста аз он ки дар куҷо сурат мегиранд ва қатъи назар аз он ки гунаҳкорон ва қурбониёни онҳо давлатҳои муайян ва ё созмону шахсони ҷудогона ҳастанд, маҳкум мекунад. Дар доираи фаъолияти худ СҲИ Кодекси рафтори кишварҳои узви созмон дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ аз соли 1994 ва Конвенсияи мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ аз соли 1999» [39, с. 115] ва эъломияҳои дахлдор ба онро ҳамчун асоси ҳуқуқӣ истифода мекунад. «Маҳз дар моддаи 42 - юми он мафҳуми терроризм, меъёр ва тартиби ҳамкории давлатҳо дар мубориза зидди ин ҷиноят муайян карда шудааст. Вале муҳаққиқони соҳа бар ин назаранд, ки мубориза бо ифротгароию тундгароӣ бояд тақвият дода шавад, аз ин рӯ, онҳо пешниҳод мекунанд, ки Конвенсияи соли 1999 пазируфта шуда бояд таҷдиди назар шуда, он ба талабот ва тақозоҳои замони муосир мувофиқ карда шавад. Аз ҷумла, ҷиҳати возеҳтар кардани мафҳумҳи терроризм дар бахши ҷиноятҳои сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ санади мазкур ба бознигарии ҷиддӣ ниёз дорад» [39, с. 117]. Лозим аст, ки тундгароӣ ва ифротгароӣ бар асоси қавонини амалкунандаи давлатҳои узви Конвенсия ба ҳайси ҷиноят эътироф карда шавад. Ба ҷузъ аз ин, бояд принсипҳои муқаррар намудани юрисдиксияи давлатҳо дар мавриди терроризм мушаххас карда шавад.

Дар ин қарина ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ дар чорчӯби СҲИ мубрамтар мегардад. Дар баробари ҷоннокшавии фаъолияти созмонҳои террористӣ

ҳамчунин фаъолнокии СҲИ дар мубориза алайҳи онҳо ба назар мерасад. Ҳуҷҷатҳои асосие, ки СҲИ қабул кардааст, эътироф мекунанд, ки терроризм дар ҳама шаклҳои зуҳуроташ ислом ва идеалҳои онро бадном мекунад. Қайд кардан муҳим аст, ки СҲИ ва олами ислом ба проблемаи терроризм хеле барвақт таваҷҷуҳ кардаанд. Ҳанӯз соли 1987 бо ширкати бевоситаи СҲИ дар Женева «Симпозиуми байналмилалӣ доир ба терроризм дар ҷаҳони муосир ва таъсири он ба амнияти шахсӣ, суботи сиёсӣ ва низоми ҷаҳонӣ» баргузор гардида буд.

Пас аз сипарӣ шудани муҳлати муайяне дар Конфронси VII исломии СҲИ, ки 13–15-уми декабри соли 1994 дар шаҳри Касабланка дар сатҳи олӣ баргузор гардида буд, «Кодекси (Одобнома) рафтори кишварҳои узви СКИ (СҲИ –А.Ғ.) доир ба мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ» қабул гардид [79]. Тоҷикистон яке аз иштирокчиёни фаъоли ин форум буд. Дар ин санади муҳим вазифа ва уҳдадориҳои тамоми аъзои созмон дар мубориза алайҳи терроризм ва экстремизба таври возеҳ мушаххас карда шуд. Дар баробари ин, кишварҳои ширкаткунанда дар форуми мазкури СҲИ ҳамчунин мувофиқа карданд, ки «Конвенсияи мубориза бо терроризми байналмилалӣ» -ро ба имзо расонанд.

Дар ин мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат ва суханронӣ карда, аз ҷумла гуфт, ки доираҳои муайян дар тамоми ҷаҳон кӯшиш доранд дини исломро бадном карда, бо ин роҳ эътибор ва нуфузи мусулмононро коста гардонанд. Бинобар ин, сарвари давлат сарони кишварҳои исломиро даъват кард, ки «барои баланд бардоштани обрӯи дини ислом якҷоя чораҳои самаранок андешанд» [6, с. 277].

«Ҳамчунин, дар «Конвенсия дар бораи мубориза бо терроризм» уҳдадориҳои мушаххаси давлатҳои узви СҲИ дар масъалаи расондани ёрии ҳамдигарӣ дар тамоми ҷанбаҳои муқовимат бо терроризм нишон дода шудаанд» [79, с. 114].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дар татбиқи ин санади байналмилалӣ хеле муҳим мебошад, ки матни пурраи он соли 1999 қабул карда мешавад. Агар ба муҳтавои он шинос гардем мебинем, ки Конвенсияи мазкур аз ду қисм иборат аст. Дар қисми якуми он муқарраротиумумӣ роҷеъ ба мафҳуми «терроризм» баён гардидааст. Ин бахш пеш аз ҳама аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки Конвенсия ин падидаро таъриф додааст: «Терроризм маънои ҳама гуна зӯроварӣ ва ё таҳдиди зӯровариро дорад, новобаста аз ангезаҳо, ниятҳои он барои татбиқи барномаҳои дастаҷамъӣ ва ё инфиродӣ бо мақсади террор ва ё таҳдиди зарар расондан ба ҳаёт, шараф, номус, амният ва ё соҳибихтиёрии давлатҳои мустақил» [23].

То ҳол, Конвенсияи мазкур доир ба мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ ҷойи махсусро ишғол карда ҷомеътарини (комплексӣ) СҲИ дар ин соҳа боқӣ мемонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди тасвиби он аз ҷониби парламенти кишвар, соли 2002 эътибори ҳатмии ҳуқуқӣ пайдо кард.

Дар ҳамин ҷо аз асли матлаб дур нарафта, як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки дар байни кишварҳои узви СҲИ ҳанӯз ҳам ҷиҳати мушаххасу муайян кардани мафҳумҳои «терроризм», «террорист» ва «амали террористӣ» дар байни аъзи СҲИ баҳсу мунозира идома дорад. Бинобар ин, Тоҷикистонро зарур аст, ки бархӯрдҳои мухталифро дар ин замина дар назар дошта бошад. Ба таври намуна ба баъзеи онҳо ишора мекунем. Дар эъломияи Куала-Лумпур оид ба терроризми байналмилалӣ аз соли 2002 ҳама гуна робита байни терроризм ва ислом инкор карда мешавад. Ҳамзамон, пешниҳод мешавад, ки конфронси байналмилалӣ таҳти сарпарастии СММ ба хотири таҳияи стратегияи муштараки мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ баргузор гардад. Дар доираи СҲИ таъсис додани сохтори махсус доир ба мубориза алайҳи терроризмро ба мақсад мувофиқ медонад. Инчунин, рӯйи ин нукта

таъкид шуд, ки мубориза ба терроризми байналмилалӣ тақвият бахшида шуда, равобит дар байни давлатҳои дунё тавсеа бахшида шавад.

Дар Конфронси байналмилалӣ доир ба мубориза бо терроризм (шаҳри Риёз, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, 5–8-уми феврали соли 2005) эъломияи Риёз доир ба мубориза алайҳи терроризм қабул шуда буд. Дар кори Конфронси байналмилалӣ доир ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ ба ғайр аз кишварҳои узви СҲИ, инчунин давлатҳои ғайримусулмонӣ (ҳамагӣ 51 давлат) ба шумули Россия, созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, СҲИ, Лигаи давлатҳои арабӣ, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Африқо, Интерпол, Лигаи ҷаҳонии мусулмонон ва ғ. иштирок карданд [95, с. 107].

Қайд кардан муҳим аст, ки аъзои СҲИ давлатҳое мебошанд, ки дар миёни кишварҳои исломӣ обрӯи баланд доранд. Ин, пеш аз ҳама Арабистони Саудӣ аст, ки дар қаламраваш ду шаҳри муқаддас - Макка ва Мадина воқеанд. Дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ дафтари марказии СҲИ, яъне Котиботи генералии созмони мазкур фаъолият мекунад [55, с. 184]. Бо дарназардошти чунин рӯйдодҳо ва бо мақсади муқовимат бо террористон аъзои СҲИ амалҳои ҷавобии худро ҷонноктар карданд. Ҳуҷҷатҳои таҳияшударо ҳамчун заминаи муштарак дар масири мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ карда, бо дигар давлатҳои аъзои созмони мазкур музокироти сиёсӣ анҷом медиҳад. Дар 7–8-уми декабри соли 2005 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи фавқулодаи СҲИ дар Макка ширкат кард.

Зимни суханронии худ дар ин иҷлосия Президенти Тоҷикистон сиёсати «рабт додани ислом бо терроризм, экстремизм ва зӯроварӣ»-ро шадидан маҳкум кард. Ӯ таъкид кард, ки «террорист на миллат дорад, на дин ва на ватан» [109, с. 325].

Дар ин росто, қабули «Эъломияи Макка» дар ин саммит рӯйдоди муҳим ба ҳисоб меравад [37]. Эъломия даъват мекунад, ки ба терроризм

зарбаи қатъӣ зада шуда, ҳама гуна зуҳуроти террористӣ ҷиноят эълон шавад. Муҳим ин аст, ки ҳуҷҷати мазкур ба мисли рӯзномаи мулоқот аз ҷониби уламои барҷастаи мусулмонӣ навишта шудааст. Дар Эъломияи мазкур аз ҷумла гуфта мешавад: «Давлатҳо мавқеи оштинопазири худро нисбат ба терроризм, ба ҳама шаклҳои экстремизм ва зӯроварӣ тасдиқ намуда, нигаронии худро нисбат ба зуҳуроти дар ҷаҳон афзояндаи исломбадбинӣ, ки худ як навъи нажодпарастӣ ва табъиз мебошад, эълон карда, азми худро барои истифодаи тамоми кӯшишҳо дар мубориза бо ин падида бо ҳама гуна воситаҳо изҳор менамояд» [37].

Дар ин росто, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон минбари СММ ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалиро истифода бурда, инчунин дар Паёмҳои солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин бор даъват ба амал овард, ки исломро бо терроризм як ҳисоб накунанд. Сарвари давлат борҳо таъкид доштанд, ки дар ин росто «Нақши муҳимро таҳкими гуфтугӯи байнифарҳангӣ ва байнидинӣ, боварӣ ба ҳамдигар ва таҳаммулпазирӣ мебозанд» [14, с. 89].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар айни ҳол бо дарназардошти таҳаввулоти ҷаҳон ва бо мақсади муқобилият бо терроризм СҲИ амалҳои ҷавобии худро фаъолтар кардааст. Ҳуҷҷатҳои таҳиягардида дар муборизаи муштарак алайҳи терроризм ва экстремизм ба ҳайси платформаи фаъолияти ин созмон хизмат мекунанд [199].

Гуфтан ҷоиз аст, ки санад ва мадорики муҳимми ин созмони муътабар бо иштирок ва дастгирии бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд. Тоҷикистон дар сатҳи олӣ гуфтугӯи сиёсиро бо давлатҳои узви СҲИ дастгирӣ мекунад. Тавре ки қаблан таъкид ба амал омад, гувоҳи ширкати фаъоли Тоҷикистон дар бахши мубориза бо терроризм дар чорчӯби СҲИ ин аст, ки дар шаш саммити СҲИ ҳайати ҷумҳуриро шахсан Президент Эмомалӣ Раҳмон сарварӣ кард. Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ сиёсати тавъам донистани исломро бо терроризм, экстремизм ва зӯроварӣ қотеъона маҳкум мекунад.

Ҷараёни ин ҳамкориҳо ба мо нишон медиҳад, ки мамлакатҳои узви СҲИ мувофиқи тартиби муқарраргардида ва бино ба дархости ҳайати Тоҷикистон ба ҳайси раиси Гурӯҳи СҲИ дар Ню-Йорк санади Маҷмаи умумӣ ва Шурои Амният ба шаш забони расмии СММ содир ва паҳн гардиданд. Ҳамчунин, дар ташкил ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои муҳим дар доираи Созмон, ки пештар роҳбарии онро Тоҷикистон ба нақша гирифта буд, бояд фаъол мешуд, аз ин рӯ, ҷумҳуриро зарур меомад, ки барои иртиқои обрӯ ва манзалати хеш ва ҳифзи манофеи миллӣ тамоми тадобири зарурӣро ба кор гирад. Ин дар ҳолате аст, ки Тоҷикистон дар ҳеҷ як аз низои байналмилалӣ ширкат намеварзад, бо тамоми кишварҳои узви СҲИ муносибатҳои мутавозин ва ғайрихасмона дорад, таҳдидҳои мустақим ва ё ғайримустақим ё вуҷуд надоранд ё онҳо ночизанд. Ин ба ҳамагон маълум аст, ки ноороми ва даргирӣ дар яке аз давлатҳои узви ИДМ боиси халалдор шудани кулли равобит дар байни кишвар мегардад. Аз ин рӯ, роҳбарияти олии кишвари Тоҷикистон ин қазияро хуб дарк мекунад ва мефаҳмад ва талош мекунад, ки дар минтақа сулҳ пойдор бошад ва ба тамоми кишварҳо равобити ҳасана дорад.

Барои Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа нигоҳ доштани субот дар наздикии ҷуғрофиё ва соҳаи манфиатҳои геополитикиаш дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар баробари Тоҷикистон дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ низ узви СҲИ буда, Федератсияи Россия нозир мебошад.

Дар канори таҳдидҳои анъанавӣ таҳдидҳои ҷадид арзи вуҷуд кардаанд. Тоҷикистон, ки худ низои дохилиро паси сар кардааст, хуб медонад, ки низоъ ва ҷанг чӣ маъно дорад ва сулҳ чӣ гуна ба даст меояд. Аз ин рӯ, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар мамлакат ва кишварҳои ҳамҷавори он сулҳ пойдор бошад.

Ба онҳо бидуни шак низоъҳои милливу динӣ ва инчунин, низоъҳои мусаллаҳонаро дар қаламрави кишварҳои ИДМ шомил кардан

мумкин аст. Густариши васеи домани ин таҳдидҳо бо истифода аз равишҳои мухталифи мубориза метавонад бесуботиро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Миёна, эҷод кунанд. Бинобар ин, Тоҷикистон наметавонад яке аз ширкаткунандагони раванди бартараф кардани ин низоъҳо ва муқовиматҳо набошад.

Бояд дар назар дошт, ки равандҳои иҷтимоиву сиёсии муосир нишон медиҳад, ки агар гирдоби бӯҳрони дохилии сиёсӣ ва сиёсати хориҷӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна ба гирдоби худ ҳар чӣ бештар кишварҳоро фурӯ барад ва шабаҳи ноором̣ӣ дар фазои баъзе кишварҳои пасошуравӣ торафт бармало шавад, пас саволе ба миён меояд, кӣ чӣ бояд кард? Дар чунин вазъият яке аз воситаҳои асосии берун омадан аз буҳрон татбиқи барномаи васеи иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва башарӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Тоҷикистонро зарур аст, ки барои таҳия ва татбиқи он ташаббус нишон диҳад. Албатта, танҳо бахши гуманитарӣ наметавонад вазъиятро ба маҷрои осоишта баргардонад.

Чун масъалаи терроризм ва ифротагроӣ аз масоили хеле умда ва мубрами ҷаҳони муосир маҳсуб меёбанд, аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бартараф намудани ин вабои аср ва истиқрори сулҳу амният дар тамоми ақсои олам бо кишварҳои зинафъу зирабт ҳамкорӣ менамояд.

Ин иқдомҳои кишвари мо барои ба эътидол овардани вазъияти дохилӣ дар минтақа равона шудааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон имконоти таҳияи барномаи амалҳои муштарак дар СММ, СҲИ, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалиро, ки ба дастгирии кишварҳои Шарқи Наздик, Шарқи Миёна ва шимоли Африқо дар бахши иқтисодӣ, дипломатӣ ва масъалаҳои таъмини амният равона шудаанд, дорад. Мавқеи усулии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масоили мубрами низои Шарқи Наздик, ки дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нишастҳои мухталифи СҲИ баён гардидаанд, нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ аз вазъи буҳронӣ дар Шарқи Наздик сахт нигарон аст. Тоҷикистон ҳамла ба

ҳадафҳои ғайринизомӣ дар минтақаи Фаластинро дар тӯли солҳои зиёд, ки бо марги ҳазорон ғайринизомӣ, аз ҷумла кӯдакону занон, захмӣ шудани шумораи зиёди одамон ва тахриби зербиноҳои ҳаётан муҳим ба бор овардааст, шадидан маҳкум мекунад [6].

Дар ин росто, Тоҷикистон аз тарафҳои даргир дар Шарқи Наздик даъват ба амал меоварад, ки зуровариро бас кунанд ва барои муътадил гардондани вазъият сари мизи гуфтушунид нишинанд. Аз нуқтаи назари Тоҷикистон, таъмини сулҳи одилона, пойдор ва дарозмуддат танҳо бо роҳи ба амал баровардани қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид дар бораи барпо намудани давлати мустақили Фаластин имконпазир аст. Тоҷикистон аз таъсиси давлати Фаластин дар марзи соли 1967 бо пойтахти он дар Байтулмуқаддаси Шарқӣ ҳимоят мекунад ва ин ягона роҳест, ки халқи Фаластин хуқуқҳои миллии худро ҳамчун субъекти мустақили ҷомеаи чахонӣ дар асоси принсипҳои аз тарафи умум эътирофшудаи муносибатҳои байналхалкӣ ба амал баroварда метавонад. Ин гом мутобиқ бо қатъномаи (№ 181) Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 29 ноябри соли 1947 мебошад, ки дар он роҷеъ ба барпо намудани ду давлати мустақил дар хоки Фаластин сухан меравад. Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти вазъи кунунӣ бояд барои иҷрои қатъномаҳои дахлдори Ассамблеяи Генералӣ ва Шурои Амнияти СММ саъю талошҳои худро кунанд. Дар ин замина, таъмини ҳифзи байналмилалии мардуми Фаластин ва дастгирии талошҳо барои азсаргирии раванди муколамаи бисёрҷонибаи сиёсӣ барои ҳалли ин масъала ниҳоят муҳим дониста мешавад [6], [168].

Иқдоми арзишманде, ки дар ин раванд Тоҷикистон пешниҳод мекунад СҲИ бояд дар ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ ва ҷонибҳои манфиатдор барои ҳаллу фасли зудтари муноқиша дар минтақа чораҳои зарурӣ андешанд. Мамлакатҳои аъзои ин созмонро дар марҳалаи ҳозира зарур аст, ки дар асоси нақшаи мақсадноки гуманитарӣ барои расондани кумак ба халқи Фаластин чораҳои амалӣ бинанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар канори дигар давлатҳои мусулмонӣ омодааст ҳар гуна кумаке, ки дар тавонаш бошад ба Фаластин ироа намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои мухталифи СҲИ борҳо дар бораи зарурати таъсиси як хазинаи вижаи рушди сармоягузорӣ барои пуштибонии молӣ ва иҷтимоии кишварҳои узви созмон изҳори назар кардааст. Тоҷикистон чунин мешуморад, ки барои татбиқи ин иқдом кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи узви созмон, ки дорои имконоти бузурги молӣ ва сармоягузорӣ мебошанд, метавонанд нақши муассир дошта бошанд. Илова бар ин, Тоҷикистон аз иқдомҳои сулҳҷӯёна ва ҳалли осоиштаи тамоми мушкилоту мунокишаҳои ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ мекунад. Дар ин замина бори дигар аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус Шурои Амнияти СММ даъват ба амал оварда мешавад, ки мутобиқи уҳдадориҳои қонунӣ ва тартиботи байналмилалӣ дар мавриди таъмин намудани ҳуқуқҳои мардуми Фаластин амал намуда, иҷрои қатъномаҳои дар ин маврид қабул шудаи СММ ва СҲИ – ро таҳти назорати қатъӣ гирад [14, с. 208].

Ба андешаи инҷониб, бо таваҷҷуҳ ба тағйироти куллӣ дар равандҳои сиёсӣ дар рӯйи олам кишвари моро лозим аст, ки дар якҷоягӣ бо кишварҳои дигар эътилоферо ташкил дода, якҷоя баромад намоянд ва дар ҷараёни ин равандҳо нақши худро муассир созад. Ин ба андеша ва афкори мо мавқеи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ бамаротиб боло бурда, ба табдили Тоҷикистон ба кишвари муҳимме дар минтақа таъсир хоҳад гузошт.

Зеро кишвари мо терроризмро барои амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ яке аз хатарноктарин омилҳо медонад. Ин як воқеият аст, ки терроризми байналмилалӣ ҳоло ба тамоми ҷаҳони мутамаддин ва ба тамоми аҳли башар таҳдид мекунад. Тоҷикистон ба унвони кишваре, ки мушкилии ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро пушти сар кардааст, тамоми анвоъ ва ақсоми зуҳуроти терроризмро маҳкум мекунад. Вақте мо ба

равандҳои ҷаҳони муосир нигоҳ мекунем, мебинем, ки ин вабо ва марази қарни охир хеле доман паҳн карда, ақсои оламро фаро гирифтааст ва мушаххас кардани он ки он дар кадоме аз гӯшаи олам сар мезанад, кори хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор дошта бошем ва бар муқобили таҳдидҳои он чораҳо андешем. Як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки ҳанӯз ҳам муҳаққиқони соҳа натавонистанд иллат ва сабабҳои бурузи ин падидаи номатлубро мушаххас кунанд, қаблан чунин фикр мекарданд, ки иллати он фақру нодорӣ мебошад, аммо ширкати ҷавонон дар ин ҳодисаҳо аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ин андешаро ботил намуд ва моро водор мекунад решаҳои ин падидаи номатлубро амиқтар биомӯзем. Дар ҳар сурат он бештар ҷанбаи ғоявӣ дорад ва амали шустушӯи мағзии ҷавонон дар ин масир бештар борвар будааст, то масоили дигар. Тавре Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомали Раҳмон таъкид мекунанд: «Кӯшишҳои беасосу ғаразноки доираҳои муайяни ҷаҳон доир ба муқобилгузории динҳои ҷаҳонӣ, ба хусус даъвоҳои беасосу бардурӯғ нисбати дини моҳиятан инсонпарвари ислом ва кӯшишҳои ғаразноку моҷароҷӯёна дар хусуси бо терроризми байналмилалӣ алоқаманд донистани он бояд аз байн бардошта шаванд. Аъмоли зишти созмонҳои террористию экстремистӣ ва ташкилотҳое, ки ба онҳо кӯмаки молиявӣ мерасонанд, аз ҷумла фондҳое, ки дар баъзе аз кишварҳои исломӣ қароргоҳ доранд ва фаъолият мекунанд, бо дини мубини ислом умумияте надоранд. Онҳо аз арзишҳои ислом бархӯрдор нестанд ва ин дини покро фақат ҳамчун парчами фаъолияти харобкоронаи худ истифода мебаранд» [14, с. 168-169].

Чунин ишораҳои пурмазмун ва бедоркунанда ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷии дуру наздик такони ҷиддӣ бахшид ва СҲИ таҳти рақами 10/27 карори махсус қабул кард, ки мувофиқи ин қарор аз ҳамаи давлатҳо ва ташкилотҳои аъзои СҲИ даъват ба амал омад, ки дар барқарор ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии

Тоҷикистон иштирок намоянд. Дар ин иртибот, Бонки исломӣ супориш гирифт, ки ҳаҷми сармоягузориро барои ҷумҳурии мо зиёд кунад.

Дар мавриди мубориза алайҳи терроризм ва созмонҳои ифротгароии динӣ Тоҷикистон тақрибан дар ҳамаи вохӯриҳои сатҳи гуногун аз тамоми кишварҳои мусулмонӣ даъват ба амал меовард, то ки дар мубориза алайҳи онҳо фаъолона ширкат кунанд, зеро чунин созмону гурӯҳҳо метавонанд зеҳни мусалмононро карахт гардонида, онҳоро аз воқеиятҳо ва аз дастовардҳои ҷаҳони муосир дур нигоҳ доранд. Ин созмон ва гурӯҳҳо бо шиорҳо ва даъватҳои худ аз ҳамаи ҳаракатҳои исломии мавҷудаи муътадил рафтори худро «исломитар» вонамуд сохта, воқеияти муосирро тавре пурдаҳшат муаррифӣ менамоянд, ки ҳар як ғайримусалмон ва хусусан ҳар як ғарбӣ аз он дар даҳшат афтода, дар симои ислом нисбат ба худ ва фарҳанги худ хатареро эҳсос мекунад ва барои мубориза бо ислом зеҳнан ва ҷисман омодагӣ мегирад. Афкору назар ва пешниҳодҳои созандаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди нақшу мақоми СҲИ, агар ба таври маҷмуӣ баррасӣ намоем, онҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: ислоҳоти сохтори созмон ба хотири самаранок намудани фаъолияти он ва таҳкими нақши СҲИ дар арсаи байналмилалӣ; вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои густурдаи давлатҳои аъзои созмон; роҳҳо ва усулҳои ҳаллу фасли масъалаи таъмини некӯаҳволии халқҳои мусулмон.

Дар баробари афзоиши фаъолияти созмонҳои террористӣ, ҳамчунин фаъолнокии СҲИ дар мубориза алайҳи терроризм мушоҳида мешавад. Ҳуҷҷатҳои асосие, ки СҲИ қабул кардааст, эътироф мекунанд, ки терроризм дар тамоми намудҳои зуҳуроташ ислом ва идеалҳои онро бадном мекунад. Қайд кардан муҳим аст, ки СҲИ ва олами ислом ба масоли терроризм фақат имрӯз диққат накардааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки кишварҳои узви созмон нисбат ба ҳамаи кишварҳои дигар зарари ҷисмонӣ ва маънавӣ диданд, зеро динашонро доираҳои муайяни сиёсӣ бо ин падида беадолатона алоқаманд мекунанд.

Аз ин рӯ, ба ин падидаи номатлуб мубориза кардан маънои онро дорад, ки мавқеи дини мубини ислом боз қавитар гардида шаъну эътибори он дар байни ҷомеаи байналмилалӣ ҳифз хоҳад шуд.

Дини ислом мардумро ба некӣ, наҷобат ва дигар сифатҳои волои инсонӣ, рафтори парҳезкорона ва итоат ба қонун даъват мекунад. Бинобар ин, исломро бо зӯроварӣ, экстремизм ва терроризм тавъам донистан дуруст нест. Сарвари Тоҷикистон ташаббуси Шоҳигарии Арабистони Саудиро дар масъалаи таъсиси Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ дасгирӣ карда, пешниҳод кард, ки дар чаҳорчӯби СММ Стратегияи зиддитеррористӣ таҳия шавад.

Бо дарназардошти таҳаввулоти ҷаҳон СҲИ амалҳои ҷавобии худро ҷиҳати муқовимат алайҳи террористон фаъолтар кард. Ҳуҷҷатҳои таҳияшуда барои муборизаи муштарак алайҳи терроризм ва экстремизм ҳамчун платформа хизмат намуд.

Дар ин росто, агар як каме ба ақиб назар андозем мебинем, ки Сарвари давлат ҳанӯз дар иҷлосияи сарони давлатҳои узви СҲИ, ки моҳи ноябри соли 2000 - ум баргузор гардида буд, доир ба ин мавзуъ иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти масъалаҳои «ҷанги сард», низоъҳои минтақавӣ, инчунин хатари паҳн гардидани тамоюли ифротгароӣ, терроризми байналмилалиро дар минтақа мавриди муҳокима қарор дод. Ӯ дар суханронияш қайд намуд, ки «Хатари паҳн гардидани тамоюли ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ дар минтақа мавриди нигаронии махсуси кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ гардида аст. Ин падидаҳо, ки мутаассифона, бештар таҳти шиорҳои исломӣ зуҳур мекунанд, дар асл бо ҳадафҳои волои таълимоти исломи ҳақиқӣ, ки ба сулҳу дӯстӣ, созандагӣ ҳидоят мекунанд, ҳеҷ умумияте надоранд» [16]. Инчунин, Президенти кишвар дар бораи низоъҳои минтақавӣ сухан ронда, таваҷҷуҳи кишварҳои узвро ба қазияи Афғонистон, ки дар маркази диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст ва бо ҳифзу пойдории

амният ва субот дар минтақа, ки ба фаъолияти СҲИ алоқаи бевосита дорад, ҷалб кард. Мавқеи расмии Тоҷикистон доир ба ин масъала чандин бор возеҳу равшан аз минбарҳои баланди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва СҲИ баён гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори хотима додани даргириҳо ва ҳалли низоъ бо роҳи сулҳомез, дар асоси оштии миллӣ, бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои этникӣ ва мазҳабии мардуми Афғонистон мебошад. Ҷониби Тоҷикистон ва бавежа Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон на як бору ду бор, балки чандин маротиба аз минбарҳои баланд масъалаи Афғонистон ва ҳалли онро матраҳ карда буд. Сарвари кишвари мо муътақид бар он аст, ки агар пеши роҳи ин низоъ гирифта нашавад, имкон дорад он тавсеа пайдо карда, кишварҳои ҳамҷавори хешро мисли як оташ ба коми худ фурӯ барад. Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи мазкур нуқтаи бисёр муҳимро баён намуда, кишварҳои узви СҲИ - ро ҳушдор дода буд, ки дар масъалаи пешгирии гурӯҳҳо ва амалҳои террористӣ бетаваҷҷуҳ набошанд. Албатта, ин маслиҳатест бисёр арзишманду муфид. Воқеан, терроризм ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст.

Мутаассифона, баъзе гурӯҳи одамон ин амали номатлуб ва зиштро, ки барои кишварҳои ҷаҳон ҳамеша зиён мерасонад, ба дини мубини ислом нисбат медиҳанд. Ҳол он ки таълимоти исломӣ ин гуна амалҳоро маҳкум намуда, пайравонашро даъват мекунад аз амалҳое, ки натиҷааш бадбахтию саргардонист, дурӣ ҷӯянд, гузашта аз ин, онҳоро ба корҳои ободонию созандагӣ, зиндагии шоиста ва инсондӯстӣ ташвиқ мекунад. Аз ин ҷост, ки суханронии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле муассир ва мавриди қабули ҳамаи сарони кишварҳои аъзои СҲИ гардид [67].

Қатъномаи Боку аз соли 2006 – пешниҳод дар бораи даъват ва ташкили конфронсро таҳти сарпарастии СММ барои муйаян намудани мафҳуми «терроризм» ба мақсад муносиб медонад. Дар ин қатънома омадааст, ки иртиботи ислом бо экстремизм ва зӯроварӣ тасаввуроти

ғалате мебошад, ки бо принсипҳои асосии ислом ҳеҷ робитае надоранд. Дар ин замина аз расонаҳои ҷаҳонӣ даъват ба амал оварда шуд, ки ҳаводиси ҷаҳони исломро ба таври айнӣ (объективӣ) ва бидуни ғараз инъикос намоянд [198]. Тақрибан чунин нуқтаи назар дар рафти саммити 13-уми СҲИ дар Туркия моҳи апрели соли 2016 низ изҳор гардид [163].

Яке аз масъалаҳои ҷиддие, ки ҳайати Тоҷикистон дар вохӯриҳои гуногун ба миён мегузошт, низоъҳои минтақавӣ, хатари паҳн гардидани тамоюли ифротгароӣ, терроризми байналмилалӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид метавон гуфт, ки хатари паҳн гардидани тамоюли ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ дар минтақа мавриди нигаронии махсуси кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ гардидааст. Ин қазияҳо, ки аксаран таҳти шиорҳои исломӣ арзи ҳастӣ мекарданд, дар пай ғаразҳои нопоки худро доштанд. Ифротгароён онро ба ислом иртибот медоданд, аммо воқеият чунин буд, ки онҳо ба ислом ҳеҷ гуна иртиботе надоштанд ва фақат таҳти шиорҳои исломӣ дунболи манофеи худ буданд. Ба қали Фирдавсии бузургвор: «Зиёни касон аз пайи суди хеш, Биҷӯянду дин андароранд пеш».

Дар доираи мулоқоти бисёрҷониба 27-уми ноябри соли 2020 дар шаҳри Ниамеи Ҷумҳурии Нигер ҷаласаи 47-уми Шурои вазирони кишварҳои узви СҲИ зери шиори «Якҷо алайҳи терроризм барои сулҳу рушд» баргузор гардид. Дар кори ин ҷаласа муовини вазири корҳои хориҷии вкти Тоҷикистон Музаффар Ҳусейнзод ширкат ва суханронӣ кард [192].

Дар суханронии худ роҳбари ҳайати Тоҷикистон зарурати таҳкими нақши Созмонро дар ҳалли масоили мубрами кишварҳои исломӣ, аҳаммияти ҳамкорӣ дар мубориза алайҳи терроризм ва хатарҳову таҳдидҳои муосир таъкид дошт. Бо истинод ба ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ аз нақши самараноки кишвар дар таъмини сулҳу субот ва пешбурди маъмуриятҳои (миссия) сулҳҷӯ сухан гуфт. Дар ҷаласаи мазкур масъалаҳои тақвияти раванди

ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳои аъзои СҲИ дар мубориза бо терроризм, муқовимат бо дигар хатарҳову таҳдидҳои замони муосир, роҳҳои ҳалли масоили мубрами кишварҳои мусулмонӣ, падидаи исломбадбинӣ, механизмҳои бартараф кардани он бо мақсади ноил шудан ба рушди устувор баррасӣ шуданд. Ҳамчунин, ширкаткунандагон доир ба зарурати кӯшишҳои муштарак барои пешгирии паҳншавии COVID-19 ва бартараф кардани оқибатҳои он сухан гуфтанд.

Дар фароварди чорабинии мазкур намояндаи Ҷумҳурии Чад Иброҳим Таҳо ба вазифаи Дабири умумии (Котиби генералӣ) СҲИ барои солҳои 2021 -2026 интихоб шуд. Дар ин ҷаласа Эъломияи Ниамей қабул шуд. Ҷаласаи баъдии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СҲИ дар Ҷумҳурии Исломии Покистон баргузор хоҳад шуд. Дар чаҳорчӯби ҷаласаи мазкур муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикисон М. Ҳусейнзода бо вазири корҳои хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Файсал ибни Фарҳан оли Сауд мулоқот кард. Дар рафти ин мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои равобити дуҷониба, роҳҳои рушду тараққии ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ – иқтисодӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Худи ҳамон рӯз, номбурда бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тунис Усмон Ҷерандӣ вохӯрд. Ҷонибҳо масоили равобити дуҷониба байни Тоҷикистон ва Тунисро муҳокима карда, аҳаммияти таҳкими ҳамкориҳоро дар доираи сохторҳои байналмилалӣ қайд карданд. Ҳамчунин, мулоқот бо вазири ҳамкориҳои байналмилалии Аморати Муттаҳидаи Араб Рим ал-Ҳошимӣ доир шуд ва дар он дурнамои рушди ҳамкориҳои дуҷониба, механизмҳои тавсеаи сиёсӣ, тиҷоратӣ–иқтисодӣ, сайёҳӣ ва фарҳангӣ баррасӣ гардиданд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса кард:

– Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ бо кишварҳои олами ислом ҳам дар сатҳи равобити дуҷониба ва ҳам дар доираи СҲИ самаранок ҳамкорӣ мекунад.

Тоҷикистонро лозим меояд дар якҷоягӣ бо дигар кишварҳои исломӣ як иттиҳодияеро ташкил диҳад, ки барои ҳаллу фасли масоил дар кишварҳои ҷаҳони ислом нақши боризро бибозад;

– барои амнияти Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа ҳифзи субот дар манотиқи наздики бевоситаи ҷуғрофӣ ва дар соҳаи манфиатҳои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад;

– Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Конвенсияи мубориза алайҳи терроризм, ки соли 1999 аз ҷониби СҲИ пурра қабул гардида буд, фаъолона ширкат намуд. Ин конвенсия дар фаъолияти СҲИ ҷои махсусро ишғол мекунад ва имрӯз ҳам ҳуҷҷати муҳим ва ҷомеъ дар бахши муборизи бар зидди терроризм мебошад. Пас аз тасдиқи он аз ҷониби шумораи зарурии парламентҳои давлатҳои узви СҲИ, соли 2002 ин конвенсия эътибори ҳатмии ҳуқуқӣ пайдо кард;

–дар доираи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси Шоҳигарии Арабистони Саудиро доир ба ташкили Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ дастгирӣ намуд. Бинобар ин, Эмомали Раҳмон пешниҳод кард, ки дар доираи СҲИ Стратегияи зиддитеррористӣ таҳия карда шавад.

### 3.2. Ҳолат ва дурнамои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар марҳалаи ҳозира

Дар ин зербоб дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои ҳамкорӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ мо дар пеши худ мақсад гузоштем, ки ҳолат ва дурнамои фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории исломиро арзёбӣ кунем. Дар ин росто бояд қайд кард, ки рушди раванди ҳамкориҳои таърихӣ дар ибтидои асри XXI аз шароити босуръат тағйирёбандаи воқеияти атрофи давлат дар бораи зарурати ворид намудани тағйироти муайян ба самти муносибат бо СҲИ гувоҳӣ медиҳанд. Моро лозим меояд дар ин марҳалаи рушду тараққӣ фикру ақоиди коршиносони ҷудогонаро перомуни ҳамкориҳо бо ин созмон бознигарӣ намуда, ба шароити ҷадид мутобиқ намоем. Мусаллам аст, ки ҳеҷ чиз абадӣ нест ва рӯзе бояд тағйир кунад ва дигаргун шавад. Дунё дар такопу аст ва вазъиятҳо тағйир мекунанд, аз ин рӯ моро лозим аст, ки ба тағйирёбӣ ва дигаргуншавии он омода бошем ва аз ҳама муҳим аз тағйирёбӣ ва дигаргунии он наҳаросем ва онро чун як падидаи воқеӣ бипазирем. Ин ба андешаи мо оқилона хоҳад буд. Вақте инсон бипазирад, ки ҳеҷ чиз абадӣ нест ва он дар тағйиру таҳаввул аст, барои ӯ пазируфтани дигаргуниҳо ва тағйиротҳо осонтар хоҳаб буд.

Стратегияи нави рушду нумуи СҲИ иборат аз он аст, ки ҷиҳати тавсеа дар оянда риояи талаботи ду санади муҳим зарур аст: Оинномаи СҲИ ва барномаҳои соҳавии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии оянда, ки бояд мунтазам қабул ва татбиқ карда шаванд.

Дар баробари ин, таҷриба нишон медиҳад, ки рушди дарозмуддати СҲИ бояд дар се самт таъмин карда шавад: фаъолият барои таъмини сулҳу амният дар рӯи замин; ҳифзи ҳуқуқи инсон ва фаъолияти башардӯстона; тараққиёти пай дар пай ва динамикии иқтисодиёт. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки омӯзиши мо

нишон дода, ки дар байни аъзои СҲИ доду ситади иқтисодӣ нисбат ба дигар анвои ҳамкориҳо рушди бешатар дорад.

Аз рӯзи ташкил ёфтани СҲИ беш аз ним аср гузашт. Агар як таснифоти умумӣ оид ба фаъолияти ин созмон бар асоси ҳадафҳо ва усули ҳамгироии давлатҳои узв сурат бигирад, чунин таҳаввулоти таърихӣ ба мушоҳида мерасад: Давраи якуми фаъолият даҳсолаи аввали ташкил ёфтани СҲИ-ро дар бар мегирад. Хусусияти асосии ин давра ташаккули моҳият ва корбурди созмон дар заминаи чунин як идеали бузург – озод кардани Фаластин иборат мебошад. Дар ин муддат СҲИ кӯшиш кард, ки моҳияти хақиқии худро дар асоси принсиипҳо ва вазифаҳои дар Оинномаи СҲИ муайяншуда татбиқ намояд. Ҳамин буд, ки зарурати таҳкими ҳамбастагӣ миёни хукуматҳои кишварҳои узв бар пояи арзишҳои башарӣ таъкид шуда, пойбандӣ ба Оинномаи СММ ва қатъномаи ҳуқуқи башар эълом мегардад. СҲИ дар роҳи сулҳу амнияти ҷаҳон барои густариши ҳамкориҳои мутақобила талош карда, сарони 25 кишвари узви созмон нисбат ба оташ задани Масҷиди Ал-Ақсо эътироз ва нигарониҳои худро баён ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ироа медоранд.

Давраи дуюми фаъолияти ин созмон фосилаи байни конфронси сеюм (1976) ва нишасти Теҳронро (1997) дар бар мегирад. Хусусияти асосии ин давра тавсеа пайдо кардани андешаи парокандагӣ дар байни иштирокчиёни созмон мебошад. Марҳалаи сеюми фаъолияти СҲИ аз нишасти Теҳрон шуруъ шуда, то оғози «баҳори арабӣ» соли 2011 идома пайдо мекунад. Дар ин давра майли давлатҳои исломӣ ба иттиҳоду муттаҳидшавӣ махсусан қайд карда мешавад. Давраи чаҳоруми СҲИ ба рӯйдодҳои сиёсии кишварҳои арабӣ баъд аз соли 2012 иртибот дошта, чун марҳалаи бедории мардумони давлатҳои араб ва вокуниши манфии онҳо ба низомҳои истибдодӣ ёд мешавад. Ин марҳала нишон дод, ки ихтилофҳо дар миёни кишварҳои аъзои СҲИ авҷ гирифтааст ва бояд роҳҳои баромадан аз ин бунбасти сиёсӣ пайдо карда шавад. Ҳамин буд,

ки кӯшиши давлатҳои узв оид ба пайдо кардани роҳҳои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва равобити дипломатӣ аз нав оғоз мегардад.

Нақши СҲИ дар ташаккул ва кору фаъолияти созмонҳои байналмилалии молӣ ва иқтисодӣ, аз қабили Агентии байналмилалии рейтинги исломӣ, Шурои генералии бонкҳои исломӣ, Бонки исломии рушд ва амсоли инҳо тақвият ёфта истодааст. Бавежа солҳои охир пас аз он ки давлатҳои Осиёи Миёна ба узвияти ин созмон, яъне СҲИ пазируфта шуданд, мавқеи он созмон боз ҳам мустаҳкамтар ва қавитар гашт. Бояд қайд кард, ки пас аз он ки ин давлатҳо узвияти ин созмонро дарёфт карданд, мавқеи онҳо хеле пурқувват шуда, онҳо ба тамоми имконоти моливии ин созмон дастрасӣ пайдо карданд. Яъне метавон гуфт, ки узвият ба ин созмони муътабари байналмилалӣ ба ин давлатҳо имконоти ҷадидро фароҳам оварда, мавқеи онҳоро дар арсаи байналмилалӣ тақвият мебахшад.

Дар ин росто, лозим ба ёдоварист, ки СҲИ як мисоли нодири талоши кишварҳои муосир барои муттаҳид шудан ба ягон ҷомеаи миллӣ ё геополитикӣ нест, балки ҳамчун як ҷомеаи муосир аст. Лоиҳаи мазкур аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки имрӯз дар ҷаҳон ягон созмоне, ба ҷуз СҲИ, ба истиснои созмонҳои ифротгаро эътирофшуда кӯшиш намекунад, ки иродаи сиёсии мусулмононро ба таври иҷборӣ ба як субъекти муносибатҳои байналмилалӣ ва тамаддунӣ интиқол диҳанд. Ҳадаф ва принсипҳое, ки СҲИ барои худ гузоштааст, дар моддаи аввали боби аввали Оинномаи созмон баён шудаанд. Дар маҷмуъ, Оинномаи СҲШ 20 ҳадаф ва принсипҳоро дар соҳаҳои гуногун: сиёсат, иқтисод ва фарҳанг муайян мекунад.

Равобити бародарӣ ва ҳамбастагӣ маъмулан дар он низоъҳо зоҳир мешавад, ки аксари ҷаҳони ислом кайҳо боз дар бораи мушкилоти Ҷамму Кашмир, мардуми Роҳинҷа дар Мянма ё Косово мавқеи худро ташаккул додаанд. Маҳз ба далели қазияи Кашмири Покистон аз дархости Ҳинд барои пайвастан ба ин созмон ҷилавгирӣ кард, бо вуҷуди

он ки Ҳинд пас аз Индонезия дуввумин ҷамъияти мусалмононро дар ҷаҳон дорад. Мавзуи Фаластин аз замони таъсиси ин созмон дар соли 1969 дар ҳама конгресси СҲИ матраҳ мешавад. СҲИ пайваста қатъномаҳое нашр мекунад, ки гурӯҳҳои ифротгаро ба мисли Ал-Қоида ё Давлати Исломиро (ин созмон дар Тоҷикистон мамнуъ аст) маҳкум мекунад. Мақсадҳои оиннома тибқи банди 18 мубориза бо терроризмро дар бар мегиранд. Бар зами ин, ҳадафи ин созмон ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқи занон, кӯдакон, ҷавонон ва ашхоси ниёзманди махсус мебошад. Ҳамон тавре мо дар болотар қайд кардем, ин созмон фаъолиятҳои густардаеро анҷом дода, дар баробари ҳуқуқ ва озодиҳои давлатҳо ҳуқуқ ва озодиҳои занон ва кӯдаконро низ ҳифз мекунад ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои кӯлдакону занонро аз авлавиятҳои кору фаъоляити хеш меҳисобад. Ин иқдоми созмонро натанҳо аъзои худи созмон, балки аксарияти кишварҳои узви СММ тарафдорӣ мекунанд.

СҲИ фаъолиятҳоро дар самтҳои гуногун анҷом медиҳад. Мутаассифона, табиати мураккаби ин созмон имкон намедиҳад, ки дар ҳама ҷабҳаҳо якдилӣ ба даст ояд. Бисёре аз масъалаҳое, ки дар ибтидои мавҷудияти ин созмон матраҳ шуда буданд, бо гузашти ним аср ҳал нашудаанд. Аз ҷумла, масъалаи Фаластин то ҳол дар рӯзномаи фаъолияти ин созмон қарор дорад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саддади дигаргуниҳои азим қарор дорад ва тасмим гирифтааст, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои беназирро ба даст биорад. Дар мамлакат стратегияеро татбиқ мекунанд, ки он ба таҳкими сулҳу оштӣ, ризоияти шаҳрвандӣ нигаронида шудааст. Тамоми миллатҳои сокини мамлакат дар сулҳи комил ва рифоҳи саросарӣ ба сар бурда, ба хотири пойдории сулҳу салоҳ ва тофоҳуми комил талошу кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Агар дар мавриди дин ва вазъияти динӣ дар Осиёи Марказӣ суҳбат кунем, қисмати бештари аҳолии минтақа мусулмон буда, пайрави

мазҳаби ҳанафӣ мебошанд. Аммо вазъияти динӣ он қадар якнавохт сода набуда, хеле мураккабу печида аст, чунки пас аз мунҳал шудани Иттиҳоди Шуравӣ пайравони мазоҳиби дигар ба ин минтақа нуфуз пайдо карда, мазоҳиби худро ташвиқу тарғиб намуда, дар байни мусулмонони ҳанафимазҳаб иғвоангезӣ менамоянд, ки боиси вахим ва мураккаб гардидани вазъияти динӣ дар минтақа мегардад. Дар чунин шароити печида пайдо кардани роҳи дурусти рушду тараққӣ дар тамоми арсаҳои динӣ кори саҳлу осон набуд. Аммо хушбахтона роҳбарияти олии вақт тавонистанд дар тамоми масирҳои ҳаёту зиндагии кишвар роҳи дурустро интихоб кунанд ва мо имрӯз натиҷаи онро бо чашми сар дида истодаем. Аммо он замон ламс кардани он масирҳо, пайдо кардани роҳи дуруст, ки моро ба хушбахтӣ ва раҳоӣ аз бадбахтиҳо бибарад, кори хеле сахт ва гоҳан ғайри қобили иҷро буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёнҳои ҷаҳониеро, ки ба тавсеаи муколамаи фарҳангҳо ва адён равона шудааст, комилан тарафдорӣ менамояд. Бинобар ин, ширкати фаъоли кишвар дар фаъолияти СҲИ дар қатори дигар ташкилотҳои калони минтақавӣ ва байналхалқӣ дар марҳалаи муосир ҳоизи аҳаммияти муҳим мегардад. Дар зимн, Тоҷикистон дар ин раванд дар баробари татбиқи сиёсати «дарҳои боз», зимни ҳамкории худ бо Аврупо, Осиё, СҲИ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ тавозунро нигоҳ дошта, ҳамзамон дар тамоми самтҳо сиёсати фаъолтарро пеш мебарад.

Пас аз он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли сиёсӣ ба даст овард, роҳбарони он кӯшиш ба харҷ доданд аз сиёсати дарҳои боз ва сиёсати бисёрсамта истифода намоянд ва бо тамоми кишварҳои чӣ дар Ғарб ва чӣ дар Шарқ мавҷудбуда муносибати дӯстона ва ягона дошта бошад. Зикр кардан ба маврид аст, ки пас аз пароканда шудани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани Истиқлол Тоҷикистон ба як чанд масъала рӯ ба рӯ шуд. Аввалан, ҳудуди хеле кам ва он ҳам кӯҳистонӣ, ки ба якдигар дар чор фасли сол иртибот ва роҳ надоштанд ва боз бештари

иқтисоди аграрӣ, ки онҳо барои марказ ашёи хом мефиристод. Инчунин, сохтори иқтисодии мамлакат чандон пешрафта набуд ва бештари мутахассисонро на аҳолии маҳаллӣ, балки мутахассисоне ташкил медоданд, ки аз дигар ҷамоҳир омада буданд ва вақте онҳо аз кишвар берун рафтанд, тамоми корхонаҳо аз кор боз монданд. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бандарҳои ҷаҳои низ роҳ надорад ва кишваре мебошад мунҳасир ба хушкӣ, ки ин низ интиқоли молу колоро ба кишварҳои дигар мушкил мегардонад. Яъне замоне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли сиёсии худро ба даст овард, бо ин мушкилоти дар боло зикршуда рӯ ба рӯ шуд. Ногуфта намонад, ки пас аз чанде дар авоили истиқлол ба ҷанги шаҳрвандии дохилӣ низ рӯ ба рӯ шуд. Яъне сарфи назар аз он ки Тоҷикистон як гӯшаи на он қадар пешрафтаи Иттиҳоди Шӯравӣ буд, боз ба як идда аз мушкилот рӯ ба рӯ шуд.

Бояд қайд кард, ки мавҷудияти умумиятҳои фарҳангиву динӣ ва этникӣ дар доду ситади Тоҷикистон бо давлатҳои Шарқ мақоми вижаи худро дорад. Вақте Ҷумҳурии Тоҷикистон узвитяи СҲИ-ро дарёфт кард, барои ӯ имконоти наве фароҳам омад, акнун кишвари мо метавонад аз зарфият ва имконоти кишварҳои исломӣ барои сохту сози иқтисоди кишвари хеш истифода намояд ва мо натиҷаҳои ин ҳамкориро дар тамоми самтҳои иқтисоди мамлакатамон мушоҳида мекунем. Гап дар сари он ки рушди яку якбори Ватани азизамон пас аз истиқрори сулҳу оштӣ ба ақди созишномаҳо бо кишварҳои ҷаҳони ислом иртиботи сахту ҷонӣ дорад. Як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки сарфи назар аз он ки Иттиҳоди Шуравӣ бо кишварҳои исломӣ робитаҳои гуногун дошт, аммо ин робита ва доду ситадҳо камтар ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва бавежа кишвари мо Тоҷикистони соҳибистиқлол таъсиргузор буд. Тамоми пешрафт ва рушди муносибатҳо ба замони истиқлол рост меоянд, вақте кишвари мо мустақиман бо кишварҳои ҷаҳони ислом ва бавежа СҲИ робитаҳоро барқарор кард, оғоз шуданд.

Аз он айём ҳамкории Тоҷикистон бо СҲИ тавсеа ёфта истодааст. Ишғоли курсии раисӣ дар созмони асосии сиёсии СҲИ – Шурои вазирони корҳои хориҷӣ воқеаи муҳимест дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Дар ҷаласаи 37-ум, яъне аз соли 2010 то соли 2011 Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси СҲИ шуд ва баъдан курсии раисиро ба Қазоқистон супорид. Дар ин иртибот расонаҳои ҷаҳонӣ дар саҳифаҳои худ навиштанд, ки Тоҷикистон рӯзи 12-уми июли соли 2011 курсии раисиро дар СҲИ ба Қазоқистон таҳвил дод [160].

Дар суханронии худ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Сироҷиддин Аслов ба ҳайатҳои давлатҳои узви СҲИ барои ҳамкорӣ ва дастгирии кишвари мо дар гурӯҳи СҲИ изҳори миннатдорӣ карда, ба раисии Қазоқистон дар СҲИ муваффақият орзу намуд.

Чунон ки дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия қайд шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият дар миёни давлатҳои пасошуравӣ яке аз нахустинҳо шуда ба СҲИ пайваст, яъне узвияти ин созмонро дарёфт кард. Тоҷикистон дуюмин кишвари Осиёи Марказӣ мебошад, ки намояндагии доимии худро дар сатҳи сафир дар назди СҲИ дар Ҷидда ифтитоҳ намуд.

Дар мавриди раисии Тоҷикистон дар СҲИ лозим аст, ки тавзеҳот дода шавад. Дар низоми созмон ду сатҳи раисӣ вуҷуд дорад: сарони давлатҳо ва вазирони корҳои хориҷии муассисаҳои СҲИ. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи роҳбарони вазоратҳои хориҷии муассисаҳои СҲИ раисӣ карда буд.

Тоҷикистон бо ду далел мувазаф гардидааст, ки то соли 2010 раёсати СҲИ-ро ба уҳдаи хеш бигирад: якум, муттаҳид намудани тамоми кшварҳои исломӣ дар замоне, ки дар ҷаҳон равандҳои хеле мураккаб рафта истодаанд ва ин ҳаводис муттаҳид шудани тамоми кишварҳои исломиро эҷоб мекунад; дуввум, кишвар ин ҳақиқатро дарк намуд, ки метавонад ба амалӣ намудани аҳдоф ва вазифаҳои тулонӣ СҲШ -

пешбурди навсозӣ дар ҷаҳони ислом мувофиқи арзишҳои умумибашарӣ, ки асоси он сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва шаъну шарафи инсонӣ мебошад, ба армуғон биорад.

Ин созмон аз якчанд ҷиҳат барои Тоҷикистон муҳим ва муфид арзёбӣ мешавад. Қабл аз ҳама тавассути имконоти ин созмон Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле аз корҳои худро дар ҷаҳони ислом пеш мебарад ва пеш бурда истодааст. Ҳамзамон, кишвари моро кишварҳои узви СҲИ дар арсаҳои гуногун дастгирӣ мекунанд. Доштани дӯстон ва тарфдорони зиёд дар рӯйи олам барои ҳаллу фасли бисёре аз масоил кумак мекунад. Ва зимни бисёр аз пешниҳодҳо дар арсаҳои байналмилалӣ мутмаинем, ки пешниҳодоти кишвари мо дастгирӣ меёбад.

Баррасиҳои мо нишон дод, ки дар вазифаи роҳбарии СҲИ Тоҷикистон уҳдадориҳои зеринро гирифт: мусоидат кардан ба ҳамгироии амиқ ва ҳамкории кишварҳои узви созмон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ; мусоидат кардан ба афзоиши рушди тиҷоратӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-башарӣ байни давлатҳои СҲИ; мусоидат кардан ба баргузории мусобиқоти варзишӣ ва намоишгоҳи дастовардҳои фарҳангӣ, инчунин ташкили форумҳои динӣ ва ходимони фарҳанг; мусоидат кардан ба дастрасии таҳсилот; татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ; мусоидат кардан ба табодули кадрҳо дар бахши иқтисодӣ; мусоидат кардан ба муттаҳидсозии меъёрҳои танзими муносибатҳои асъорӣ, суғуртавӣ, бонкӣ, молиявӣ ва стандартикунонии молҳо ва хизматрасониҳо.

Дар айни ҳол, Тоҷикистон ба ҳалли як чанд масъалаҳо диққати махсус медиҳад. Минҷумла, мушаххас кардан ва ҷилавгирӣ аз низоъҳо, ҳалли осоиштаи онҳо дар манотиқе, ки дар қаламрави нуфузи созмон қарор дорад, истифодаи самараноки имконоти кишварҳои узв дар ҳаллу фасли ихтилофҳо, ҷустуҷӯйи роҳҳо бобати беҳтар кардани вазъият дар Афғонистон, расондани кумаку ёрии зарурии башарӣ ба мамлакатҳои ақибмонда аз назари иқтисодӣ, андешидани чораҳои зарурӣ барои рушди фаъолиятҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва амсоли инҳо.

Дар давраи раёсати Тоҷикистон дар СҲИ чорабиниҳои зиёде доир гардид. Аз ҷумла, аз 7 то 9-уми июни соли 2011 дар Остона форуми VII иқтисодии ҷаҳони ислом –мулоқоти сатҳи олии асосии иқтисодии ҳарсолаи давлатҳои аъзои СҲИ ё ба истилоҳ «Давоси исломӣ» бахшида ба мавзуи «Тавсеаи глобалии иқтисодӣ: робита, рақобат, ҳамкорӣ» баргузор гардид; 28-30 – юми июни соли 2011 дар шаҳри Алма-ато мулоқоти 2-юми Гурӯҳи машваратӣ барои таҳияи Стратегияи об доир шуд; 18 сентябри ҳамон сол дар шаҳри Остона конфронси илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Нақши ислом дар кишварҳои ИДМ» доир мегардад; аз 29 - уми сентябр то 2 октябри соли 2011 дар шаҳри Остона ҷаласаи 3-юми вазирони тандурустии кишварҳои узви СҲИ баргузор гардид [160].

Дар маҷмуъ, тибқи тарҳи Тоҷикистон, СҲИ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад яке аз манбаъҳои асосӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории калон шавад. Барои ин лозим аст, ки қонунгузориҳои миллӣ як каме такмил шуда, аносирии амалиёти бонкии исломӣ, ки метавонанд шароити мусоид барои ҷалби инвеститсияҳо фароҳам орад, мутобиқ гардонда шавад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо Бонки исломии рушд, балки инвеститсияҳои мустақими давлатҳои узви СҲИ ва сармояи хусусӣ низ ворид карда шаванд.

Ин мавзуъ муҳтавои суханронии барномавии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар назди роҳбарони вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳои аъзои СҲИ дар соли 2010 ташкил дод. Вобаста ба ин суханронӣ эъломияи махсус қабул шуд, ки муҳимтарин ҳуҷҷати стратегӣ эътироф гардид [168].

Дар курсии роҳбари ШВКХ Тоҷикистон уҳдадориҳоро оид ба амиқ кардани ҳамкории кишварҳои узви СҲШ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, мустаҳкам кардани робитаҳо бо дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, васеъ кардани рушди тиҷоратию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ дар давлатҳои аъзои иттиҳод пазируфт. Маҳз дар ҳамин давра ибтикороти Тоҷикистон дар бахши мубориза ба муқобили тавлид ва гардиши

ғайриқонунии маводи мухаддири Афғонистон пазируфта шуда, ҳамкориҳои минтақавӣ барои эҳёи баҳри Арал оғоз меёбанд. Афзун бар ин, маҳз дар ҳамин доврa кӯшиши гузариш аз минбари машваратӣ ба ҳамкории мутақобилан судманди калонмиқёс, роҳи нави тавсеа ва навсозии СҲИ ба назар мерасад.

Тибқи арзёбии таҳлилгарон дар ибтидои асри XXI он ҷое, ки кишварҳои узви СҲИ қарор дорад, минтақаи ноором ва ноустувор маҳсуб меёбад. Дар ин минтақа якчанд низоъҳое мавҷуданд, ки имкон дорад, ба даргириҳои васеъ табдил ёбад, аз ҷумла: низои арабҳо бо исроилиҳо; фаъолноктаршавии созмонҳои террористӣ, нооромии Ироқ ва афзоиши тундгароӣ (радикализм); низои эҳтимолӣ дар атрофи барномаи ҳастаии Эрон; муқовимат миёни Эрон ва як идда аз давлатҳои арабӣ; тақвияти мазҳаби шиа дар олами ислом ва афзоиши муқовимат бо сунниҳо; васеъ шудани ноороми дар минтақаи Афғонистону Покистон; низоъҳои эҳтимолӣ дар Синстзян ва Кашмир; муқовимати Ҳиндустону Покистон; сар задани ноороми̣ҳо дар дохили як чанд давлатҳо (Сомалӣ, Лубнон, Тунис, Алҷазоир, Яман, Бангладеш ва ғ.) [69].

«Дар чунин вазъияти фавқулодда ва мураккаб Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раиси амалкунандаи СҲИ саҳми имконпазири худро дар таҳкими сулҳ ва амнияти умумӣ гузошт. Дар ин замина тавре ки болотар зикр гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистони бо такя ба обрӯи худ ташаббуси Қазоқистонро (илова ба қатъномаи № 23/36) дар мавриди эътирофи шартномаи Семипалатинск доир ба таъсиси минтақаи бидуни ҳастаӣ ва барқарор кардани минтақаи бидуни ҳастаиро дар Осиёи Марказӣ дастгирӣ кард» [77, с. 99].

Дар поёни соли 2011 дар шаҳри Ню-Йорк мулоқоту нишасти ҳарсолаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмон доир гардида, дар он вазъияти Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Вазъи ҷаҳон феълан бисёр печида буда, имкон дорад, дар ҳар лаҳза тағйир биёбад. Ҷаҳон ба марҳалаи нави инкишофи

хурд ворид шудааст ва абарқудратҳо ба тақсими нави ҷаҳон оғоз кардаанд. Ва моро лозим аст, ки дар чунин шароити ҳассос хеле мухтот ва эҳтиёткор бошем.

Масирҳои таъйиншудаи дипломатияи тоҷик ба ҷараёни рушди ҷаҳонӣ саривақт мувофиқат мекунад, чунки Осиё, аз ҷумла Шарқи мусулмонӣ ва минтақаи зисти олами ислом дар ҳоли ҳозир ба як қисми босуръат рушдёбандаи робитаҳои ҷаҳонӣ табдил ёфта, иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар сохторҳои байнидавлатӣ ба ташаккули кишвар ҳамчун субъекти комилҳуқуқ ва муҳим дар ҷаҳон мусоидат менамояд.

Натиҷаи муҳимми ширкати Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ қабули «Барномаи амали СҲИ доир ба ҳамкорӣ бо Осиёи Марказӣ» ба ҳисоб меравад.

«Дар рафти иҷлосияи 27-уми СҲИ Кумитаии доимӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, ки моҳи октябри соли 2011 дар Истамбул баргузор мегардад, ташкил меёбад. Маҷлиси 1–уми ин Кумита раванди тадбиқи барномаи амали СҲИ бобати ҳамкориҳо бо Осиёи Марказӣ дида баромада, оид ба ин масъала як чанд чорабинии мушаххас пешниҳод менамояд» [49, с. 173]. «Дар байни дигар чорабиниҳои пураҳаммият ҷаласаҳои зеринро номбар кардан мумкин аст: ҷаласа дар формати СҲИ – ИМА, мулоқоти ҳамоҳангсозӣ миёни вазирони корҳои хориҷӣ дар чорчӯби Маҷмаи умумии СММ, форуми 7-уми иқтисоди исломии ҷаҳонӣ, конфронси 3-юми вазирони тандурустӣ, конфронси 4-уми вазирони муҳити зист, конфронси вазирони СҲИ доир ба захираҳои об» [49, с. 175]. Дар ин чорабиниҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзида, бо ибтикороти ҷадид баромад мекунад.

Ба шарофати ин нақша маҷмуи чорабиниҳои мушаххас нисбат ба ҷумҳуриҳои минтақа ба вуҷуд омад.

Дар тамоми ҷаласаҳои СҲИ, ки Тоҷикистон дар он иштирок дорад, кишварҳои узви созмон пайваста ташаббусҳои байналмилалии

Тоҷикистонро дар соҳаи мубориза бо терроризми байналмилалӣ, хатари маводи мухаддир ва ҳалли низои Афғонистон дастгирӣ мекунанд. Ба маврид аст ёдрас шавем, ки пеш аз ҳама ба ин обрӯи баланди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар миёни аъзои СҲИ ба андозаи зиёд мусоидат мекунад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ имкон медиҳад, ки ба муносибатҳои ин ду субъект дар оянда некбин бошем. Аз ҷумла, барои равшан кардани муҳимтарин масоили ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ ва мушаххас кардани пешомадҳои ин ҳамкориҳо силсилаи баромадҳои вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои гуногун дар ҷаласаҳои гуногуни ин созмон аҳаммияти хос доранд.

Афзун бар ин, ба ҷаласаи Шурои вазирони корҳои хориҷии узви СҲИ дар мавзуи «Омӯзиши самтҳои ҳамкорӣ дар чорчӯби СҲИ», ки рӯзҳои 18–19 июни соли 2014 дар шаҳри Ҷиддаи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баргузор гардида буд, метавон ишора намуд [196]. Дар он роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ С. Аслов дар суханронии худ мавқеи Тоҷикистонро дар ҳоли ҳозир ва оянда оид ба масъалаҳои муҳимми олами ислом, аз ҷумла қазияи Фаластин, тафовути назарҳо дар доираи як дин, дастгирии пешниҳодҳо дар мавриди ташкили Марказ барои гуфтугӯ байни мактабҳои исломӣ, дастгирии қатъномаи Созмон дар бахши башарӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ, ҷалби таваҷҷуҳи бештар ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиро муайян кард.

Дар ин ҷаласа масъалаи қазияи Фаластин ва сарзаминҳои ишғолии он мавзуи марказии СҲИ буд. Дар ин иртибот С. Аслов қайд кард, ки «Мо халқи бародар ва давлати Фаластинро барои мақоми шоиста пайдо кардан дар ҷомеаи миллатҳо ба ҳайси узви комилҳуқуқ ҷонибдорӣ мекунем. Мо ҳамчунон созишномаро дар масъалаи созиш миёни гурӯҳҳои фаластинӣ шодбош гуфта, муваффақияту рифоҳ ва

ваҳдати миллиро барои мардуми Фаластин таманно мекунем. Ба ғайр аз ин, мо чунин мешуморем, ки музокирот бо давлати Исроил бевосита ва ё дар чорчӯби форумҳои байналмилалӣ ягона қарори дурусту боадолати ҳалли қазияи Фаластин мебошад» [196]. Дар фарҷоми суханронии худ вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои муҳимми ҳамкорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ оид ба истифодаи самараноки об ва тавлиди барқ ишора кард. Гузашта аз он, таъкид ба амал меояд, ки аз истифодаи самараноки захираҳои об дар Тоҷикистон набояд кишварҳои поёноб зарар бинанд.

Ҳамчунин, 19-уми июни соли 2014 мулоқоти вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо Директори генералии СҲИ Иёд Амин Маданӣ ва Президенти Бонки рушди исломӣ Аҳмад Муҳаммад Алӣ баргузор шуд. Дар рафти мулоқот табодули афкор бобати дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки рушди исломӣ сурат гирифт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории васеъ ва гуногунҷабҳаро бо кишварҳои узви СҲИ ва мақомоти махсусгардонидашудаи он бо дарназардошти манофеи миллӣ дар чорчӯби созмони мазкур татбиқ мекунад. Парламенти кишвар 8 апрели соли 2009 Оинномаи нави созмони мазкурро ба тасвиб расонд, ҳамкории зичро бо чунин сохторҳои Созмон аз қабили БИР, ИСЕСКО, ПССИ ва ғ. ба роҳ монд. Нахустин бор дар таърихи навини Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ яке аз боаҳаммияттарин чорабиниҳои байналмилалии СҲИ - иҷлосияи 37–уми ШВКХ–и аъзои созмони мазкур дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Моҳи майи соли 2010 курсии раисӣ дар Созмон барои як сол ба Тоҷикистон таҳвил гардид. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҷараёни машварати сарони ВКХ беш аз 100 ҳайат аз кишварҳои гуногун ширкат карданд. Дар кулл, дар маъракаи муҳимми зикршуда болиғ бар 700 нафар одам аз созмону ташкилоти давлатҳои узв ширкат варзида, масоили гуногуни доғи рӯзро ба риштаи ғавру баррасӣ кашиданд [182].

Аз рӯи масъалаҳои муҳим қарорҳои дахлдор қабул шуданд. Муҳосибаҳои мо дар ин замина нишон медиҳад, ки зимни фаъолият дар симати раисии СҲИ бо ташаббуси Тоҷикистон се қатънома баррасӣ ва қабул шудааст. Минҷумла: 1) Истифодаи захираҳо ва имконоти транзитии кишварҳои ҳамсоя, эҳёи иқтисоди Афғонистон бо кумаки кишварҳои аъзои СҲИ (дар бахши масоили иқтисодӣ). 2) Истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об дар олами ислом, табодули таҷоруб ва иттилоот дар бахши мазкур (дар бахши масоили маълумоти олӣ, илмӣ – технологӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, тандурустӣ ва муҳити зист). 3) Осиёи Марказӣ ва олами ислом, дидгоҳи умумии стратегӣ. Метавон гуфт, ки дар ибтидои асри XXI СҲИ ягона созмонест, ки дар асоси консепсияи конфессионалӣ ташкил ёфтааст. Дар он конфессия ягона муштаракоти умумӣ ва манбаи асосии ҳувият ва ҳамгироӣ ба ҳисоб меравад. Бо доштани чунин имкониятҳо СҲИ созмони минтақавӣ (аъзои он аз чаҳор қитъаи олам мебошанд) аст, на созмони универсалӣ, зеро узвият дар он танҳо ба давлатҳое пешниҳод мешавад, ки сокинонаш асосан пайрави дини исломанд.

Ҳамон тавре, ки аз таҳлилу баррасиҳои дар диссертатсия анҷомёфта маълум мегардад, органи олии СҲИ Конференсияи сардорони давлатҳо ва ҳукуматҳо мебошад. Дар се сол як маротиба ё дар мавриди зарурат барои баррасии мушкилоти муҳимтарини давлатҳои узви созмон ва ҳамоҳангсозии сиёсати онҳо даъват карда мешавад. Агар ба таърихчаи фаъолияти созмон нигоҳ кунем, мебинем, ки то имрӯз чандин нишасту конфронсҳо доир карда шуданд: солҳои 1969 дар Работ, 1974 дар Лоҳур, 1981 дар Макка ва Тоиф, 1984 дар Касабланка, 1987 дар Кувайт, 1991 дар Дакар, 1994 дар Касабланка, 1997 дар Теҳрон, соли 2000 дар Давҳа Куала-Лумпур. Моҳи декабри соли 2005 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи фавқулодаи СҲИ дар Макка иштирок дошт. Ҷаласаи 11-уми СҲИ 13–14 марти соли 2008 дар Сенегал баргузор шуд. Дар шаш нишасти ахири он то соли 2022 ҳайати Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат дошт.

Ниҳоди асосии роҳбарикунандаи СҲИ Конференсияи вазирони корҳои хориҷӣ мебошад, ки соле як маротиба даъват карда мешавад (аз соли 1970 то 2022 бар илова аз конференсияҳои навбатӣ ва 16 конфронси фавқулода ва 7 ҷаласаи изтирории вазирони корҳои хориҷӣ баргузор гардид). Дар маҷлиси Шурои вазирон барои расондани ёрии иқтисодӣ ба Тоҷикистон зимни иттихози қарори рақами 27/31-Е қабул карда шуд. Иҷлосияи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар моҳи майи соли 2010 дар Душанбе баргузор гардид. Мақомоти иҷроияи СҲИ Котиботи генералӣ маҳсуб меёбад. Котиботи мазкур шомили як идда шуъбаҳо мебошанд, аз қабили иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илм ва техника, корҳои Осиё, Африқо, корҳои байналмилалӣ, иттилоот, ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳои динӣ, корҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва монанди инҳо.

Дар доираи СҲИ зиёда аз 100 бонк ва муассисаҳои молиявию қарзӣ фаъолият мекунанд. Бузургтарин муассисаи молиявии созмон Бонки исломии рушд маҳсуб меёбад. Дар созмон ба ҳамкориҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи аз ҳад калон зоҳир карда мешавад. Чун дар созмон ба ин масъала таваҷҷуҳи калон  зоҳир карда мешавад, аз ин рӯ соли 1991 дар моҳи ноябр дар назди созмон Кумитаи доимамалкунандаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ таъсис дода шуд. Дар доираи ин Кумита стратегияи нави нақшаи чорабиниҳо оид ба таҳкими ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои узв бо дарназардошти тағйироти ҷорӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Кумитаи доимӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ соле як маротиба даъват карда мешавад (аз соли 1970 то 2008 35 конференсияи навбатӣ ва 10 конфронси фавқулода ва 4 ҷаласаи изтирории вазирони корҳои хориҷӣ баргузор гардид).

Пардохти хақи аъзогӣ мувофиқи чадвали муқарраршуда муайян карда пешбинӣ шудааст. Дар иҷлосияи 21-уми Шурои директорони

Бонки исломии рушд, ки 25–26 ноябри соли 1996 дар Конакри (Гвинея) баргузор гардид, дар он қарор қабул карда шуд, ки Тоҷикистон ва Қирғизистон ба узвияти доимии он пазируфта хоҳанд шуд ва онро Бонки миллии Тоҷикистон дар навабти худ ба тасвиб расонид. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки исломии рушд, пеш аз ҳама, дар соҳаи маблағгузории лоиҳаҳои бахши давлатӣ, ки барои кишвар афзалияти баланд доранд, бомуваффақият ҳамкорӣ мекунад. Ҳамзамон, дар доираи СҲИ Бунёди мубориза бо камбизоатӣ амал мекунад, ки ҳадафҳои мушаххас дорад: паст кардани сатҳи камбизоатӣ; мубориза ба муқобили бесаводӣ; мубориза бар зидди вараҷа, сил ва СПИД; мустаҳкам намудани иқтидори инсонии мамлакатҳои дар ҳоли рушди узви созмон.

Бояд гуфт, ки ҳамаи ин қатъномаҳо идеяи таъмини ҳамкориҳои баробарҳуқуқ байни ташкилотҳои пешқадами байналхалқии сатҳи гуногунро равшан дастгирӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, СҲИ ду санади ҳаётан муҳим, аз қабили «Дар бораи ҳамкории СҲИ ва Созмони Милали Муттаҳид» ва «Дар бораи ҳамкории СҲИ ва ЭКОСОС»-ро қабул кард. Бо дарназардошти аҳаммияти ин ҳуҷҷатҳо аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ ҳар сол қатънома «Дар бораи ҳамкории СҲИ ва Созмони Милали Муттаҳид» барои татбиқи он қабул карда мешавад.

Созмони исломии маориф, илм ва фарҳанг (ISESCO) бо қарори 10-умин Шурои вазирони корҳои хориҷӣ, ки соли 1981 дар Макка баргузор шуд, таъсис меёбад. Мақсади асososии он таҳкими ҳамкориҳои кишварҳои узв дар соҳаи маориф, илм ва маданият, рушди робитаҳо дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг; дар доираи арзишҳо ва идеалҳои замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар нишасти 21-уми вузарои умури хориҷаи кишварҳои узви СҲИ (25 апрели 1993 дар Исломобод) Ҷумҳурии Тоҷикистон Оинномаи ISESCO-ро ба имзо расонида, ба ин васила пайвастани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ин созмон таъмин мегардад. Дар иҷлосияи 17-ум Кумитаи иҷроияи ISESCO (декабри 1996), намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Кумитаи иҷроияи ISESCO интихоб шуд.

Иттиҳодияи парламентии мамлакатҳои аъзои СҲИ бо назардошти нақши афзояндаи СҲИ ва кишварҳои узви ин созмон дар низоми муносибатҳои муосири иқтисодӣ ва байналмилалӣ саҳми босазо дорад. Иттиҳоди парламентии кишварҳои узви СҲИ соли 1999 таъсис ёфтааст. Қароргоҳи он дар Теҳрон ҷойгир аст. Аъзои иттиҳодияи парламентӣ 47 мамлакати узви СҲИ мебошанд. Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 13 соли ахир бо СҲИ ҳамкориҳои судманд дошт ва дар ҳафт иҷлосияи Шурои байнипарлумонии ин созмон дар сатҳи баланд фаъолона ширкат варзида, фикру мулоҳизаҳои худро баён кардааст. Таҷлили «Душанбе - пойтахти фарҳанги исломӣ - 2010» дар ҳолест, ки иҷлосияи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои СҲИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешавад. Дар таърихи Созмон ин маротибаи аввалин буд, ки чунин як чорабинии муҳимми ин созмон дар Осиёи Марказӣ ва барои давлатҳои ин минтақа доир мегардад.

СҲИ дуюмин созмони калонтарини ҷаҳон баъди СММ буда, дар соли 1975 мақоми нозирро дар ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пайдо кардааст. СҲИ дар минтақаи бузурги ҷуғрофие ҷойгир шудааст, ки дар сиёсати байналмилалӣ аҳаммияти калони стратегӣ дорад. Як ҷузъиёти ҷолиб дар ин замина он аст, ки дар СҲИ муқаррарот дар бораи «хориҷ» кардани ягон давлати узв вуҷуд надорад. Дар Оинномаи он танҳо муқаррарот дар мавриди «таваққуф кардани узвият» ва «муваққатан маҳрум шудан аз узвият» мавҷуд мебошад. Тавре маълум аст, фаъолияти якчанд давлати узви СҲИ аз замони таъсиси он то имрӯз муваққатан мутаваққиф гардида буд: соли 1974 Сиерра – Леоне, соли 1980 Буркина-Фасо ва Судан, соли 2012 Сурия СҲИ дар масъалаи Фаластин бо дарназардошти афкори ҳукмрон, ки дар даврони ҷанги сард, яъне замони таъсис ёфтани созмони мазкур афзалият дошт, мавқеи сиёсиро ишғол мекунад. Дар моддаи VI (5) Оинномаи он зикр шудааст, ки то замони озод шудани Байтулмуқаддас дафтари марказии СҲИ дар Ҷидда (Арабистони Саудӣ) боқӣ мемонад.

Ҷанбаҳои муҳимми низоми равобити байналмиалӣ кор дар ниҳодҳои байниҳукуматӣ маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, чунин навъи фаъолият манобеи зеҳнӣ ва моддиро таҳким мебахшад.

Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳои пасошуравӣ буд, ки ба СҲИ шомил гардид. Пӯшида нест, ки мухолифони вориди ин созмон шудани Тоҷикистон низ вуҷуд доштанд, ки фикр мекарданд Тоҷикистон бо шомил шудан ба ин созмон худро дар муқобили дигар кишварҳо, бахусус Русия ва Ғарб қарор хоҳад дод.

Тоҷикистон дар чорчӯби СҲИ бо кулли аъзои ин созмон ба хотири ҳадафҳои аслӣ, ба мисли таҳкими ҳамкориҳои миёни кишварҳои узв, маҳви тамоми намуди табъиз ва ҳусни тафоҳуми кишварҳои узв ва дигар кишварҳо ҳамкорӣ мекунад.

Барои Тоҷикистон, ки давлати тозабунёди ҷаҳони муосир аст, барои татбиқи манофеи минтақавии худ иштирок дар ҳайати ташкилоти бисёрҳайата афзалияти бисёр дорад. То ҷое мо иттилоъ дорем вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам буғранҷ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, ин масоил ва масоили дигар муносибатҳои танготангро бо кишварҳои узв иҷоб мекунад. Дар баробари ин низоми ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин чида шудааст, ки дар он меҳнату истеҳсолот дар байни ташкилоту созмонҳо ва давлатҳо тақсимбандӣ карда шудааст. Пас, ин вазъият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ӯ зимни пиёда намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии хеш захоири иловагиро ҷалб намояд, ки дар маҷмуъ дар амри пиёда намудани мақосид умдаи мамлакат кумаки асосӣ расонида мешавад. Ҳамчунин, ширкат дар созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқи ташаббусҳои дохилӣ, минтақавӣ ва глобалӣ низ кумаки назаррас расонида метавонад [2].

Ин ҷо бояд роҷеъ ба заҳматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шавем, ки дар кулл ба кору пайкори ин созмон неруи тоза бахшидааст. Пешвои миллат зимни суханрониҳои худ аз минбари баланди СҲИ таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба

масъалаи тақвияти нақш ва ҷойгоҳи ин созмон дар ҳалли масоили мубрами ҷаҳони ислом ҷалб кардааст.

Динамикаи хос дар равобити миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ тайи солҳои 1994, 1997, 2000, 2005, 2008, 2015, 2019 ва 2020 мушоҳида шудааст. Дар ин солҳо ҳуҷҷатҳои зиёде дар робита ба ҳамкорӣ бо СҲИ имзо шуд ва таҳаққуқи онҳо дар соҳаи тиҷорат ва иқтисод, маориф, илм ва энергетика саҳифаи навро дар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бештаре аз кишварҳои узви ин созмон боз кард. Амалкарди ин Барнома соли 2025 ба итмом мерасад. Ин тақозо менамояд, ки ҷиҳати  баҳрабардории хуб аз он саъю талоши қобили назар сурат бигирад.

Рӯзҳои 22–23 марти соли 2022 дар шаҳри Исломободи Покистон иҷлосияи 48-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ (СҲИ) баргузор гардид, ки мавзуи Конфронси вазирон «Шарикӣ барои ваҳдат, адолат ва инкишоф» [173] ном дошт.

Шурои вазирон дар пасманзари имконот ва чолишҳое, ки ҷаҳони муосир дар бахшҳои сиёсӣ, амниятӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯбарӯ ҳастанд, аҳаммияти хосса касб мекунад. Ин мулоқоту нишаст боис шуд, ки дар он як қатор масъалаҳои ҳамкорӣ ва сулҳу амният мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Дар он зиёда аз 100 қатънома қабул карда шуд, ки Тоҷикистон дар тасмимгириҳои он саҳми фаъол дошт.

Доир ба масъалаи исломбадбинӣ (исломофобия) СҲИ қатъномаи муҳимми СММ-ро, ки тибқи он 15 марти соли 2022 Рӯзи байналмилалии мубориза бо исломофобия эълон кардааст, дастгирӣ мекунад. Пас аз фоҷеаи 11 сентябри соли 2001 тасаввури бардурӯғ пайдо шуд, ки мусулмонон террорист ҳастанд. Дар ин росто бояд гуфт, ки бисёр аз таҳлилгарони масоили сиёсӣ бар ин андеша мебошанд, ки мутаассифона, СҲИ барои рафъи ин ривояти нодуруст кори камтар анҷом додааст. Таҳлилҳои мо низ дар ин замина ин андешаро таъкид мекунад.

Яке аз ғояҳои СҲИ ҳифзи арзишҳои амният ва инсонӣ аст, ки дар ин росто масъалаи Афғонистон ва Украина ҷои муҳимро ишғол мекунад.

Дар ин марҳала аз эҳтмол дур нест, ки «ҷанги сард» – и нав оғоз бигардад ва ҷаҳон ба блокҳо тақсим шавад. Дар чунин ҳолат СҲИ бояд мавқеи ягонаро дошта бошад.

СҲИ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меовард, ки дар мавриди ҳалли масъалаи Афғонистон бояд мавқеи усулӣ дошта бошанд. Дар бораи ҷанги идомадошта дар Украина СҲИ изҳор медорад, ки ин созмон омода аст барои оташбас ва поёни низоъ дар Афғонистон ва Украина нақши миёнаравиро иҷро кунад, зеро ин муноқиша агар идома ёбад, он барои тамоми ҷаҳон оқибатҳои манфиро ба вуҷуд меоварад.

Иштироки аввалини Чин дар ҷаласаи вазирони СҲИ яке аз рӯйдоди муҳим дар таърихи навини ин созмон мебошад. Ван Йи, мушовири давлати Чин дар иҷлосияи 48-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ иштирок карда, суханронӣ кард. Аз назари Чин мавзуи ин ҷаласаи Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ «Шарикӣ барои ваҳдат, адолат ва рушд» мебошад ва ин дар вазъияти кунунии байналмилалӣ аҳаммияти хос дорад. Чаҳор калимаи калидӣ ҳадафҳои иштироки Чин дар нишаст ва тавофуқи байни Чин ва дӯстони онро дар СҲИ дақиқ инъикос мекунанд: шарикӣ, якдилӣ, адолат ва рушд.

Тавре ки изҳор шуд, Чин дар ин ҷо барои «шарикӣ» аст. Чин ва ҷаҳони ислом робитаҳои амиқи таърихӣ доранд, барои арзишҳои шабеҳ саъй мекунанд ва рисолати таърихии муштарак доранд. Чин дар раванди бузурги эҳёи ду тамаддуни бузург омода ҳаст, ки ҳамроҳ бо дӯстони худ дар кишварҳои узви ин созмон бо ҳамдигарфаҳмӣ ва пуштибонии якдигар мушкилоту монеаҳоро паси сар кунад.

Дигар ин ки Чин ба хотири «якдилӣ» дар инҷо ҳузур дорад. Ҳамкории Чин ва СҲИ як ҷузъи муҳимми дониста мешавад. Дар баробари тағйироти ҷаҳонӣ ва пандемияи COVID-19, ки инсоният дар тӯли садсолаҳо надида буд, Чин ва кишварҳои ин созмонро зарур аст, ки

боз ҳам зичтар муттаҳид шаванд, мавқеи муштаракро ба вуҷуд биёваранд, паёми муштарак ирсол кунанд ва манфиатҳои муштаракро ҳифз кунанд.

Дар баробари ин, Чин дар ин ҷо барои «адолат» аст. Ҷаҳони имрӯза дунёи сулҳдӯст нест, низоми байналхалқӣ ва меъёрҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ бо душвориҳои ҷиддӣ дучор шуда истодаанд. Чин омода аст, ки бо дӯстони худ аз СҲИ кор кунем то соҳибихтиёрӣ, истиқлол ва шаъну шарафи миллии ҳамаи кишварҳо ҳифз шаванд.

Бо таъкид бар нукоти боло, Чин дар ин ҷо барои «рушд» аст. Ҳамкории Чин ва кишварҳои узви СҲИ дорои имконоти зиёд, манфиатҳои иловагӣ ва захираҳои фаровон мебошад. Чин омода аст, ки бо дӯстони худ аз СҲИ пешбурди ҳамкориҳои арзишмандро дар доираи ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ», суръат бахшида, ба ин васила дар тавсеаи иқтисоди ҷаҳонӣ саҳми муносиб гузорад. Имрӯз Чин ба кишвари абарқудрат аз ҳар назар табдил ёфтааст ва дар сартосари ҷаҳон нуфузи назаррас дорад.

Падидаи наве, ки дар иҷлосияи 48-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар Покистон ба назар расид, таъсиси «Фонди (Сандуқ, Бунёд, Хазина) мақсаднок оид ба кӯмаки башардӯстона ба Афғонистон» мебошад. Боиси ифтихор аст, ки ин татбиқи яке аз пешниҳодҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки дар доираи пешниҳодҳои худ оид ба амнияти Афғонистон чандин маротиба ироа гардида буд [99].

Дабири кулли СҲИ Ҳусейн Иброҳим Таҳа ва Президенти Гурӯҳи Бонки исломии рушд доктор Муҳаммад Ал-Ҷасир оинномаи таъсиси Фондро дар рӯзи 21 марти соли 2022 ба имзо расониданд. Ҳамзамон, эълом гардид, ки Бунёди мазкур барои ҳамкории зич бо тамоми шарикон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии талошҳо оид ба таъмини сулҳу субот дар Афғонистон омода мебошад. Инчунин, Бонки исломии рушд барои беҳтар гардидани фаъолияти Фонд, аз ҷумла имзои оинномаи он

ва кушодани суратҳисоби бонкӣ барои қабули саҳмҳо тамоми чораҳои заруриро меандешад.

Бо дарназардошти он ки аксарияти аҳолии Афғонистон дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва ба корҳои гуногуни кишоварзӣ машғуланд, Бунёди мазкур ба беҳбудии амнияти озуқаворӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна барои фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифати (махсусан барои занону ҷавонон), рушди электриконидани деҳот диққати асосӣ хоҳад дод.

Дар баробари ин рӯйдод, соли 2010 Душанбе пойтахти фарҳанги исломӣ эълон шуд. Ин воқеа дар арафаи баргузории иҷлосияи ШВКХ Форуми соҳибкорони ҷаҳони ислом ба вуқуъ пайваст ва ин исботи эътирофи дастовардҳои давлати мо дар бахши иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва барқарор кардани сулҳи умумӣ, субот ва ваҳдати миллӣ бо саҳми беназири Тоҷикистон дар ҳифз ва бой гардондани фарҳанги исломӣ ва маориф мебошад. Ҳамин буд, ки бо иштироки бевоситаи Тоҷикистон Барномаи амал доир ба ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки самтҳои асосии ҳамкории СҲИ бо кишварҳои минтақаро муайян мекунад, қабул карда шуд.

Воқеаи муҳимми дигар дар раванди ҳамкории Тоҷикистон бо СҲИ баргузории иҷлосияи 38-уми Шурои мудирони Бонки рушди исломӣ мебошад, ки моҳи майи соли 2013 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Як идда аз мамолики узви созмон ва узви БИР дар амалӣ шудани як қатор тарҳҳо дар заминаи тандурустӣ, беҳдоштӣ, омӯзишу парвариш ва тавлиди неури барқ, таъмини об ва азхудкунии заминҳои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат меварзанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои исломӣ пас аз дарёфти узвияти ин созмон ба кори ин созмон ба ҷидду ҷаҳди зиёд ворид шуда, барои беҳтар шудани фаъолияти ин созмон ва умуман вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои узви созмон бо пешниҳодҳои ҷолибе баромад мекунад, ки ба манофеи кулли аъзои

созмон дохил мебошанд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як муддати начандон тулонӣ пас аз дарёфти узвияти ин созмон дар он мавқеи худро дарёфт намуда ва аз сӯйи тамоми аъзои ин созмон ба ҳайси кишвари муташаббис шинохта шудааст.

Дар заминаи мусоидатҳо, Тоҷикистон кумак мекунад, ки Белорус бо СҲИ равобит барқарор кунад, ба хусус дар пешбурди аризаи ин кишвар барои гирифтани мақоми нозир дар созмони мазкур. Мувофиқа дар ин маврид дар Душанбе дар рафти музокироти Александр Лукашенко бо Эмомалӣ Раҳмон 29 октябри соли 2011 ҳосил гардид. Ҳамчунин, ҷонибҳо дар ин мулоқот аҳаммияти минбаъдаи ҳамкориҳои самарабахши Белорусро бо Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) қайд карданд. Ҷониби Тоҷикистон изҳор дошт, ки омода аст дар татбиқи самараноки мақоми шарикии Беларус оид ба муколамаи СҲШ, таъмини иштироки пурмазмуни ҷониби Беларус дар чорабиниҳои ин созмон мусоидат намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯби СҲИ бо ҳамаи кишварҳои узви созмон бо мақсади расидан ба мақсадҳои бунёдии он ба монанди ҳамбастагии кишварҳо ва ҳамкорӣ бо кишварҳои узв, бартараф кардани ҳар гуна нажодпарастӣ, таҳкими сулҳу субот, кумак ба мардуми осебпазир, бунёди роҳу сохтмонҳои маишӣ ва беҳдоштӣ ва татбиқи барномаҳои мухталифи ба инсон нигаронидашуда дар кишварҳои узви созмон ширкат хоҳад намуд.

Таҳлили хусусияти фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲИ нишон медиҳад, ки мамлакати мо ҷонибдори он мебошад, ки ҳамаи масоил дар кишварҳои узви СҲИ аз роҳи мусолиматомез ҳаслу фасл карда шаванд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки тамоми фарҳанг ва тамаддуни миллати мо саропо сулҳу ваҳдат ва ҳамбастагиро тарғиб мекунад. Дар тули таърих тоҷик ба ҳеҷ кишваре ҳамла накардааст, фақат ва фақат аз марзу буми хеш ва хонаю кошонаю худ дифоъ намудааст. Фарзандони барӯманди миллат дар лаҳазоти

ҳассосу сарнавиштсоз силоҳ ба даст гирифта, ба мисли Коваи оҳангар домони худро парчам намуда, ба муқобили истилогарон ба мубориза бархостаанд. Аз ин рӯ, сулҳхоҳӣ ва сулҳпарварӣ аз фарҳангу тамаддуни чандинҳазорсолаи мо сарчашма мегирад. Ба қавли Фирдавсӣ:« Зи оштӣ шодӣ ояд ба чанг». Ин ҷо пас аз гурези иҷмолӣ масоили аслии хешро пайгирӣ хоҳем кард.

Инчунин, Тоҷикистон мақсад дорад барои минбаъд ҳам тавсеа ёфтани ҳамкориҳои самаранок миёни кишварҳои узв саъйю кӯшишҳо ба харҷ диҳад.

Соли 2020 сафири Тоҷикистон Аҳмад Каримӣ зимни супоридани эътиборнома ба ҳайси Намояндаи доимии ҷумҳурӣ дар назди СҲИ ба Котиби генералии созмони мазкур Юсуф Аҳмад ал Усаймин назари мақомоти роҳбарии Тоҷикистонро нисбати баланд бардоштани ҷойгоҳ ва нақши СҲИ дар оянда иброз дошт.

Ҳамзамон, дар ин мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо СҲИ ва сохторҳои он баррасӣ гардиданд. Қайд карда шуд, ки Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи байналмилалӣ ба таҳкими ҳамкории бисёрҷониба дар чорчӯби СҲИ афзалият медиҳад. Дар рафти мулоқоти мазкур ҷонибҳо инчунин доир ба масоили мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, муқовимат ба хатару таҳдидҳои замони муосир ва кӯшишҳои муштарак барои бартараф кардани паёмадҳои пандемия- COVID-19 табодули афкор карданд.

Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Созмони мазкур бо ҳамаи кишварҳои узви он барои дарёфти мақосиди бунёдӣ, минҷмула таҳкиму тақвияти ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ дар миёни кишварҳои узви созмони мазкур ҳамкорӣ мекунад.

Яке аз рӯйдоди муҳим ва умедворкунанда дар равобити Тоҷикистон бо СҲИ ин буд, ки СҲИ номзадии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳайати аъзои ғайридоимии Шурои Амнияти СММ барои солҳои 2028–2029 дастгирӣ кард.

Моҳи сентябри соли 2021 дар рафти иҷлосияи 76-уми Маҷмаи умумии СММ Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки ҷумҳурӣ ният дорад дар татбиқи мақсаду вазифаҳои Шурои амнияти СММ саҳми худро гузошта, инчунин «Таҷрибаи бойи худро дар муқобили таҳдидҳо ва барқарор кардани субот тавассути музокирот ба иштирок бигузорад» [166].

Қайд кардан лозим аст, ки дар чорчӯби ҳамкориҳои дуҷониба Тоҷикистон ва СҲИ дурнамои ҳамкориҳоро баррасӣ мекунанд. Масалан, 14 апрели соли 2022 сафири Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ, намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СҲИ бо Муншии умумии СҲИ Ҳусен Иброҳим Таҳо мулоқот кард [197]. Дар мулоқоти мазкур ҷонибҳо вазъи ҷорӣ ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СҲИ баррасӣ карданд. Дар айни ҳол шарҳи васеи раванди омодагӣ ба конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд ироа карда шуд, ки он ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» бахшида шуда буд. Дар навбати худ Ҳусейн Иброҳим Таҳо қайд кард, ки вакилони СҲИ дар ин чорабинии муҳимми байналмилалӣ дар сатҳи баланд ширкат хоҳанд кард. Ҷонибҳо ҳамчунин доир ба масоили мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла доир ба масоили башарӣ дар Афғонистон табодули афкор карданд [197]. Бо назардошти чунин арзёбиҳо Тоҷикистон ва СҲИ дар ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки ҳамкории мутақобила мебошанд. Ин муносибатҳоро таъйид карда, бартарият ва дурнамои ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар СҲИ метавон мусбат пешбинӣ кард.

Таҷрибаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ исбот мекунад, ки дар ҷараёни шаклгирӣ ташаккул ва таҳкими истиқлоли давлатӣ ва субъекти байналмилалӣ будан, Тоҷикистон роҳи дарозу мураккабро тай карда, формулаҳои прагматикии (амалӣ) ба роҳ мондани муносибатҳоро бо институтҳои байналмилалӣ ҷустуҷӯ кардааст. Дар ин замина, самаранокии фаъолияти тамоми созмонҳои байналмилалиро, ки

узвияташонро кишвари мо дорад, пешгӯӣ кардан мушкил аст. Вале ҳамон тавре қаблан роҷеъ ба ин масъала ишора рафт, ангезаи ширкат перомуни ҳар кадоме аз онҳо мухталиф мебошад. Минҷумла узвият ба ин созмон барои ҳар як узви он имконоти фаровоне муҳайё мекунад ва мақому манзалати икшварҳоро дар арсаи байналмилалӣ ба маротиб боло бурда, барои бисёре аз фаъолиятҳо ва дар дохил ва хориҷ ба ин ин кишварҳо имконият муҳайё месозад.

Аъзои созмон дар ҷиҳати ҳаллу фасли бисёре аз масоили дохилӣ ва хориҷии хеш аз сӯйи созмон кумаку ёрӣ дарёфт мекунад ва барои роҳандозии ҳамкориҳо ба дигар кишварҳо тамоми шароитҳоро муҳайё месозад.

Ин ҷо як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароите сиёсати хориҷии хешро пеш мебарад, ки масъалаи ҷаҳонишавӣ пеш омадааст ва он дар канори ҷанбаҳои мусбат шомили ҷанбаҳои манфӣ низ мебошад, ки ба тамоми паҳлуҳои ҳаёту зиндагӣ дар тамоми кишварҳо таъсиргузор мебошад. Аз ин рӯ, зимни пиёда намудани дилхоҳ масоил ин нукта боястӣ ба назар гирифта шавад, чунки ин нуктаи хеле муҳим дар сиёсати тамоми кишварҳо ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонишавӣ чунин падидаест, дар канори ҷавониби мусбати хеш ҷавониби манфӣ низ дорад ва метавонад ба якрангу якнавохтсозии миллатҳо мунҷар шавад. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки ин ҷиҳати масъаларо дарк намуда, кӯшиш ба харҷ диҳем,ки ҳувият ва аслияти хешро, ки асосу поя ва бунёди давлати моро ташкил медиҳад, онро нигоҳ дорем. Ҳувият мояи пойдорӣ ва фанонопазирии мо мебошад. Моро дар уқёнуси пурталотум ва таҳоҷуми фарҳангҳо ҳифз карда, нигоҳ медорад, чи қадар муҳим аст, барои пойдорӣ ва устувории мо.

Дар баробари ин, имрӯз дар аксари кишварҳои узви СҲИ қудрати сиёсӣ дар ихтиёри насли роҳбарони ғарбгарое қарор доранд, ки ташаккули шахсияти онҳо дар донишгоҳҳои ғарбӣ ва ё дар муҳити расмии арзишҳои ғарбӣ сурат гирифтааст. Ин воқеият дар бахше аз

кишварҳои минтақаҳои Шарқи Наздик, Халиҷи Форс, Осиёи Марказӣ ва ғайра ба хубӣ мушоҳида мешавад. Дар чунин вазъият бархӯрди ақидатии элитаҳои дунявии ғарбгаро (роҳбарон, оилаҳои ашрофӣ, хонадонҳои ҳоким) ва мардуми кишварҳои узви созмон ба яке аз доғтарин бухронҳои сиёсӣ дар баъзе аз кишварҳои СҲИ табдил шуда, яке аз ҷиддитарин сабабҳои аз рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бозмондани онҳо гаштааст. Дар ин бархӯрдҳо ғарб ба таври ошкоро аз роҳбарони ғарбгаро ҳимоят намуда, ба таври табиӣ дар зеҳни ҷомеаҳои кишварҳои узв ҳамчун яке аз тарафҳои ин низоъ шинохта мешавад. Ин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки тарбия дар шакл гирифтани хислат ва характери инсонҳо нақши калидӣ мебозад. Ва вақте кӯдак, тифл аз хӯрдӣ бо арзишҳои миллӣ ошноӣ пайдо мекунад, ӯ ба онҳо дилбаста шуда, онҳоро бо ҷони худ ламс мекунад. Ва ин арзишҳо дар мағз андар мағзи ҷони ӯ ҷо гирифта, ба як чизи ҳаётӣ ва лозимии ӯ мубаддал мешаванд. Аз ин рӯ, роҳбарони миллӣ боястӣ дар бастарҳои миллӣ тарбия биёбанд, он гоҳ онҳо дӯстдори миллату Ватани хеш мегарданд. Ин ҷо ба ин гурези иҷмолӣ хотима бахшида ба матлаби аслии хеш бармегардем, ки он СҲИ ва кору фаъолияти он мебошад.

Аммо, чуноне ки ба мушоҳида мерасад дар даҳаи сеюми асри XXI фаъолияти СҲИ ба таҳаввулоти назаррасе дучор гаштааст. Равандҳои хуб ва умедбахш, ба мисли такмили вазифаҳои созмон оид ба тақвияти салоҳияти сохторҳои худ; фаъолсозии иқдомот дар ростои ҳимояи манфиатҳои кишварҳои узв; ба кор гирифтани баъзе аз имкониятҳо аз зарфиятҳои бузурги созмон; роҳ надодан ба камбудиҳои ҷиддӣ дар фаъолияти минбаъда ва ғ. бештар дар фаъолияти СҲИ пурзӯр шуда тақвият ёфта истодаанд.

Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳамаи ин равандҳоро дар назар дошта бошад. Ҳамон тавре сарвари мамлакат ишора доранд: «Дар чунин шароит сиёсати хориҷии Тоҷикистон бояд мазмуни прагматикӣ ва воқеӣ дошта бошад ва барои ноил шудан ба

ҳадафҳои миллию давлатии кишвар мусоидат намояд. Ҳамкории фаъол метавонад аз ҳар ҷиҳат ба нигоҳ доштани симои мусбати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди устувори кишвар ва таъмини амният мусоидат намояд ва мақому манзалати Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ бамаротиб боло бибарад» [167, с.56].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон дар фаъолияти СҲИ фаъолона иштирок карда, имкониятҳо ва потенсиали онро барои ҳалли мақсад ва вазифаҳои мушаххас истифода мебарад. Самаранокии иштирок ба он ҳадафҳое вобастагӣ дорад, ки кишвар дар дурнамои дарозмуддат ва миёнамуддати худ муайян кардааст:

– нишондоди муҳим дар мавриди иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯби СҲИ як қатор ташаббусҳои ҷумҳурии мо мебошад, ки ба ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба проблемаҳои зиёди минтақаи Осиёи Марказӣ ва таҳияи лоиҳаҳое, ки бо таҳкими ҳамкорӣ дар бахши тиҷоратӣ – иқтисодии давлатҳои аъзои СҲИ алоқаманд мебошанд, бахшида шудаанд;

–Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни фаъолияти худ дар СҲИ созишномаҳоро дар бораи пурзӯр кардани вохӯриҳо дар сатҳи сарони давлатҳои узви ин созмон ба имзо расонидааст. Дар ин замина, амалҳои фаъол ва мавқеи санҷидашудаи Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои масъалаҳои мубрам оид ба татбиқи ин созишномаҳо аз ҷониби шарикони кишварамон баҳои баланди гирифтааст, ки ин як бори дигар аз пурқувват шудани мақоми байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боло рафтани мақому манзалат ва рейтинги он гувоҳӣ медиҳад ва он нуктаро собит мекунад, ки узвияти Тоҷикистон ба ин созмон ва куллан созмонҳои байналмилалӣ барои боло рафтани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ нақши калон мебозад. Дар маҷмуъ, дар назар гирифтани манофеи миллӣ дар тамоми фаъолияти кори созмон ба манфиати кор мебошад;

– моҳи майи соли 2010 курсии раисӣ дар Созмон барои як сол (моҳи декабри соли 2011) ба Тоҷикистон супорида шуд. Нахустин бор дар таърихи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ яке аз боаҳаммияттарин чорабиниҳои байналмилалии СҲИ - иҷлосияи 37-уми ШВКХ –и аъзои созмони мазкур дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар ин иртибот бояд қайд кард, ки дар рафти Машварати сарони ВКХ беш аз 100 ҳайат аз мамлакатҳои узв ширкат карданд. Дар маҷмуъ, дар чорабинии мазкур 700 нафар иштирок намуда, масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, башарӣ, илмӣ -технологӣ, фарҳангӣ ва иттилоотиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар робита роҷеъ ба масъалаҳои дахлдор қарорҳои гуногун қабул карда шуданд. Доир шудани чунин як нишасти бонуфуз боиси боло рафтани обрӯ ва мартабаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гашта, давлат ва миллати мусулмони моро дар ҷаҳон муаррифӣ мекунад. Ва ин иқдом мушти муҳкаме ба мухолифини давлати мо мебошад, ки пайваста моро дар нақзи ҳуқуқи башар ва нодида гирифтани арзишҳои исломӣ мутаҳам мекунанд.

Ҳамчунин, бо ибтикори ҷониби Тоҷикистон ва ризоияти иштирокдорон се қатънома барои баррасӣ ва омӯзиш ироа гардид, аз ҷумла:

а) истифодаи захираҳо ва имконоти транзитии кишварҳои ҳамсоя, эҳёи иқтисоди Афғонистон бо ёрии малакатҳои узви СҲИ (дар бахши масоили иқтисодӣ); б). истифодаи оқилонаи захираҳои об дар олами ислом, табодули таҷоруб ва иттилоот дар бахши мазкур (дар бахше, ки бо масоили маълумоти олӣ, илмӣ-технологӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, тандурустӣ ва муҳити зист); в). Осиёи Марказӣ ва олами ислом, дидгоҳи умумии стратегӣ. Дар баробари ин воқеа, соли 2010 Душанбе пойтахти фарҳанги исломӣ эълон шуд. Ин воқеа дар арафаи баргузории иҷлосияи ШВКХ Форуми соҳибкорони ҷаҳони ислом ба амал омад ва ин исботи эътирофи дастовардҳои давлати мо дар бахши иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва барқарор кардани сулҳи умумӣ, субот ва ваҳдати миллӣ бо саҳми

беназири Тоҷикистон дар ҳифз ва бой гардондани фарҳанги исломӣ ва маориф маҳсуб меёбад, ҳамчунин ин нукта тасбит шуд, ки мардуми Тоҷикситон мусулмони асиланд ва дар роҳи таҳкими ғояҳои исломӣ ва фарҳангу тамаддуни исломӣ низ нақши босазо доранд, давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон низ дар ин ҷода корҳои зиёдеро анҷом дода истодааст;

– вақте ҷониби Тоҷикистон мудирияти созмонро бар ухда дошт, масъалаи таъсиси Комиссияи мустақили Фаластин доир ба ҳуқуқи инсон бо тасдиқи Оиннома ва дигар масоили ҷонибии он роҳи ҳалли худро ёфтанд. Ба андешаи коршиносон, тағйири номи СҲИ, ки баъдан дар Қазоқистон (декабри соли 2011) сурат мегирад, воқеаи назаррасе буд, ки заминаҳои асосии ин дигаргуниҳо маҳз дар солҳои пешин гузошта шуда буд;

– имконияти иҷрои самараноки вазифаҳои дар пеш гузошташуда, пеш аз ҳама, бо потенсиали ислоҳоти дохилии созмон ҷиҳати ба мақсад мутобиқ кардани он бо воқеиятҳои мавҷуда дар ҷаҳон муайян карда мешавад. Тайи чанд соли ахир Тоҷикистон дар ин ҷараён бевосита ширкат варзида, асноди созмонро бо дарназардошти манофеи миллӣ ташаккул дода, ҳамкориҳои худро тавсеа бахшидааст. Минҷумла, рушду ҳамкориҳо оид ба истифодаи имконоти БИР ва дигар масоии мавриди назар мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуданд. БИР имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти назаррас дорад ва саҳми онро мо дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакат, бавежа лоиҳаҳои энергетикӣ ё ба қавли маъруф бунёди неругоҳҳои барқи бармало эҳсос мекунем.

# ХУЛОСА

Заминаҳои ташкили созмонҳои байналмилалӣ ҳанӯз дар қарнҳои пешин вуҷуд доштанд, аммо созмонҳои байналмилалӣ дар мафҳуми муосир барои аввалин бор дар асри XIX ба вуҷуд омаданд. Дар асри XX бошад, созмонҳои муътабари байналмилалӣ ва минтақавӣ рушду такомул меёбанд, ки яке аз онҳо СҲИ мебошад. Ин созмон ҳамон тавре қаблан ишора рафт танҳо созмоне дар ҷаҳон мебошад, ки бар пояи дин таъсис дода шуда, аммо кишварҳои мухталифро гирди ҳам ҷамъ овардааст, ки баъзеи онҳо сохти на динӣ, балки дунявӣ доранд, сарфи назар аз он ки аксарияти аҳолии ин кишварҳо пайрави дини ислом яке аз мазоҳиби он мебошанд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳама мусулмонанд, аммо давлат худ дунявӣ мебошад.

Тавре аз таҳлилҳои дар боло анҷомдодашуда маълум мегардад, ҷанбаҳои умумии фаъолияти ин созмон, ки заминаи ҳамкориҳоро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахшҳои мухталиф фароҳам овардаанд, инҳо мебошанд: Кодекси рафтори кишварҳои узви СҲИ дар мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ (1994); Конвенсияи мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ (1999) ва эъломияҳои марбута ба он. Дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби СҲИ талошҳои хеле муҳим дар самти ҳуқуқу озодиҳои умумибашарӣ дар асоси арзишҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ сурат гирифтааст: Эъломияи Дака роҷеъ ба ҳуқуқи инсон дар ислом (1983); Эъломияи Қоҳира оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом (1990); Паймон оид ба ҳуқуқи кӯдакон (2005). Дар иртибот ба амлӣ намудан онҳо бошад, дар доираи СҲИ якчанд ниҳодҳои ҳуқуқи башар таъсис дода шудаанд: Комиссияи мустақили доимӣ оид ба ҳуқуқи инсон (2011) ва Созмони рушди занон (2013).

Яке аз рукнҳои асосӣ дар фаъолияти СҲИ ба сатҳи баландтари рушд ва тавсеа расонидани давлатҳои узв ва таҳкими равобити иқтисодиву тиҷории байни онҳо мебошад. Дар масири рушду инкишофи ин бахш дар ҳоли ҳозир чунин созишномаҳои аз нигоҳи аҳаммияти

байналмилалӣ хеле чашгир ба тасиб раисдаанд: Созишномаи умумӣ роҷеъ ба ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва тиҷоратии байни давлатҳои аъзои СҲИ аз соли 1977 (соли 1981 эътибор пайдо кардааст); Созишнома роҷеъ ба рушд, инкишоф, ҳифз ва кафолати сармоягузорӣ байни давлатҳои аъзои СҲИ аз соли 1981 (соли 1988 эътибор пайдо кардааст); Созишномаи муқаррарӣ дар бораи низоми имтиёзҳои тиҷоратӣ байни давлатҳои аъзои СҲИ аз соли 1990 (соли 2002 эътибор пайдо кардааст); Протокол дар бораи низоми тарофаҳои имтиёзнок ба Созишномаи муқаррарии дар боло зикршуда аз соли 2005 (соли 2010 эътибор пайдо кардааст); Қоидаҳои мушаххас кардани пайдоиши коло ва амвол ба созишномаи муқаррарии дар боло зикршуда аз соли 2007 ( то имрӯз эътибор наёфтааст); Оинномаи Шурои ҳавонавардии шаҳрвандӣ аз соли 1982 (соли 2004 эътибор пайдо кардааст); Оинномаи Иттиҳодияи телекоммуникатсияи давлатҳои узв аз соли 1984 (то имрӯз эътибор пайдо накардааст); Мақоми ниҳодҳои стандарт ва метрологияи кишварҳои узви СҲИ аз соли 1998 (то имрӯз эътибор пайдо накардааст) ва ғ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлол 08.12.1992 ба сифати субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ узви СҲИ шуд. Пӯшида нест, ки мухолифони вориди ин созмон шудани Тоҷикистон низ вуҷуд доштанд, ки фикр мекарданд, Тоҷикистон бо шомил шудан ба ин созмон худро дар муқобили дигар кишварҳо, бахусус Русия ва Ғарб, қарор хоҳад дод. Соли 1996 Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои доимии Бонки исломии рушд гардид. Соли 2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвитяи парламентии СҲИ қабул карда шуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оинномаи ин созмонро 8 декабри соли 2007 парламенти мамлакат ба тасвиб расонд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Конвенсияи мубориза алайҳи терроризм, ки соли 1999 аз ҷониби СҲИ пурра қабул гардида буд, ширкати фаъолона дошт. Ин конвенсия дар фаъолияти СҲИ ҷои махусуро ишғол мекунад ва имрӯз ягона ҳуҷҷати муҳим ва ҷомеъ дар бахши мубориза бар зидди терроризм мебошад.

Баъди ба тавсиб расидани ин санад аз ҷониби парлумони Тоҷикистон дар соли 2002 ин конвенсия дар кишвари мо эътибори ҳатмии ҳуқуқӣ пайдо мекунад. ШВКХ СҲИ дар ҷаласаи 37-ум худ соли 2010 курсии роҳбарии созмонро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор менамояд. 12-уми июли соли 2011 Тоҷикистон баъди бомуваффақият анҷом додани вазифаҳои худ дар мақоми роҳбарӣ, курсии раисии СҲИ ба Қазоқистон месупорад. Мутобиқ бо қарори иҷлосияи Шурои вазирони корҳои хориҷӣ 28. 06. 2011 дар Алмаато Созмони конфронси исломӣ ба СҲИ тағйири ном мекунад. Кору фаъолият дар ниҳодҳои байниҳукуматии замони муосир ҷанбаҳои муҳимми низоми равобити байналмилалии ҳар як давлатро ташкил медиҳад. Инчунин, истифода аз манобеи зеҳнии кишварҳо метавонад ба ҳайси ҳамкорӣ ва ҳаллу фасли масоили мухталиф баромад намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ феълан дорои неруи қавии зеҳнӣ мебошад. Олимони тоҷики дар риштаҳои мухталиф таҳқиқотҳо бурда истодаанд ва дар бархе аз онҳо ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд. Аз ин рӯ, кишвари мо низ хеле бароҳат метавонад назароти хешро бобати ҳаллу фасли ин ё масоил ироа намояд. Миллати тоҷик бо таърихи чандинҳазорсолаи хеш барои аҳли башар ҳарфи гуфтание низ дорад, ки он сулҳу салоҳ ва оромиш дар тамоми ҷаҳон мебошад. Ахиран Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз ҷаласаҳои Созмони Милали Муттаҳид бо чунин пешниҳод, яъне истиқрори сулҳ дар саросари дунё баромад карданд. Ҷаҳон дер ё зуд ҳатман ба ин нукта мерасад ва инро дарк мекунад, ки бояд ҳамагон дар масири сулҳ ва оштӣ ҳаракат кунанд.

Тоҷикистон дар чаҳорчӯби СҲИ бо кулли аъзои ин созмон ба хотири ҳадафҳои аслӣ, ба мисли таҳкими ҳамкориҳои миёни кишварҳои узв, маҳви тамоми намуди табъиз, иқдом дар ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва суботи байналмилалӣ бобати истиқрои сулҳ ва ёрию мадад ба мардуми Фаластин дар масири сулҳ ва истиқрори давлати Фаластин ҳамкориҳои хеле танготангро ба роҳ мондааст.

Барои Тоҷикистон, ки давлати тозабунёди ҷаҳони муосир аст, барои татбиқи манофеи минтақавии худ иштирок дар ҳайати ташкилоти бисёрҳайата афзалияти бисёр дорад. Аз минбари ин созмон мо метавонем манофи милли хешро дифоъ карда, ҳарфи хешро ба оламиён баён дорем. Чун имрӯз ҷаҳон хеле ноором аст, аз давлатҳои узви созмон иҷоб мекунад, ки вориди созмонҳои ҳарбию низомӣ гашта, амнияти худро таъмин намоянд. Дар чунин ҳолат ба ҳам омадан ва ба якдигар наздиктар шудани ин кишварҳо ба суди онҳо тамом хоҳад шуд. Воқеаҳои охири дунё инро собит мекунанд, ки дар ҷаҳони феълӣ шарикии стратегӣ хеле муҳим аст ва давлатҳои узви созмон бо таваҷҷуҳ ба вазъияти феълии дунё дунболи чунин роҳи ҳалҳо мегарданд. Хушбахтона, Тоҷикистон ва роҳбарияти олии он дар чунин марҳалаи ҳассоси тараққиёти дунё ва бархӯди манофеи абарқудратҳо роҳи тараққии худро пайдо карда, дар масири барои худ мушххас ҳаракат карда истодааст. Тоҷикистон аз сиёсати дарҳои кушод истифода мекунад ва бо боварии том метавонем гӯем, ки дар ин масир муваффақ ҳам шудааст.

Дар чунин вазъият, иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ имкон фароҳам меорад, ки ҷиҳати ҳаллу фасли аҳдофу вазоиф дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ захираҳои иловагӣ ҷалб карда шаванд. Илова бар ин, иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқи ташаббусҳои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ низ метавонад кумак ва ёрии асосӣ бирасонад.

Бояд тазаккур дод, ки СҲИ ба ҳайси як созмони байналмилалӣ имкон дорад дар кори хеш Конвенсияи Вена мабни бар муносиботи дипломатӣ ва дахлнопазирии соли 1961-ро ба кор гирад. Ҳамзамон, СҲИ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дорои салоҳиятҳои домандор мебошад. Ин созмон метавонад дар рушду нумуи мамлакати мо саҳми арзанда гузорад ва корҳои охире, ки дар ин замина аҷом дода шуда истодаанд, гувоҳи гуфтаҳои мо мебошад. Ин созмон тавоноӣ ва қудрат дорад, ки метавонад корҳои ҳангуфтеро барои кишварҳои узви худ

анҷом диҳад. Аз ин лиҳоз, узвияти Тоҷикистон ба ин созмон дар рушду тараққии он хеле кумак хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, таҳлили робитиҳои мутақобили Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ ҳамчун асоси муҳим барои омӯзиши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ буда, имкон дод то муаллиф ба чунин натиҷаҳои илмӣ бирасад:

1. Агар ба омилҳо ва сабабҳои зуҳури СҲИ бознигарии таърихӣ сурат бигирад, мушоҳида мегардад, ки тағйири сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои Шарқ, истиқрори буржуазияи миллӣ, васеъ шудании ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ, ба ҳаракат даромадани аҳолии ба ғулом табдилдода аз вобастагии истеъморӣ, дарёфти роҳҳои ҷудогонаи рушду тараққии кишварҳои ба озодирасида; истиқрори ҳувияти миллӣ; зуҳур ва тавсеаи консепсияҳои мухталиф бар асоси афкори сиёсӣ; таъсири ташдиди бархӯрдҳои ду низомии ҷаҳонӣ, бахусус рақобати ду абарқудрат (ИҶШС ва ИМА) дар шароити ҷанги сард, сабабҳои асосии шакл гирифтан ва рушду такомули ин созмон мебошанд, ин созмон дар фазои печидаи ин муборизаҳо арзӣ ҳастӣ намуда, шакл гирифт ва ба пеш рафтааст [1-М].

2. СҲИ як созмони байналмилалӣ, байнидавлатии дорои салоҳияти умумӣ аст, ки дар худ чунин хусусиётро таҷассум менамояд: а) дар асоси қарордоди байналмилалӣ (бисёртарафа) ба вуҷуд омада амал мекунад; б) кишварҳое узвияти ин созмонро доранд, ки кишварҳои мустақил маҳсуб меёбанд; в) СҲИ мақсадҳои вижаи худро пайгирӣ мекунад; г) ин созмон ниҳодҳое дорад, ки ба таври доимӣ амал мекунанд; д) ин созмон бар пояи меъёр ва асосҳои байналмилалӣ барпо шудааст, иродаи худро дорад ва субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ маҳсуб меёбад [1-М].

3. Ҳамзамон, СҲИ хусусиятҳои хосро доро аст. Дар асоси бархӯрди илмӣ ва бо таваҷҷуҳ ба табақабандии созмонҳои байналмилалӣ СҲИ байнидавлатие мебошад, ки бо назардошти ба аъзои он як созмони байниқораӣ (он дар кишварҳои Осиё, Африқо, Аврупо ва Амрико шомил

аст) маҳсуб мешавад. Аз рӯйи меъёрҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ СҲИ байнисистемавист, мутобиқ ба фаъолияти худ ин созмон дорои салоҳияти умумӣ буда, дар робита ба равандҳои муосир бар кишварҳои озодшуда авлавият қоил аст, аз ин назар ин созмон метавонад дар ҳамаи соҳаи иқтисоди мамлакати мо бо сармоягузориҳои хеш саҳим бошад. Мо саҳми созмонро дар риштаҳои мухталифи кишвари худамон бармало эҳсос мекунем, то ба ҳол ин созмон дар лоиҳаҳои гуногуни кишвари мо сармоягузорӣ намудааст [2-М].

4. Он нуктаҳое, ки дар ин диссертатсия баён гардид, мо имкон дорем, андешаҳои сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба се гурӯҳ тақсимбандӣ намоем:

а) ислоҳоти сохтори созмон ҷиҳати ба таври самаранок фаъолияти он ва таҳкими нақши СҲИ дар арсаи байналмилалӣ;

б) тавсеаи ҳамкориҳои густарда бо давлатҳои аъзои созмон;

в) равишҳои ҳаллу фасли масъалаи таъмини некуаҳволии халқи Тоҷикистон;

г) пайдо кардани роҳҳо ва усулҳои расидан ба сулҳу амнияти умумӣ дар Афғонистон ва мубориза алайҳи ҳамагуна зуҳуроти терроризм, бунёдгароии динӣ, ифротгароӣ, таҳдидҳои нав ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар воситаҳои ҷадиди кимиёии мадҳушкунанда [2-М].

5. Бо таваҷҷуҳ ба маҷмуи пешниҳодҳои Тоҷикистон дар чаҳорчӯби СҲИ зарур аст, чунин нуктаҳои муҳим ва арзишмандро дар робита бо ин созмон ба назар бояд гирифт: ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон аксаран ба мушкилоти манотиқи Осиёи Марказӣ, таҳия ва роҳандозиии лоиҳаи марбут ба тақвияту таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии кишварҳои узви СҲИ бо Осиёи Марказӣ, тавсеаи имконоти бонкдории исломӣ дар кишварҳои пасошуравӣ, имзои ёддоштҳои тафоҳум оид ба муносибатҳои мутақобил дар заминаи иртибототи васоили нақлиёт бо аъзои зинафъи созмон, ҳамоҳангсозии стандартҳо дар қисматҳои мухталиф, ҳамкорӣ

дар масъалаи иртиқои сатҳи зиндагӣ, экология ва амнияти озуқаворӣ, тавсеаи равобити муассисаҳои таълимӣ, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳаллу фасли мушкилоти соҳибкории хусусӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва таърихӣ, аз ҷумла гирдоварӣ ва азнавсозии дастхатҳо, таъмир ва тармими ёдгориҳои таърихӣ, нашри муҷаддаи осори гаронбаҳои таърихӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, равшанӣ андохтан ба баъзе ҳаводиси таърихӣ дар асоси бозёфтҳои ахири илмии муаррихон ва дигар донишмандони соҳа ва амсоли инҳо [4-М].

6. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони кишвари ҳуқуқбунёд раванди ҷаҳониеро, ки барои ташаккули гуфтугӯйи тамаддунҳо ва динҳост, ба таври комил пуштибонӣ менамояд. Тоҷикистон зимни фаъолияти худ дар чаҳорчӯби СҲИ аз мусоидат ба гуфтугӯйи созандаи ҷонибҳои даргири низоъ, ки дар пайи дарёфти созгориву тифоқ ва истифода накардани неру ҳастанд, ба таври қатъӣ ҷонибдорӣ менамояд. Афзун бар ин, бисёре аз кишварҳои узви СҲИ шарикони муфиди ҳамкориҳо мебошанд ва месазад дар ин раванд маълум намоем, ки кадоме аз ин кишварҳо (бидуни давлатҳои Осиёи Марказӣ) ҳамчун иттифоқчии эҳтимолии стратегӣ бо Тоҷикистон буда метавонанд. Ин нукта пайдо кардани дӯстони асил дар дохили созмон низ хеле муҳим мебошад [4-М].

7. Тоҷикистон аз замони вурудаш дар СҲИ бо Котиботи генералии он тамоми равобиташро бо ниҳодҳои аслӣ ва муассисаҳои фаръии он тавсеа медиҳад. Ҳайати тоҷикистонӣ дар аксари чорабиниҳои калону домандори СҲИ, ба мисли нишасту мулоқотҳои он (8 декабри соли 1997 дар Теҳрон; 9 ноябри соли 2000 дар Доҳа; 10 октябри соли 2003 дар Патраҷай; нишасти ғайринавбатии Макка, дар декабри соли 2005, ҷаласаи вазирони умури хориҷӣ аз 24-ум ҶВКХ дар декабри соли 1996 дар Ҷакарта то 33-юм ҶВКХ дар июни соли 2010 дар шаҳри Душанбе), ҳамчунин ҷаласаи ҳамоҳангсозии вазирони хориҷи СҲИ зимни Маҷмаи умумии СММ ширкати фаъол карда, сухарониҳои пурмуҳтаво доштааст. Афзун бар ин, дар муносибат бо кишварҳои узви ин созмон нуқтаи

муҳимме, ки ба назари мо изтиробу ташвишро ба вуҷуд меоварад, баъзе тасмимҳои зидду нақизи ин созмон мебошад, гарчӣ ҳамаи кишварҳои узви созмон мусулмоннишин буда, бо низомҳои сиёсии дунявӣ ва ё исломӣ фаъолият мекунанд, вале нақш ва мавқеи ислом дар ҳар яке аз онҳо гуногун аст [4-М].

8. Дар раванди ҳамкориҳо дар доираи СҲИ масъалаи хоссе, ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба вуҷуд омад, ин мушаххас кардани навъи равобити мутақобила бо кишварҳои узви ин созмон мебошад. Имрӯз равобити Тоҷикистон аз ҳадди болои эътимоди кишварҳои узви СҲИ бархӯрдор аст. Ин ба манфиати раҳбарони сиёсии бештаре аз кишварҳои узв аст. Ҳол он ки дар бисёре аз кишварҳои узви СҲИ низомҳои номуносиби золим ва фасодзада низ ҳокиманд. Бинобар ин, аҳдофи баъзе аз ин кишварҳо то ҳол номуайян боқӣ мондааст. Барои ин Тоҷикистонро зарур аст, то бо аъзои СҲИ равобиташро ба таври баробар бо неруҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар ин кишварҳо ҳифз намояд, яъне дар дохили созмон низ бояд хеле муҳтот ва эҳтиёткор бошем ва хубро ба қавли маъру аз бад фарқ гузошта тавонем [3-М].

9. Зимни равобити мутақобилу мушорикатии Тоҷикистон ва СҲИ дар мубориза бо терроризм Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Конвенсияи мубориза бо терроризм, ки ин созмон онро соли 1999 қабул кард, ба таври фаъол ширкат намуд. Ин конвенсия аз ҷойгоҳи муҳимме бархӯдор аст ва имрӯз ҳуҷҷати ҷомеи СҲИ дар ин замина ба шумор меравад. Пас аз тасвиби он аз тарафи парлумони кишвар дар соли 2002 конвенсияи мазкур дар Тоҷикистон қувваи қонунӣ гирифт [4-М].

10. Марҳалаҳои асосии тавсеаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ дар доираи чаҳорчӯби таърихӣ чунин ба назар мерасад: марҳалаи ибтидоии барқарор гардидани робитаҳо (1992–1997); марҳалаи тавсеаи равобити миёни Тоҷикистон ва СҲИ то оғози «баҳори араб», интихоб шудани Тоҷикистон ба мақоми раисии СҲИ (1997–2011); равобити миёни Тоҷикистону СҲИ дар қаринаи воқеияти замони муосир ва эъломи

сиёсати «дарҳои боз» (2011–2015); қабули Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ ҳамчун оғози марҳалаи такмилёфтаи робитаҳо (2015 то ба имрӯз). Бо итминон метавон гуфт, ки ҷойгоҳи баланди ин ҳамкориҳо дар ҳар як марҳала гуногун ба назар мерасад. Аз ҷумла, ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба сулҳ ва пойдории сиёсӣ, муқобила бо зуҳури терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ғ. на танҳо аз ҷониби кишварҳои узви СҲИ, балки аз ҷониби бисёр кишварҳои ҷаҳони муосир дастгирӣ пайдо намоянд [4-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Дар раванди таҳлили таърихи равобити мутақобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ муаллиф лозим медонад чанд тавсияи муҳимро ҷиҳати истифодаи натоиҷи таҳқиқи ин мавзуъ дар робита ба сиёсати хориҷӣ, таҳияи лоиҳаҳои гуногуни илмӣ бо дигар кишварҳои узви СҲИ, ҳамчунин дар зимни маводди таълимӣ пешниҳод намояд:

1. Таҳлилҳои мо нишон медиҳад, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1992–2022) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ беш аз 60 қарордод, созишнома, протокол, ёддоштҳои тафоҳум дар сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба имзо шудааст. Ин санадҳо масоили гуногуни ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро танзим менамоянд, минҷумла масъалаи Афғонистонро низ дар бар мегиранд. Ин боз ҳам аз муваффақияти дипломатияи тоҷик ва уҳдабароии раҳбарияти Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари як кишвари дунявӣ, ки дар арсаи ҷаҳонӣ бар асоси сиёсати «дарҳои боз» фаъолият мекунад, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кишвари мо метавонад равобиташро бо СҲИ муваффақона ба роҳ монад. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки ин маврид яке аз мавридҳои муҳим ва асосие маҳсуб меёбад, ки ҳангоми таҳияи консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқамандӣ бо кишварҳои аъзои СҲИ боястӣ ба назар гирифта шавад. Аммо, ин нуктаро дар назар бояд гирифт, ки дар Тоҷикистон ба мисли соири кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи амният ва иқтисод дар мадди аввал қарор дорад.

2. Дар замони муосир СҲИ ягона созмоне аст, ки аз як тараф бо меъёрҳои муосир ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба кишварҳои дунявӣ дар ҳамоҳангӣ қарор дорад, аз тарафи дигар фаъолияти он ба анъанаҳое пайваста аст, ки хосси он мебошанд. Аз ҷумла, дар фаъолияти бонкҳои исломӣ гирифтани суд аз кишварҳои узви созмони мазкур, ки ин

ба онҳо қарз медиҳад, мамнуъ аст. Ин метавонад шароити бештари ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллиро фароҳам гардонад.

3. Метавон гуфт, ки дар ҳоли ҳозир ҷанбаҳои ҳамбастагии динии фаъолияти созмон ба сурати умда танҳо мавқеи сиёсии СҲИ-ро дар робита ба масоили муҳимми муосир, бахусус дар масъалаи ҷанг ва сулҳ мушаххас месозад. Аммо хислати дунявии ин созмон дар равобити байникишварӣ ва таҳкими равобити дуҷониба бештар зоҳир мешавад.

4. Кишварҳои узв дар СҲИ аз ҷониби сарони давлату ҳукуматҳо муаррифӣ шудаанд, вале амалӣ кардани қарорҳои СҲИ дар сатҳи давлатӣ хусусияти тавсиявӣ доранд. Оинномаи СҲИ амалкард ва қабули қарори дорои хусусияти ҳатмӣ барои кишварҳои узв, ки баробар ба қонунҳои милливу дохилии онҳо бошанд, истисно менамояд.

5. Дар ҳоли ҳозир вазифаҳои оинномавии СҲИ иборатанд аз: ҳалли масоили ҷанг ва сулҳ; таъмини амнияти дастаҷамъӣ, ҳалли осоиштаи низоъҳои мавҷуда; масъалаи таъмини сиёсати хориҷии ҳамоҳанги кишварҳои узв; таъмини ҳамкориҳои фарҳангӣ-иқтисодии кишварҳои узв; мубориза ба таблиғоти зиддиисломӣ; мубориза барои ҳокимияти томулихтиёри кишварҳои узв бар сари манобеи табиӣ; масъалаи таъмини кадрҳои миллӣ; истифодаи судбахши манобеи корӣ; масъалаи озуқа ва ғайра. Ба назар гирифтани ин шохисҳо зимни таҳияи самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон барои кишвари мо аҳаммияти калон доранд.

6. СҲИ дар авҷи ҷанги сард ташкил шуд ва пойгоҳи он мутобиқ ба он замон сохта шудааст. Ҳарчанд солҳои ахир дар мавқеъ ва фаъолият СҲИ тағйирот ба вуҷуд омада бошад, аммо ба назари мо, ҳоло ҳам он ба тағйири ҷиддӣ ва ислоҳоти таъхирнопазир ниёз дорад. Алалхусус, ислоҳи оинномаи он ё эҳтимоли бозбинии он, беҳбуди механизм ва сохтори СҲИ дар қаринаи муайян кардани рисолат, вазифа ва салоҳияти ниҳодҳои СҲИ, муассиса, кумита ва комиссияҳои хоси он. Тоҷикистонро

зарур аст, ки зимни ҳамкориҳо бо сохторҳои гуногуни ин созмон нукоти болоро дар мадди назар дошта бошад.

7. Айни замон рушду васеъ шудани муносиботи СҲИ бо ҷомоҳири Осиёи Марказӣ, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсии худро дарёфт кардаанд, дар «Барномаи Амали даҳсолаи СҲИ (2016–2025) барои Осиёи Марказӣ» инъикоси худро пайдо кардаанд. Амалкарди ин Барномаи соли 2025 ба итмом мерасад. Ин тақозо менамояд, ки ҷиҳати баҳрабардории хуб аз он дар Тоҷикистон саъю талоши қобили назар бояд сурат бигирад.

8. Тоҷикистон имкони фавқулодаи саҳмгузорӣ дар ислоҳоти СҲИ-ро дорад, ки он метавонанд ба фаъолияти ин созмон таъсир гузорад ва равандҳои ташаккули онро тақвият диҳад. Ба ин, пеш аз ҳама, эътибори баланди байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин эътибори ҷаҳонии Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки аз минбари баланди СММ оид ба масъалаҳои мубрами сиёсати ҷаҳонӣ ва рушди ҳамкориҳои арзишманди иҷтимоиву сиёсӣ дар олами муосир як қатор ташаббусҳои байналмилалӣ пешниҳод кардааст, мусоидат карда метавонад.

## РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ

### I. Асарҳо, китобҳо ва суханрониҳоиАсосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

1. Рахмон, Э. Какова роль стабилизации в Центральной Азии: речь Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на заседании Европейского Парламента в ходе официального визита в Брюссель. [Текст] / Э. Рахмон // The Parliament. - 2009. - №283. - С.21-23. (на англ. яз.)

2. Рахмон, Э. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан[Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе: Контраст, 2019. – 222 с.

3. Рахмон, Э. Политика мира и созидания [Текст] / Рахмон Эмомали. - Душанбе: Ирфон, 2011. – 216 с.

4. Рахмон, Э. Тысяча лет - в одну жизнь: Сборник выступлений речей, интервью и статей [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 520 с.

5. Рахмонов, Э. В новое тысячелетие, с новыми надеждами. Выступление на IX-й сессии совещания глав правительств и государств – членов Организации Исламская Конференция. Катар, 13 ноября 2000 г.[Текст]// Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации / Сост. С.С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Том 3. – 454 с.

6. Рахмонов, Э. За нормализацию ситуации и обеспечение мира. Выступление на VII встрече глав государств – членов Организации исламской конференции в Касабланке, 13-14 декабря 1994 г.[Текст] // Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации / Сост. С.С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Том 1. – 480 с.

7. Рахмонов, Э. Мы выступаем за укрепление сотрудничества и дружбы со всеми странами. Выступление на 8-й встрече глав государств-участников Организации Исламская Конференция. Тегеран, декабрь 1997 г. [Текст] // Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации / Сост. С.С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Том 2. – 424 с.

8. Раҳмон, Э. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон.– Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 516 с.

9. Раҳмон, Э. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ[Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: «Бухоро», 2012. – 132 с.

10. Раҳмон, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.

11. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.

